**Э. Сариқов, Б. Ҳайдаров**

# АСОСҲОИ ДОНИШИ ИҚТИСОДӢ 8

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ тавсия намудааст*

*Нашри чорум*

Тошканд – 2019

http://eduportal.uz

**Муқарризон:**

**А.Н.Сатторов** – методисти фанни асосҳои дониши иқтисодии Маркази таълими республика;
**Х.Т.Ҷуманов** – дотсенти кафедраи методикаи омӯзиши фанни асосҳои дониши иқтисодии ДДОТ ба номи Низомӣ.

http://eduportal.uz

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки**
**китоби республика барои иҷора чоп гардидааст.**

ISBN 978-9943-07-295-4

© Нашриёти шакли ҶММ “Ҳуқуқ ва ҷамъият”, 2019

## МУНДАРИҶА


Нишондодҳои умумӣ оид ба истифодаи китоби дарсӣ ........ 6

**Боби 1. Шиносоӣ бо иқтисодиёт**

*Мавзӯи 1.* Шиносоӣ бо иқтисодиёт ........ 8
*Мавзӯи 2.* Муаммои маҳдудият........ 12
*Мавзӯи 3.* Интихоб ва қимати муқобили он ........ 16
*Мавзӯи 4.* Истеҳсолот ва омилҳои он ........ 20
*Мавзӯи 5.* Тақсимоти меҳнат ва ихтисосонидан ........ 24
*Мавзӯи 6.* Сохторҳои иқтисодӣ........ 28
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби I* ........ *34*

**Боби II. Бозор**

*Мавзӯи 7.* Мубодила ва пул ........ 38
*Мавзӯи 8.* Бозор ва хелҳои он ........ 42
*Мавзӯи 9.* Бозорҳо ва нархҳо ........ 46
*Мавзӯи 10.* Иштирокчиёни бозор ........ 50
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби II* ........ *56*

**Боби III. Иқтисодиёти ҳоҷагии оилавӣ-хонаводагӣ**

*Мавзӯи 11.* Истеъмолкунандагон ва хелҳои хароҷот........ 60
*Мавзӯи 12.* Амвол (мулк) ва хусусигардонӣ ........ 64
*Мавзӯи 13.* Даромад ва сарват ........ 68
*Мавзӯи 14.* Ғункунӣ ва суғурта ........ 72
*Мавзӯи 15.* Қабули қарори иқтисодӣ........ 76
*Мавзӯи 16.* Ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ........ 80
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби III* ........ *84*


http://eduportal.uz

## Боби IV. Талаб ва пешниҳод

*Мавзӯи 17.* Талаб ва қонуни талаб ........................................................ 88
*Мавзӯи 18.* Омилҳое дигаре, ки ба талаб таъсир мерасонанд ..................... 92
*Мавзӯи 19.* Пешниҳод ва қонуни пешниҳод................................................ 96
*Мавзӯи 20.* Омилҳое дигаре, ки ба пешниҳод таъсир мерасонанд .............100
*Мавзӯи 21.* Нархи бозории мол ..........................................................104
*Мавзӯи 22.* Машғулиятҳои амалӣ оид ба қонуниятҳои талаб ва пешниҳод................................................................................. 108
*Мавзӯи 23.* Таъсири тағйирёбии талаб ва пешниҳод ба нархи бозор ......... 110
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби IV.......................................... 113*

## Боби V. Рақобат ва иқтисодиёти бозаргонӣ

*Мавзӯи 24.* Рақобат.............................................................................. 116
*Мавзӯи 25.* Инҳисорот (монополия) ва бозорҳои инҳисоршуда (монополияшуда)................................................................... 120
*Мавзӯи 26.* Иқтисодиёти бозаргонӣ .................................................... 124
*Мавзӯи 27.* Ӯзбекистон дар роҳи иқтисодиёти бозаргонӣ ....................... 128
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби V ............................................ 132*

## Боби VI. Низоми андоз

*Мавзӯи 28.* Андоз ва намудҳои он ........................................................ 136
*Мавзӯи 29.* Асосҳои андозситонӣ ......................................................... 140
*Мавзӯи 30.* Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои андозсупорандагон ............................. 144
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби VI.......................................... 148*
Донишатонро озмуда бинед .................................................................. 152



http://eduportal.uz

## НИШОНДОДҲОИ УМУМӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ КИТОБИ ДАРСӢ

Маводи оид ба мавзӯъҳо ба бандҳои зерин тақсим ва дар асоси тартиби маълум ба саҳифаҳои китоби дарсӣ ҷойгир карда шудаанд. Баъзе бандҳо бошад, тахти аломати муайян ҷудо карда нишон дода шудааст.

1. Рақами тартибӣ ва номи мавзӯъ.
2. Маълумоти аёнӣ, сурат, ҷадвал, диаграмма ва ғайра оид ба вазъияти муаммовӣ, ки дар баёни мавзӯи дарс кӯмак мерасонанд.
3. Матни асосии мавзӯъ, ки барои дар хона мутолиа намудан пешбинӣ шудааст.
4. Савол ва супоришҳои фаъолкунандаву ба музокира даъваткунандаи донишомӯзон.
5. Таърифи мафҳумҳои такягоҳӣ, ки дар дарс истифода мешаванд.
6. Саволҳо барои амиқгардонии дониш, такроркунӣ ва худсанҷӣ.
7. Машғулият ва машқҳои гуногуни характери амалидошта, ки ҳисобу китобро талаб менамоянд.
8. Супоришҳое, ки ба донишомӯзон барои ҷустуҷӯ ва бурдани тадқиқотҳои хурдҳаҷм чун кори мустақилона алоҳида дода мешаванд.
9. Саволҳо барои фикррони мантиқӣ ё ки супоришҳо оид ба дар гурӯҳҳо кор кардан.
10. Ғоя ва фикрҳои дар ёд нигоҳ доштан зарури дохили мавзӯъ.
11. Арзишу матлабҳои шарқонае, ки ба кишварамон хосанд ва саволу супоришҳо оид ба онҳо.
12. Маълумотҳои иловагие, ки дониш, ташаккули маданияти иқтисодӣ ва ҷаҳонбиниро васеъ менамоянд.
13. Иқтибосҳо
14. Формулаҳое, ки мафҳумҳои иқтисодиро бо ҳам мепайванданд.
15. Маводҳои иловагии тахти рукни “Фаъолияти мустақил”.

http://eduportal.uz

Дар китоби дарсӣ курси синфи 8-уми асосҳои дониши иқтисодӣ ба 30 мавзӯъ тақсим карда шудааст.

Ҳангоми баёни мавзӯи нав асосан бо маводҳои бандҳои 2—5 кор бояд кард.

Маводҳои банди 3 барои дар хона мутолиа ва омӯхтан истифода карда шаванд.

Мустаҳкам кардани мавзӯи дарсро бо ёрии савол ва супоришҳои банди 6 ва машқҳои банди 7 ба амал баровардан муфид аст.

Супоришҳои банди 8, ки ҷустуҷӯ ва тадқиқоти хурдро талаб мекунанд, барои кори мустақилонаи донишомӯзон пешбинӣ гардидаанд.

Бо мақсади мустақилона мушоҳида намудан, худсанҷӣ ва татбиқ кардани дониш истифода намудани саволҳои бандҳои 9–12 айни муддаост.

Диққати донишомӯзон бояд ба истилоҳоти такягоҳии банди 4 ва ҷумлаҳои асосии банди 10 нигаронида шавад.

Вазифаи хонагӣ бояд дар асоси савол ва супоришҳои дар дарс муҳокиманашудаи бандҳои 9—10 дода шавад.

Савол ва супоришҳои дар охири ҳар як боб додашударо барои такрори мавзӯъҳои гузашта ва ба сифати саволҳои машғулиятҳои назоратии фосилавӣ истифода намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Тестҳҳои додашуда барои амалӣ гардондани назорат хизмат мерасонанд.

Тестҳои додашуда бошад, барои амалӣ кардани назорати фосилавӣ ҳангоми тайёр кардани тестҳо ба сифати намуна хизмат мекунанд.

Дар китоби дарсӣ, ҳамчунин, маводҳо таҳти рукни “Фаъолияти мустақил” низ ҷой гирифтаанд. Ин маводҳоро донишомӯзон бояд дар вақтҳои берун аз дарс омӯзанд. Маводҳои мазкур донишомӯзонро барои фикррронии мустақил, ҷустуҷӯ ва тадқиқот равона мекунад. Ба онҳо дар бораи ислоҳоти иқтисодие, ки дар мамлакати мо амалӣ мешаванд, маълумот дода мешавад. Ҳангоми кор бо ин маводҳо албатта, аз ёрӣ ва маслиҳати устодон ва падару модарон истифода бурдан лозим.



http://eduportal.uz

*Мо фақат ба воситаи соҳибкории фаъол, меҳнати муттасил ва саъю ҳаракат ба тараққиёт, ҳаёти фаровон ноил гардида метавонем.*

*Шавкат Мирзиёев*



1

# Боби 1. Шиносоӣ бо иқтисодиёт

2



3



4



5



6



7



8



## МАВЗӮИ 1 | ШИНОСОӢ БО ИҚТИСОДИЁТ










### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Дигаргуниҳои иқтисодие, ки солҳои охир дар мамлакати мо рӯй медиҳанд, возеҳ ба назар мерасад. Ба ин дигаргуниҳо якчанд мисол биёред.
2. “... барои тараққӣ додани мамлакатамон, пеш аз ҳама, соҳаи иқтисодиётро ривоҷ додан лозим” гуфта чиро мефаҳмед? Барои асоснок кардани фикри худ аз расмҳои боло истифода баред.

Мо дар олами муттасил тағйирёбандаву ривоҷёбанда ҳаёт ба сар мебарем. Ба атроф дақиқназарона нигоҳ кунем, ба пайдоиши хелҳои нави мол ва адои хизмат, тағйирёбии талабу хохиши одамон, ҳусни нав гирифтани кӯчаҳо, шаҳру деҳаҳо гувоҳ мегардем. Дар ана ҳамин олами навшаванда зиндагонӣ карда, шумо ҳам ба ҳар як тағйирот муносибати худро баён карданатон, ба шароити нав мутобиқ гардиданатон зарур аст.

Иқтисодиёт дар байни ҷабҳаҳои ҳаёт аз ҳама бештар тағйирёбанда аст. Зеро шарту шароити барои хуб зиндагонӣ кардани одамон лозимро ҳар рӯз

http://eduportal.uz

фароҳам оварданаш зарур мебошад. Дар табиат нон, сару либос ва хонаву ҷой дар ҳолати тайёр вуҷуд надорад. Инсон маҷбур аст, ки тамоми ашёеро офарад, ки дар табиат дар шакли тайёр вуҷуд надорад. Ба ин мақсад вай хоҷагии нахустини бузургро, ки «иқтисодиёт» ном дорад, дар оғӯши табиат барпо намуд. Ҳоли ҳозир иқтисодиёт воситаи ягонаи дар рӯи замин зиндагӣ кардану камол ёфтани инсон мебошад.

Қисми таркибии асоситарини иқтисодиёт одамон мебошанд. Иқтисодиётро одам бо меҳнат ва ақлу идроки худ ба ҳаракат меорад ва идора менамояд. Қисми таркибии дуввуми иқтисодиёт табиат аст. Табиат хазинаи ашёи хоми иқтисодиёт мебошад. Қисми саввуми иқтисодиёт аз биною иншоот, заводу фабрика, роҳу кӯпрук, асбобу ускуна, мошину механизм ва як қатор ашёҳои дигари муҳити сунъӣ таркиб ёфтааст, ки онҳоро инсон бо дасти худ офаридааст.

**Иқтисодиёт** – низоми фаъолияте мебошад, ки барои иҷрои вазифаҳои истеҳсол, тақсимкунӣ ва истеъмоли ҳар гуна неъматҳое, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷҳои инсон заруранд, равона карда шудааст.

Дар натиҷаи бо ҳам омезиш ёфтани ин се қисми таркибии иқтисодиёт ҷараёнҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Ҷараёнҳои иқтисодӣ дар чор марҳала сурат мегирад. Якумӣ, неъматҳоеанд, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти инсон хизмат мерасонанд. Яъне он истеҳсоли мол, адои хизмат ва истеҳсолот аст. Ҳангоми марҳалаи дуюм моли офаридашуда ва адои хизмат тақсим мегарданд. Дар марҳалаҳои минбаъда мубодилаи онҳо ба амал меоянд ва ниҳоят дар марҳалаи хотимавӣ истеъмол мегарданд.

Одамон аз қадимулайём бо муаммои пешбурди иқтисодиёт, яъне идораи ҷараёнҳои иқтисодӣ шинос буданд. Дар Юнон ду ҳазор сол пеш китоби аввалин оид ба иқтисодиёт бо номи «Экономикос» (ба забони тоҷикӣ «санъати пешбарии хоҷагии хона») офарида шудааст. Он аз тарафи Ксенофонт таълиф ёфтааст. Мафҳуми «Экономика» (ба забони тоҷикӣ «иқтисодиёт») аз номи ҳамин китоб пайдо гардидааст.

Ҳоло иқтисодиёт ба сифати фан дар бораи роҳҳои пешбарии хоҷагии оилавӣ, хоҷагидории як давлати комил ва ҳатто хоҷагии дунё фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, иқтисодиёт фаннест, ки фаъолияти одамонро ҳангоми ҷараёни офариниши неъматҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо меомӯзад.



http://eduportal.uz

**Фанни иқтисодиёт** — фаннест, ки фаъолияти одамонро ҳангоми ҷараёни офариниши неъматҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо меомӯзад.



Ксенофонт (солҳои 430-356 пеш аз мелод зиндагонӣ кардааст) – муаррих ва файласуфи Юнон. Ксенофонт оид ба иқтисодиёт якчанд асар навиштааст.

Ксенофонт ба таърихи тафаккури иқтисодӣ аввалин шуда аҳамияти тақсимоти меҳнат, ба ченакҳои бозор вобаста будани он, қимати мол ва ба фоидаву муовиза вобаста будани он, дар ҳаҷми беҳад ҷамъ овардани пулро ҳамчун моли махсус дохил кардааст.

Фанни иқтисодиёти замонавӣ ба гурӯҳҳои макроиқтисодиёт ва микроиқтисодиёт ҷудо мешавад. Макроиқтисодиёт бошад, иқтисодиёти миқёси мамлакат ва ҷаҳонро меомӯзад. Фанни иқтисодиёти замонавӣ ба қисмҳои микроиқтисодиёт ва макроиқтисодиёт тақсим гардидааст.

Қисми калони ислоҳоти оламшумуле, ки солҳои охир дар мамлакати мо амалӣ мешаванд, ба соҳаи иқтисодиёт тааллуқ дорад. Якбора озодкунии соҳаи иқтисодиёт, ихтисор кардани дахолати давлат ба фаъолияти иқтисодӣ, барои роҳандозии фаъолияти иқтисодии ҳар як шахс шароити созгор фароҳам овардан натиҷаи ҳамин ислоҳот мебошад. Ислоҳотҳои мазкур бо иқтисодиёти ҷаҳон ҳамоҳанг сохтани иқтисодиёти мамлакати моро низ дар назар доранд. Дар натиҷа ватани мо ба зинаи тамоман нави ривоҷёбӣ қадам мегузорад.

Албатта, ин гуна тағйиротҳои куллӣ табиист, ки ба мураккабшавии муносибатҳои иқтисодӣ оварда мерасонанд. Аз ин чанд сол пеш ислоҳоти иқтисодие мисли инноватсия, иқтисодиёти рақамӣ, блокчейн, криптовалюта, кластер ба гӯшамон расида бошад, ин ба мо дахл надорад, онҳо истилоҳотеанд, ки фақат ба иқтисодиёти хориҷӣ тааллуқ дорад, гуфта қабул карда мешуд. Имрӯз бошад, дарк кардани моҳияти онҳо ва мисли онҳо истилоҳот ва мафҳумҳои мураккаб ва дар ҳаёт татбиқ кардани онҳо барои мисли шумо кадрҳои оянда аз вазифаҳои мураккаб ба шумор меравад. Шумо дар оянда соҳиби ҳар касбе, ки шавед, хоҳ соҳибкор шавед, хоҳ шифокор ё омӯзгор, хоҳ дар вазифаи роҳбарӣ кор кунед ё хизматчии оддӣ шавед, барои мукаммал

http://eduportal.uz

омӯхтани таълими иқтисодӣ маҷбур ҳастед. Зеро тафаккури иқтисодӣ барои ҳаёти фаровони ояндаи шумо ба сифати асос хизмат мекунад.

Фаровонии ҳар як шаҳрванди мамлакат ва ҳар як аъзои ҷамъияти мо дар навбати худ, барои аз сафи давлатҳои ривоҷёфта ҷой гирифтани мамлакат, ҷамъияти мо оварда мерасонад.

Донишомӯзи азиз!

Аз суханҳои дар боло зикршуда чӣ андоза зарурати омӯзиши асосҳои дониши иқтисодӣ, дар худ таркиб додани тафаккури иқтисодӣ, ташаккул бахшидани маданияти иқтисодиро ҳис карда бошед даркор.

Шумо дар давоми азхудкунии фан бо азхудкунии маводҳои назарии китоб кифоя накунед. Ҳар як боби омӯхташударо барои дар ҳамоҳангӣ бо воқеияти иқтисодии атрофатон омӯхтан ҳаракат кунед.

Бо ба даст омадани имконият ба объектҳои гуногуни иқтисодӣ равед, бо фаъолияти он ҷо ба тарзи воқеӣ шинос шавед, омӯзед, компетенсияҳои амалии худро ташаккул диҳед.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Иқтисодиёт ба сифати самти хоҷагидорӣ аз чиҳо таркиб ёфтааст?
**2.** Аз хусуси таърихи таълимоти иқтисодӣ мухтасар нақл кунед.
**3.** Марҳалаҳои ҷараёнҳои иқтисодиро номбар кунед ва бо ягон мисол онро асоснок намоед.
**4.** Зарурати омӯзиши иқтисодро ба ҳар як шаҳрванд бо се далел исбот кунед.
**5.** Донишҳои иқтисодӣ дар ҳаёти ҳамарӯза кай ва дар кадом вазъият зарур мешавад?
**6.** Фанни иқтисодиёт чиро меомӯзонад? Иқтисодиёт аз кадом қисмҳо ташкил ёфтааст?

**Дар хотир доред!**

• Иқтисодиёт воситаи ягонаи зиндагӣ кардану камол ёфтани инсон аст.

• Қисмҳои таркибии иқтисодиёт: табиат, одамон ва молҳоеанд, ки аз тарафи одамон офарида шудаанд.

• Ҷараёнҳои иқтисодӣ аз марҳалаҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол иборат аст.

## МАВЗӮИ 2 МУАММОИ МАҲДУДИЯТ



### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Инсон барои дар рӯи Замин қаноатмандона ҳаёт ба сар бурдан кадом норасоиҳо (эҳтиёҷ, мӯҳтоҷӣ)-ро эҳсос менамояд? Дар давоми 3 дақиқа рӯйхати эҳтиёҷотро тартиб диҳед. Агар вақт кифоягӣ мекард, ин рӯйхатро боз чӣ қадар давом доданатон мумкин буд? Умуман, эҳтиёҷи инсон охир ва ҳудуд дорад?
**2.** Кирмакпарваре, ки дар расми 1 тасвир ёфтааст, чӣ гуна ниёзмандиҳо дорад?
**3.** Мӯйсафед, писарони фермер ва набераaш, ки дар расми 2 тасвир ёфтаанд,чӣ гуна эҳтиёҷ доранд? Донишомӯзони дар расми 3 тасвирёфта чӣ?
4. Донишомӯзони мактаб, ки дар расми 3 тасвир шудаанд, чӣ гуна эҳтиёҷҳо доранд ва барои қонеъ кардани онҳо чиҳо лозим аст?
5. То калон шуда ба воя расидани тифле, ки дар расми 4 дида мешавад, ба ӯ чиҳо лозим аст?
6. Одамони сарватмандтарини дунё эҳтиёҷ доранд ё не? Дар баъзе мамлакатҳои қашшоқи дунё гуруснагӣ ҳукмрон аст. Ба фикри шумо сабаби он чист?

---

Инсон мавҷудоти бошуур аст. Ӯ ҳамеша ба муҳайё намудани рӯзгори хуб саъй мекунад. Шиками хирс сер шавад, ба хонааш даромада мехобад. Инсон бошад, бо ашё ва мавқеи соҳибшудааш қаноат намекунад. Вай ба истеъмоли ғизои хуб ва



http://eduportal.uz

пӯшидани либоси зебо, соҳиб шудан ба рӯзгори ободу мартабаи баланд, инчунин аз бар намудани дониши хуб ва ғайра саъю кӯшиш менамояд. Ба вай доимо чизе намерасад. Бинобар ин, «эҳтиёҷоти инсон охир ва ҳудуд надорад», мегӯем.

**Эҳтиёҷот** – мӯҳтоҷии инсон ба ашёест, ки барои дар шароити муайян зиндагӣ ва камол ёфтани ӯ зарур мебошад.

Эҳтиёҷи инсон азбаски ба шахси маълум ва ё гурӯҳ мутааллиқ аст, ба эҳтиёҷи шахсӣ ва эҳтиёҷи иҷтимоӣ тақсим мегардад.

Эҳтиёҷи шахсӣ гуфта воситаҳои шахсии гигиена, либос, газета хондан барин эҳтиёҷ номида мешавад, ки танҳо ба шахсони алоҳида тааллуқ дорад. Эҳтиёҷи иҷтимоӣ бошад, ба ҳампаҳлӯ, ҳаёти ҳамҷиҳатона ба сар бурдани одамон мутааллиқ буда, аз эҳтиёҷи умумӣ иборат аст ва муттаҳидона қонеъ гардонда мешавад.

**Иқтибосҳо аз асарҳои оид ба таърихи фан**

"Ҳайвон бо неъматҳои табиат қаноат мекунад. Барои одамон бошад, неъматҳои табиат кифоя нест. Онҳо ба ғизо, пӯшок, хонаву манзил эҳтиёҷ ҳис мекунанд. Ҳайвон неъматҳои табиатро дар ҳолати тайёр аз худ мекунад. Одам бошад, бо меҳнати худ ғизо, пӯшок, манзили зист муҳайё мекунад. Бо ин мақсад инсон бояд бо деҳқонӣ ва ҳунармандӣ машғул шавад".

***(Абӯалӣ ибни Сино)***

Эҳтиёҷҳои инсон ба ивази ягон чизи моддӣ – истеъмоли неъмат ё бо истифода аз ягон хизмат қонеъ гардиданаш мумкин. Барои офаридани чунин неъматҳо ашёи хом, қувваи ҷисмонии инсон, мошина ва механизмҳои гуногун, асбобу ускунаҳо, бино ва иншоотҳо зарур мешаванд. Ҳамаи ин чизҳо ресурсҳо (захираҳо) номида мешаванд.

Захираҳо бинобар табиати худ гуногун мешаванд. Лекин онҳоро умумӣ кунонда, ба намудҳои табиӣ, меҳнат ва капитал тақсим кардан қабул шудааст.

Манбаи захираҳои табиӣ ин худи табиат мебошад. Ба захираҳои табиӣ сарватҳои кандании рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, ҷангалҳо, об, ҳаво, нури офтобро мисол овардан мумкин аст.

Баъзеи ин гуна захираҳо барқарор карда намешаванд (нефт, газ, ангишт, маъдани оҳан ва ғайра). Баъзеи дигарашон хусусияти барқароршавӣ доранд.



http://eduportal.uz

**Манбаъҳои истеҳсолӣ** – тамоми ашёест, ки барои истеҳсоли маҳсулот ва адои хизмат заруранд.

**Неъматҳои озод** – неъматҳоест, ки табиат ба инсон муфт инъом мекунад.

**Неъматҳои иқтисодӣ** – неъматҳоест, ки инсон ба воситаи фаъолияти иқтисодиаш меофарад.

Масалан, баъди истифодаи замин онро хуб коркард намуда, пору диҳанд, самаранокии он на фақат барқарор мешавад, балки мумкин аст, ҳатто зиёд гардад.

Захираҳои меҳнат ин қисми аҳолиест, ки лаёқати меҳнат кардан дорад. Ин одамҳо дар ҷараёни офаридани неъматҳо қобилиятҳои ҷисмонию маънавии худро ҷалб намуда, ширкат мекунанд. Ин қисми аҳолӣ қисми фаъоли иқтисодии аҳолӣ низ номбар мешавад.

Дар шароити замонавӣ талабҳое, ки ба захираҳои меҳнат гузошта шудаанд, нисбат ба даврҳои пешин якбора зиёд шудаанд. Аз ҷумла, дониш, маданият, тайёрии касбии онҳо, шиносоӣ бо технологияҳои замонавӣ, саломатӣ ва ғайра.

Захираҳои намуди сеюм – ин захираҳои номи умумии капитал гирифта мебошад, ки ба он дар қатори ашёҳои моддие мисли биноҳо, иншоотҳо, воситаҳои техника, захираҳои ашёи хом, воситаҳои алоқа ва роҳҳо маблағҳои молиявӣ низ шомиланд. Маблағҳои молиявии оид ба захираҳои капиталӣ валютаи хориҷии ба ҷараёни офаридани неъматҳо ҷалб карданаш имконпазир, металҳои қиматбаҳо, маблағҳои пулии аҳолӣ ва корхонаҳоро дар бар мегиранд. Дар иқтисодиёти замонавӣ аҳамияти захираҳои ба худ хос мисли маълумот ва вақт торафт афзун мешавад. Бахусус, дар шароите, ки технологияҳои коммуникатсияҳои ахбор ривоҷ меёбанд, нақши ин гуна захираҳо беқиёс аст.

Чунонки дар боло қайд карда шуд, эҳтиёҷи инсон ҳудуд надорад. Онҳо зиёд ва гуногун мешаванд.

Миқдори захираҳо бошад, афсӯс, ки маҳдуд аст. Ба ин боис ба пуррагӣ қонеъ кардани ҳамаи эҳтиёҷҳо ва норасоиҳои инсон имкон надорад. Иқтисодшиносон ин муамморо муаммои маҳдудият меноманд ва он муаммои асосии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Бо истифода аз захираҳои маҳдуд дастурамали пеш бурдани хоҷагии оқилонаи ба қонеъкунии мукаммали эҳтиёҷҳои беохири инсон нигарондашударо фанни иқтисодиёт меомӯзонад.

Аз захираҳои маҳдудшуда чӣ гуна истифода бурдан ба маънавияти инсон низ вобаста аст. Одами аз ҷиҳати маънавӣ қашшоқ ҷиҳатҳои моддии эҳтиёҷҳои худро ба эътибор мегирад, халос. Ин бошад, оқибат ба тарзи зиндагии инсон, мавқеи ҷамъиятии ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Ба ин боис ҳар як инсон бояд ба ҷиҳатҳои моддиву маънавии эҳтиёҷи худ эътибор диҳад. Модом ки инсони дорои маънавияти баланд эҳтиёҷи моддии худро қонеъ кардан мехоҳад, ҳаракат мекунад, ки ба одамони атроф ва умуман, ҷамъият зиён нарасонад.

**Муаммои маҳдудӣ** – номутаносибии байни эҳтиёҷҳои беҳад ва захираҳои маҳдудшуда.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД !

1. Чаро эҳтиёҷоти инсон поён надорад? Эҳтиёҷи беҳад чӣ тавр қонеъ мегардад?
2. Сабабҳои гуногунии эҳтиёҷоти оилаҳое, ки дар деҳот ва шаҳр зиндагӣ мекунанд, дар чист?
3. Моҳияти муаммои маҳдудият аз чӣ иборат аст? Ба он 5 мисол оред.
4. Оила шуда зиндагонӣ кардан чӣ гуна бартарият дорад?
5. Ба ҳар як навъи захира сетогӣ мисол оред ва фарқи байни онҳоро бигӯед.
6. Ба фикри шумо боз чӣ қадар пул ҷудо карда шавад, эҳтиёҷатон ба пуррагӣ қонеъ карда мешавад?
7. Барои чӣ ба шумо тибқи хоҳишатон пул ҷудо карда намешавад? Ҷавобатонро бо маҳдудияти захираҳо асоснок кунед.

**Дар хотир доред!**

- Инсон то вақте зинда аст, ӯ доимо дар худ муҳтоҷӣ – эҳтиёҷ ба неъматҳои маълумро ҳис карда зиндагӣ мекунад.
- Эҳтиёҷоти инсон беинтиҳост.
- Барои офаридани ягон неъмат барои мо захираҳои истеҳсолот зарур аст.
- Захираҳои истеҳсолот бо фарқ аз эҳтиёҷҳо маҳдудият доранд.
- Муаммои асосии иқтисодӣ – беҳудудии эҳтиёҷҳои инсон ва барои қонеъ кардани эҳтиёҷҳои мазкур норасоии захираҳои истеҳсолот мебошад.
- Фанни иқтисодиёт бо истифода аз захираҳои маҳдудшуда роҳҳои пурра қонеъ кардани эҳтиёҷҳои беохири инсонро меомӯзад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 3 ИНТИХОБ ВА ҚИМАТИ МУҚОБИЛИ ОН





## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Падари Шоҳҷаҳон ба рӯзи таваллуди ӯ 100 000 сӯм пул дод, то ки барои худ ягон чизи дилхоҳ гирад. Ӯ хеле вақт боз мехост, ки формаи футбол, пойафзор (кроссовка) ва тӯби футбол харид кунад. Шоҳҷаҳон мағозаҳоро давр зада ҳис намуд, ки  бо ин пул танҳо ё сумка, ё пойафзор ва ё тӯби футбол харид кардан мумкин аст ва «кадоме аз онҳоро харид кунам» гӯён ба фикр ғӯта зад. Шоҳҷаҳон маҷбур аст, ки аз се имконият танҳо якеашро интихоб кунад. Имконияти мазкур дар иқтисодиёт имкониятҳои муқобил (алтернатива) номида мешавад.

Гӯем, ки барои Шоҳҷаҳон хариди ин чизҳо ба тартиби зерин ҳисси қонеъшавӣ мебахшад: 1) кроссовка; 2) тӯби футбол; 3) формаи футбол. Аз ин рӯ, вай пойафзорро харид намуд. Зеро он ба ӯ эҳсоси аз ҳама калони қонеъшавиро медиҳад. Интихоби мазкури Шоҳҷаҳон барои харид карда натавонистани тӯби футбол «гарон» меафтад. Иқтисоддонҳо онро қимати муқобили интихоб меноманд. Пас, имконияти интихобкардаи Шоҳҷаҳон, яъне қимати муқобили хариди кроссовка бо харидани тӯби футбол чен карда мешавад.

1. Чаро қимати муқобили озмуни Шоҳиҷаҳон  бо формаи футбол андоза карда намешавад?
2. Шоҳҷаҳон аз кадом сабаб пойафзорро интихоб намуд?
3. Чаро қимати муқобили интихоби Шоҳҷаҳон бо сумка (портфел) чен карда мешавад?
4. Агар Шумо ба ҷои Шоҳҷаҳон мебудед, аз ин се имконият кадомашро интихоб мекардед? Чаро?
5. Қимати муқобили интихобкардаатонро муайян намоед.

http://eduportal.uz

Истеҳсоли тамоми мол ва маҳсулоте, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷи инсон зарур мебошад, имконпазир аст. Зеро манбаъҳои иқтисодӣ маҳдуданд. Аз ин рӯ, на танҳо шахси ҷудогона, балки давлат ва ҷамъият, корхона ва фирмаҳо низ ба муаммои маҳдудият дучор мешаванд. Ҳар як фирма хоҳиши доманадор гардонидани фаъолияти худ, бештар истеҳсол кардани маҳсулоти сифатнокро дорад. Давлат мехоҳад то ҳадди имкон ба соҳаҳои таълим, тандурустӣ ва ҳифзи муҳит бештар маблағ ҷудо намояд. Мутаассифона, имкониятҳо, аниқтараш, захираҳои истеҳсолӣ маҳдуданд. Маҳз вуҷуд доштани муаммои маҳдудият аст, ки интихоби яке аз имкониятҳои мавҷуда, яъне зарурати ба як қарор омадан оид ба чӣ масраф намудани манбаи маҳдудбуда ба миён меояд. Аз имкониятҳои истифодашаванда интихоб кардани яке аз манбаъҳои маҳдудбуда *интихоб* номида мешавад.

**Интихоб** – аз имкониятҳои истифодашаванда интихоби яке аз манбаъҳои маҳдудбуда мебошад.

Дар назди фирмае, ки аз бонк қарз гирифтанист, муаммои ба ин пулҳо харидани дастгоҳи нав, васеъ намудани истеҳсолот ё таъмири бино ва дастгоҳҳои кӯҳна, хубтар намудани шароити кори коргарон меистад. Дар назди хоҷагии фермерие, ки аз давлат 10 гектар замин гирифтааст, муаммои дар баҳорон таъмин кардани кишти кадом як зироат ё зироати полизӣ кӯндаланг меистад. Ҳокимияти шаҳр, ки дар ихтиёри худ маблағи муайян дорад, дар хусуси ба таъмири роҳҳо ё сохтани мактаби нав сарф кардани пул фикр мекунад. Дар миқёси давлатӣ муаммои ба соҳаи тандурустӣ зиёд ё камтар ҷудо кардани маблағ ё барои сохтани заводи азнавкоркарди нафт сарф кардани он ба миён меояд.

Аз ҳамаи мисолҳое, ки дар боло зикр ёфтанд, зарур меояд, ки аз ду имконият якеро интихоб ва дигарашро сарфи назар намоем. Умуман *қимати муқобили интихоб* гуфта, имконияти аз ҳама бештар нафъоварандаеро меноманд, ки дар натиҷаи интихоб аз байни имкониятҳо сарфи назар карда шудааст.

**Имконоти муқобил** – ҳангоми интихоби яке аз имкониятҳо сарфи назар кардани имконияти дигар.

**Қимати муқобили интихоб** – имкониятест, ки дар интихоб сарфи назар карда шудаасту фоидаи калонтарин дорад.

Интихоб шудани як имконият ва сарфи назар гардидани имконияти дуюм на дар ҳама ҳолатҳо амалӣ мегардад. Чунин ҳолатҳое ҳам рух медиҳанд, ки ҳангоми амалӣ гардидани интихоб зарур меояд бо ҳарду интихоб муросо карда шавад. Яъне аз ҳар ду имконият қисман истифода бурда мешавад. Гӯем,



http://eduportal.uz

Абдуллоев, ки соҳиби дӯкони хусусӣ буда, бо тиҷорат машғул мешавад, аз фирмаи савдои яклухт ба 10 800 000 сӯм крем ва шампун харид кардан мехоҳад. Нархи шампун 27 000 сӯм буда, ба 10 800 000 сӯм аз он ҳамагӣ 400 дона харида гирифтан мумкин. Нархи крем бошад, 18 000 сӯм буда, ба 10 800 000 сӯм ҳамагӣ 600 дона крем харидан мумкин. Аммо Абдуллоевро зарур аст, ки ба мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мизоҷон ҳам конфет ва ҳам кулчақанд харад. Ба ин боис Абдуллоев ба нисфи пул – 5 400 000 сӯм 200 дона шампун, ба нисфи боқимонда бошад, 300 дона крем харида гирифтан мехоҳад. Яъне, ӯ ба ҳар ду имконияти худ муросо намуда, аз онҳо қисман истифода намуд. Чунин тарзи интихоб дар иқтисод ҳамчун интихоби муросоӣ (ё омехта) ба забон гирифта мешавад.

| Миқдори шампун | Миқдори крем |
|---|---|
| 0 | 600 |
| 100 | ? |
| ? | 250 |
| 200 | 300 |
| | |
| 400 | 0 |




1.Абдуллоев ба ҳамаи пули 10 800 000 сӯм боз чӣ қадар шампун ва крем харида гирифтанаш мумкин буд? 4–5-то чунин имкониятро муайян намоед ва ҷадвалро пур кунед.

**2.** Нуқтаҳои ҷадвалро дар ҳамвории координатии дар нақша буда ишора намоед ва пайваст кунед. Соҳаи бо тирҳои координатӣ ва хат ишорашуда соҳаи имкониятҳои истеҳсолӣ ном бурда мешаванд.

**3.** Ин соҳа чаро чунин ном бурда мешавад?

**4.** Имкониятеро тавсиф намоед, ки ба нуқтаи дар дохили ин соҳа хобанда (150; 250) мувофиқ омадааст. Оё дар ин ҳолат захираи пул самаранок истифода шудааст? Ҷавобро асоснок намоед.

**5.** Дар хусуси имконияте, ки ба нуқтаи берунхобидаи ин соҳа (250; 350) мувофиқ меояд, чӣ гуфта метавонед? Оё ин ҳолат дар доираи имконияти Абдуллоев ҳаст?

**6.** Нуқтаҳоеро муайян намоед, ки ба пурра истифода шудани имкониятҳои захираи пул мувофиқ омадаанд ва дар график ишора намоед.



http://eduportal.uz

**Интихоби муросоӣ** – дар як вақт кам-кам интихоб кардани якчанд имконият.

**Арзишҳо!**

**1.** Суханони мазкури маърифатпарвари машҳур Абдулло Авлониро шарҳ диҳед: «Мафҳуми иқтисод ин донистани қадри неъматҳои амсоли пул ва мол аст. Шахсе, ки ба қадри мол мерасад, ҳатто як тинро беҳуда сарф намекунад, вале дар мавриди зарурӣ сӯмро ҳам писанд намекунад».

**2.** Нақли падару бобоён «як кам дунё» чиро мефаҳмонад?

**3.** Мафҳумҳои «ризқ» ва «нафс»-ро чӣ хел мефаҳмед?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Ба дӯкони маводҳои таълимӣ ворид шудед. Дар ҷайбатон 400 сӯм пул ҳаст. Пулатон ба харидани дафтари умумӣ ё ручка мерасад. Шумо кадоме аз ин маводҳоро мехостед харид намоед? Қимати муқобили интихобатон аз чӣ иборат мешавад?

**2.** Донистани қимати муқобили интихоб барои одамон аз чӣ сабаб зарур мебошад?

**3.** Бигузор, дар маркази ноҳияатон замини холӣ мавҷуд аст. Ҳокимият метавонад дар ин ҷо шифохона, мағоза, корти теннис ё мактаб созад. Мутаассифона, дар ин майдон барои сохтани як муассиса имкон ҳасту халос. Аз тарафи дигар бошад, ҳокимият танҳо барои сохтани як муассиса маблағ дорад. Агар имкони интихобкунӣ ба шумо дода мешуд, он гоҳ ба кадом қарор меомадед? Интихобро асоснок намоед ва қимати муқобили онро муайян кунед.

**Дар хотир доред!**

- Ба туфайли муаммои маҳдудият одамон маҷбуранд аз байни мол ва адои хизмат баъзеашро интихоб намоянд.
- Чун одамон ҳукумат ва ҷамъият ҳам норасоиро ҳис мекунад, чунки эҳтиёҷи онҳо ҳам беҳад, вале манбаъҳояшон маҳдуд аст.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 4 ИСТЕҲСОЛОТ ВА ОМИЛҲОИ ОН



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Неъматҳои кадом расмҳо аз ҷониби табиат, бидуни иштироки инсон ба вуҷуд оварда шудааст?
2. Нонҳои расми 2 то тайёр шудан аз чӣ гуна зинаҳо гузаштаанд?
3. Ба фикри шумо барои ба вуҷуд омадани кадоме аз чизҳои расмҳои 3-4 иштироки инсон бештар талаб карда мешавад?
4. Барои ба вуҷуд омадани чизҳои дохили расм ба ғайр аз иштироки инсон боз мавҷудияти чиҳо талаб карда мешаванд?

Ҷараёнеро, ки инсон ба мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ неъматҳои иқтисодӣ меофарад, *истеҳсолот* ном дорад. Корхонаҳоеро, ки молу хизматҳоро меофаранд, иқтисоддонҳо *истеҳсолкунандагон*, истифодабарандагони онҳоро бошад, *истеъмолгарон* меноманд.

Истеҳсоли нон, автомобил, пойафзор, тӯб, китоб, адои хизмати меҳмонхона ё ки сартарош як қисми истеҳсоли молҳо ва адои хизмат мебошад, ки аз тарафи соҳаҳои иқтисодиёт дар замони ҳозира ба иҷро расонда мешаванд. Истеҳсоли маҳсулот ва адои хизмат чунон бисёру гуногуннавъанд, ки иқтисоддонҳо онҳоро бо якчанд роҳ ба навъҳои зерин ҷудо кардаанд:

**1.** Бо назардошти дар кадом соҳаи иқтисодиёт рӯй додани истеҳсолот:

– дар иқтисодиёт канданиҳои фоиданок: об, газ, нафт чӯб барин

неъматҳои табиӣ ба сифати ашёи хом аз табиат бевосита гирифта мешаванд. Мо ин неъматҳоро омили табиии истеҳсолот гуфта будем.

– дар соҳаи дуюми иқтисодиёт ашёи хом аз нав кор карда мешавад ва ба либос, конфет, дафтар, велосипед барин маҳсулоти тайёр табдил меёбанд.

– дар соҳаи сеюми иқтисодиёт ё ки соҳаи адои хизмат сайёҳӣ, тамошоҳои театрӣ, хизмати тиббӣ, дигар намуди хизмат расонда мешавад.

**2.** Бо назардошти аз тарафи кӣ ба иҷро расидани истеҳсолот:

– истеҳсолоти сектори давлатӣ;

– истеҳсолоти сектори хусусӣ мешавад.

**3.** Бо назардошти ба кӣ муқаррар гардидани маҳсулоти истеҳсолгардида:

– истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба истеъмолгар;

– истеҳсоли маҳсулот барои истеҳсолкунандагон тақсим мегардад.

**4.** Бинобар дараҷаи истифодабарии омилҳои истеҳсолот:

– истеҳсолоти аз маблағ бисёр фоидабаранда. Масалан, иншоот, асбобу ускунаро барои саноати кимиё, нафт, газ, автомобил бисёр истифода мебарад ва ҳиссаи онҳо дар омили истеҳсолот ниҳоят зиёд аст.

– истеҳсолгаре, ки қувваи кориро бисёр истифода мебарад. Масалан, дар сайёҳӣ, савдои чакана, тамошоҳои театрӣ барин соҳаҳои хизмат ҳиссаи онҳо дар таркиби омилҳои истеҳсолӣ, қувваи корӣ калон аст.

**Истеҳсолот** – ҷараёнест, ки инсон ба мақсади қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ неъматҳои иқтисодӣ меофарад.

Истеҳсолкунандагон одатан ба соҳаҳои истеҳсолоти *моддӣ* ва *ғайримоддӣ* тақсим мешаванд. Маҳсулот дар истеҳсолоти моддӣ ба шакли маҳсулоту молҳо истеҳсол мегардад. Заводу фабрикаҳои соҳаи саноат, хоҷагиҳои фермерию деҳқонии соҳаи кишоварзӣ барин дигар корхонаҳо мисоли истеҳсолоти моддианд.

**Истеҳсолкунандагон** — корхонаҳоеанд, ки неъматҳои иқтисодӣ меофаранд.

**Истеъмолкунандагон** — истифодабарандагони неъматҳои иқтисодӣ.

Дар соҳаи истеҳсолоти ғайримоддӣ бошад, намудҳои гуногуни хизматҳо иҷро мегарданд. Ба ҷумлаи онҳо таълим, нигаҳдории тандурустӣ, бехатарии роҳ, мудофиа, хизмати маишию коммуналӣ ва фарҳанг барин соҳаҳо шомиланд. Хизматҳо аз маҳсулоти ба шакли моддӣ ҷамъ намуда бо он фарқ мекунанд, ки онҳо ҳамчун ашё дар анборҳо нигоҳ дошта намешаванд. Онҳо дар

чараёни истеҳсолот ҳамоно истеъмол мегарданд, яъне аз онҳо истифода мебаранд.

Маълум аст, ки ба истеҳсоли ягон маҳсулот захираҳо лозиманд. Захираҳое, ки ба истеҳсолот чалб карда мешаванд, на танҳо ба сифати манбаъ ва захира, балки ба сифати омилҳои ба он таъсиркунандаю онро ба ҳаракат оваранда низ аён мегарданд. Аз ин чост, ки сарчашмаҳоеро, ки дар истеҳсолот чалб карда шудаанд, ба тариқи дигар омилҳои истеҳсолот ҳам мегӯянд. Онҳо одатан ба омилҳои табиӣ, капитал ва қувваи корӣ тақсим мешаванд. Ба омилҳои табиӣ ҳамаи захираҳои табиие, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд, шомиланд.




Омилҳои капиталӣ гуфта, захираҳои капиталие, ки ба чараёни истеҳсолот чалб карда мешаванд, дар мадди назаранд. Манбаъҳоро одатан ба захираҳои табиӣ, сармоягӣ ва меҳнатӣ чудо менамоянд. Ҳаво, об, гармӣ ва равшанӣ, сатҳи замин, боигариҳои рӯизаминӣ ва умуман, чамъи неъматҳои табиат, ки барои эҳтиёҷоти инсон заруранд, ба захираҳои табиӣ дохил мешаванд.

Вақтҳои охир фаъолияти баробари қабул кардани қарори иқтисодӣ ташкил намудани истеҳсолоти вобастаи одамон — *лаёқати тадбиркориро* низ ба қатори омилҳои табиӣ, меҳнатӣ ва сармоявии истеҳсолот (ҳамчун омили чорум) дохил мекунанд.

**Омилҳои табиӣ** — чамъи захираҳои табиӣ, ки ба истеҳсолот чалб карда мешаванд.

**Омилҳои капиталӣ** — ҳамаи захираҳои капиталӣ, ки ба чараёни истеҳсолот чалб карда мешаванд.

**Омилҳои қуввái корӣ** — ҳамаи захираҳои меҳнат, ки ба чараёни истеҳсолот чалб карда мешаванд.

Маълум, ки дар сохтмон масолеҳи аз ҳама зарууртар симон, яъне семент мебошад. Дар мисоли ташкили истеҳсоли симон омилҳои ба он вобастаро муайян мекунем. Барои ташкили истеҳсоли симон пеш аз ҳама захираи табиӣ — қитъаи замин ва чинси кӯҳӣ лозим аст; дуюм, захираи меҳнатӣ — одамон яъне, нерӯи корӣ зарур мебошад. Бе омили меҳнат — одамон, бидуни омили ақлӣ ва маҳорати онҳо ягон кор карда намешавад. Сеюм, лавозимоте, ки барои коркарди чинсҳои кӯҳӣ заруранд, асбоб, ускуна, бино ва иншоотҳо, яъне манбаъҳои сармоя бояд мавчуд бошанд.

http://eduportal.uz

Пайвастагии байниҳамдигарии ин омилҳо, ки омили чорум ба ҳисоб меравад, дар натиҷаи тадбиркорӣ амалӣ мегардад. Тадбиркор имкониятҳои истеҳсоли симонро ба мадди аввал гузошта, ташаббусро ба даст мегирад ва барои ба амал баровардани ин фаъолият ҳар се омилро муттаҳид месозаду захираҳои мавҷударо ҷалб мекунад ва қувваю ғайрат, донишу маҳорат, кордонии худро ба кор мебарад. Оқибат, чунин кӯшишу ҳаракатҳо ва тадбиркориҳои ӯ омили ба роҳ мондани истеҳсоли симон мегардад. Пас, маълум мешавад, ки истеҳсолот дар натиҷаи муттаҳидшавии омилҳои табиӣ, меҳнатӣ, сармоя ва тадбиркорӣ ба вуҷуд меомадааст. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омили тадбиркорӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

**Лаёқати тадбиркорӣ** – лаёқати истеҳсоли мол ва хизматҳо, ки ба қарорҳои иқтисодӣ қабул кардани одамон вобаста аст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Корхонаҳои ноҳияатонро номбар кунед, ки маводи моддӣ ва ғайримоддӣ истеҳсол мекунанд.
2. Ягон корхонаи ноҳияатонро муоина намоед ва аз кадом навъи захира истифода карданашро баён кунед. Омили тадбиркорӣ дар корхонаи мазкур чӣ тавр аён мегардад?
3. Фарқи байни омилҳои тадбиркорӣ ва меҳнатӣ аз чӣ иборат аст?
4. Баъди ба кор даромадани заводи автомобили шаҳри Асака дар республика чӣ гуна дигаргуниҳо ба вуҷуд омад?
5. Солҳои охир дар республикаи мо қисми зиёди пахтаи рӯёнда аз нав кор карда, дар шакли маҳсулоти тайёр ба хориҷ фурӯхта мешавад. Сабаби он дар чист?
6. Солҳои охир қисми зиёди пахтаи республикаи мо аз нав кор карда, дар шакли маҳсулоти тайёр ба давлатҳои хориҷӣ фурӯхта мешавад.

Ба фикри шумо ин барои иқтисодиёти мамлакати мо чӣ гуна афзалиятҳо дорад?

**Дар хотир доред!**

- Дар ҷараёни истеҳсолот неъматҳои иқтисодӣ офарида мешаванд.
- Дар истеҳсолот омилҳои табиӣ, маблағгузорӣ, қувваи корӣ мавҷуд аст ва ин се омил, омили мавҷудаи мутаҳҳидкунандаи лаёқати тадбиркорианд.
- Якчанд намуди истеҳсолот мавҷуд аст.

## МАВЗӮИ 5

# ТАҚСИМОТИ МЕҲНАТ ВА ИХТИСОСОНИДАН






## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар нақшаи болоӣ захираҳои барои истеҳсоли яхмос заруриӣ, ба вуҷуд омадан, дар кучо тайёр шудани онҳо қисман оварда шудааст. Дар истеҳсоли яхмос боз чӣ гуна захираҳо ҷалб гардидан, аз куҷо оварда шудани онҳоро муайян намуда, схемаро пур кунед (лозим бошад, боз катакҳои иловагӣ кашед.

Барои истеҳсоли яхмос даҳҳо одамон ширкат меварзанд ва ҳар яке аз онҳо як намуд вазифаи ба худ дахлдорро иҷро мекунанд.

1. Ин гуна тақсимшавии кор чӣ гуна афзалиятҳо дорад?
2. Ба ин чараён шумо чӣ гуна дигаргунӣ ворид кардан мехостед?

---

Ҷараёни истеҳсолот, чуноне ки дар боло таъкид намудем, дар натиҷаи муттаҳидшавии байниҳамдигарии манбаъҳо ба вуҷуд меояд. Баробари истифода аз воҳиди захира истеҳсол гардидани миқдори маҳсулот *маҳсулнокӣ* номида мешавад. Мақсади ҳар як корхона ҳар чӣ камтар истифода кардани захираҳо ва ҳамзамон ба миқдори зиёдтар истеҳсол намудани маҳсулот мебошад. Зеро ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот на танҳо ба чӣ қадар корманд кор кардан, балки ба чӣ тавр меҳнат кардан ҳам вобаста аст. Ин нишондиҳанда бо ёрии *ҳосилнокии меҳнат* муайян мегардад.

Миқдори истеҳсоли маҳсулот ва хизмат дар доираи як воҳид вақт баробари истифодаи як воҳид манбаъ (захира) *ҳосилнокии меҳнат* номида мешавад. Яъне,

$$U=Q:T$$

Дар ин ҷо Q миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда, T – вақте, ки барои истеҳсоли ин маҳсулот сарф шудааст, U – ҳосилнокии меҳнат.

Ба қатори омилҳое, ки таъсирашон ба баландшавии маҳсулнокии меҳнат ҳисшаванда аст, инҳоро дохил кардан мумкин:

http://eduportal.uz

– малака ва маҳорати касбии кормандони корхона;
– сифати дастгоҳ ва асбобу ускунаҳои истеҳсолот;
– интихоби дурусти технологияи ҷараёни истеҳсолкунӣ;
– дуруст ташкил намудани тақсимоти меҳнат.

**Маҳсулдорӣ** – миқдори маҳсулоти аз миқдори муайяни захираҳо истеҳсолшуда.

**Технология** – роҳу равиши аз кадом захираҳо дар истеҳсоли маҳсулот истифода бурдан, бо кадом усул ва пайдарҳамӣ коркард додан.

**Ҳосилнокии меҳнат** – миқдори мол ва хизматҳое, ки дар воҳиди вақт бо истифода аз як воҳиди захира истеҳсол шудаанд.

Агар дар ягон корхона ҷараёни истеҳсоли ин ё он маҳсулотро муоина кар-да бошед, албатта дидаед, ки ҷараёни коркарди ашёи хом байни кормандон тақсим карда шудааст ва ҳар як коргар танҳо кореро, ки ба худаш супорида шудааст, иҷро менамояд. Дар ин шакл ташкил кардани ҷараёни истеҳсоли маҳсулот, яъне байни коргарон ин хел тақсим намудани корро *тақсимоти меҳнат* меноманд. Дар асоси тақсимоти меҳнат тезтар ба анҷом расонидани кор, кам сарф кардани захира, ҳар чӣ зиёдтар истеҳсол намудани маҳсулоти хушсифат, яъне баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мавқеъ дорад.

**Тақсимоти меҳнат** – дар асоси тақсимкунии кор байни коргарон ташкилшавии ҷараёни истеҳсоли маҳсулот.

## ТАҚСИМОТИ МЕҲНАТ

### ҶИҲАТҲОИ МУСБӢ:

– Вақте одамон ягон корро ӯҳдабароёна иҷро мекунанд, ихтисосашонро ба ҳамон кор мутобиқ мегардонанд.
– Бо арзиши арзон бисёртар маҳсулот истеҳсол карда мешавад.
– Имконияти кор фармудани мошин ва дастгоҳҳои махсус ба вуҷуд меояд.
– Ҳар як коргар малакаи худро доир ба хубтару тезтар иҷро намудани кораш рӯз аз рӯз беҳтар кардан мегирад.
– Ҳолатҳои барои иҷрои кори баъдина аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани коргарон барҳам мехӯрад.
– Аз бар кардани касб ба коргарон осон мегардад.

### ҶИҲАТҲОИ МАНФӢ:

– Иҷрои танҳо як намуди кор шахсро хаста (дилгир) мекунад.
– Ҳамаи ашё аз рӯи қолаби якхелаи андозашуда баромадан мегирад.
– Малака ва маҳорати кормандон пасттар шудан мегирад, чунки кори онҳоро мошинҳо саранҷом медиҳанд.
– Самаранокӣ ба суръати кори ҳамаи коргарон вобаста мешавад.
– Аз сабаби он ки коргарон барои иҷрои кори якхела ихтисосманданд, дар ҳолати аз кор озод шудан ба муаммои дарёфти ҷои кор дучор мегарданд.

Дар баробари тараққӣ ёфтани истеҳсолот чараёни тайёр кардани баъзе намудҳои маҳсулот низ мураккаб мегардад. Дар миқёси як корхона тайёр кардани ин гуна маҳсулот имконнопазир шуда мемонад. Маҳз барои ҳамин ҳам корхонаҳо чараёни тайёр кардани ин гуна маҳсулот, яъне корро байни ҳамдигар тақсим менамоянд. Дар натиҷа байни корхонаҳо тақсимоти меҳнат ба вуҷуд меояд. Корхонаҳо на барои офаридани маҳсулоти том, балки истеҳсоли ягон қисми маълуми он тахассусонида мешаванд. Ин боиси ба вуҷуд омадани соҳаи истеҳсолот мегардад, ки он якчанд корхонаҳоеро дар бар мегирад, ки маҳсулоти муайян истеҳсол мекунанд. Ба тариқи мисол истеҳсоли автомобилро мегирем. Маълум аст, ки мошин зиёда аз сад деталҳои хурду калон ва қисмҳо дорад. Якто детали он, масалан, шинаҳои (қасқонҳои резинии) он дар як корхона тайёр карда шавад, оинааш дар корхонаи дуюм, муҳаррикаш бошад, дар корхонаи сеюм тайёр карда мешавад ва ғайра. Хулоса, даҳҳо корхонаҳо бо истеҳсоли қисмҳои мошин шуғл меварзанд. Ҳамаи деталлу қисмҳо ба корхонаи васлкунӣ кашонида, мошин дар он ҷо васл карда мешавад. Ҳамин тавр, корхонаҳои мазкур дар якҷоягӣ соҳаи истеҳсолоти мошинро ташкил медиҳанд ва ҳар якеашон аз рӯи деталҳои маълуме, ки меофаранд, тахассусонида мешаванд. Ба як соҳа муттаҳид гардидани корхонаҳое, ки бо истеҳсоли ягон маҳсулоти маълум машғуланд, низ дар ниҳой ба афзун гардонидани ҳосилнокии меҳнат нигаронида мешавад.

Вақте ки соҳаҳои хурд-хурди маҳсулоташон ба ҳам наздик якҷоя шуда, шабакаҳои калонтари истеҳсолотро ташкил менамоянд ва онҳо дар навбати худ якҷоя мегарданд, он гоҳ соҳаҳои истеҳсолот ба вуҷуд меоянд. Баъзан ба туфайли шарту шароит, анъанаҳо ва зарурати маҳаллӣ тамоми як қаламрави том, ҳатто мамлакатҳо ҳам ба офаридани баъзе навъҳои бисёр маҳсулот мувофиқ кунонида (тахассусонида) мешаванд. Масалан, дар Бразилия қаҳва, дар Ҳиндустон чой истеҳсол карда мешавад. Ин тахассусонидан *ихтисосонидани ҳудудӣ* номида мешавад.

**Тахассусонидан** – ин аз рӯи истеҳсоли ягон навъ ё қисми маҳсулот байни корхонаҳо тақсим шудани меҳнат мебошад.

**Тахассусонидани ҳудудӣ** – ин ба туфайли шароит, анъана ва имкониятҳои маҳал ба истеҳсолкунӣ мутобиқ омадани ягон маҳсулоти як қаламрави том мебошад.

Тахассусонидан як қатор афзалиятҳоро соҳиб бошад ҳам, боз омилҳои зерин бобати ба амал баровардани тахассусонидан имкон намедиҳанд:

**1.** Истеҳсолоти дилхоҳро ба чараёнҳои хурд, қисмҳо чӣ қадар бисёр тақсим накунед, баъди ба рақами муайян тақсим гардидан илоҷи ба қисмҳои боз ҳам хурдтар ва чараёнҳо тақсим кардан аз байн меравад.

**2.** Муовизаи мол ҳам ба тахассусонидан таъсир мерасонад. Масалан, хоҷагии фермерӣ барои рӯёндани картошка тахассусонида шуда бошад ва нархи картошка дар бадали чандин сол арзон боқӣ мондан гирад, фермер барои кишти дигар зироат гузаштанаш мумкин аст.

**3.** Ба тахассусонидан талаби бозор ҳам таъсир мерасонад. Масалан, саноати автомобилсозии мамлакатамон автомобили «Малибу»-ро нисбати автомобили «Спарк» ниҳоят кам истеҳсол мекунад. Зеро «Спарк» бо сарфакор ва арзон буданаш миқдори харидорони бисёреро пайдо кардааст.

**4.** Маҳсулотро бо ҳаҷми калон дар як ҷо баровардан ва онро ба истеъмолгар расонда додан бисёр хароҷот ва вақт талаб мекунад.

**5.** Истеъмолгарон нисбати маҳсулоте, ки дар заводу фабрикаҳо омода мегарданд, маҳсулоти ҳунармандони маҳаллиро хуш пазируфтанашон ҳам бисёр рӯй додааст. Масалан, занон нисбати маҳсулоти дар фабрикаҳо дӯхта шуда дар хонаи либосдӯзӣ тайёр гардидани либосро афзал медонанд.

**6.** Хизмати сайёҳӣ ё ки сартарошро нисбати корхонаҳои муқтадир дар шабакаҳои хурд ба амал баровардан қулайтар мебошад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ҳосилнокии меҳнат чист ва омилҳои ба он таъсиркунандаро номбар кунед.
2. Фарқи байниҳамдигарии маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии меҳнатро бигӯед.
3. Мақсади асосӣ аз тақсимоти меҳнат ва тахассусонидан дар чист?
4. Бартарӣ ва камбудиҳои тақсимоти меҳнат ва тахассусониданро номбар кунед.
5. Барои сар задани тақсимоти меҳнат ва тахассусонидан чиҳо сабабгор шудаанд?
6. Тахассусониданро дар мисоли корхонаҳо, соҳаҳо ва корхонаҳои соҳавӣ маънидод созед.
7. Тахассусонидани ҳақиқӣ чист? Вилоят, ноҳия, ҳудудеро, ки дар мамлакатамон ба истеҳсоли ягон маҳсулот тахассусонида шудааст, муайян кунед.
8. Осон будани тахассусониданро нисбати хизмати ресторан дар истеҳсоли телевизор ба роҳ монданро асоснок кунед.

**Дар хотир доред!**

• Дар тахти тараққиёти иқтисодӣ афзун гардондани маҳсулнокии меҳнат мехобад.

• Ба маҳсулнокии меҳнат тақсимоти меҳнат, малакаи кормандон, технология ва ҳолати таҷҳизот таъсир мерасонад.

• Як қатор ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии тақсимоти меҳнат мавҷуд аст.

• Мақсади асосии тахассусонидан баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва васеъ кардани имконияти истеҳсолкунандагон мебошад.

## МАВЗӮИ 6

# НИЗОМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**A**

Дар мамлакат «хоҷагии натуралӣ» ном низоми иқтисодӣ ҳукм меронад. Дар ин ҳолат:
– барои аҳолии мамлакат тамоми маҳсулоти зарурӣ дар ҳудуди он
– тайёр карда мешавад;
– маҳсулоти заруриро ҳар як оила бо маҳсулоти худ омода сохта муовиза мекунад. Зеро дар ин мамлакат пул нест; дар мамлакат бекорӣ нест;
– истеъмолгарон бо неъматҳои ниҳоят хурд қаноат ҳосил мекунанд.

**B**

Дар мамлакат тамоми муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси нақшаҳои қатъӣ ба амал бароварда мешаванд. Дар ин ҳолат:
– ҳаҷми истеҳсолот, нархҳои молу хизмат, ҳаҷми музди меҳнат аз ҷониби давлат қатъӣ муайян карда мешавад;
– маҳсулотро дар байни истеъмолгарон давлат тақсим мекунад;
– амволи асосӣ ба давлат тааллуқ дорад;
– иқтисодиёт аз тарафи давлат дар асоси фармон идора мешавад.

**D**

Дар мамлакат иқтисодиёт дар асоси тадбиркорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҳолат:
– мулки хусусӣ доман густурдааст;
– ба тадбиркорӣ роҳи васеъ кушода шудааст;
– истеҳсоли кадом маҳсулот, бо кадом ҳаҷм тайёр кардани онро тадбиркор худаш ҳал мекунад;
– нархи маҳсулот дар бозор муайян карда мешавад;
– иқтисодиёт ба воситаи омилҳои бозаргонӣ идора карда мешавад;
– давлат ба иқтисодиёт ба дараҷаи кам таъсир мерасонад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Сохтори иқтисодии мамлакатҳоро бо ҳам қиёс кунед. Дар ин ҳолат афзалият ва камбудиҳои ҳар як сохтори иқтисодиро нишон диҳед.
**2.** Дар кадом мамлакат фаъолшавии иқтисодӣ баланд аст? Аз чӣ сабаб?
**3.** Дар кадом мамлакат кадом сохтори иқтисодиро дучор омадан душвор?
**4.** Дар кадом мамлакат маҳсулот хушсифат мегардад? Сабаби он дар чист?
**5.** Дар кадом мамлакат бо кадом одамон зиндагонӣ кардан хубтар аст?
**6.** Шумо ба сохти иқтисодии кадом мамлакат тағйиротҳо даровардани будед?



http://eduportal.uz

Чуноне ки маълум аст, дар шароити маҳдуд будани захираҳо вазифаи асосии иқтисодиёт дар ҳама гуна давлатҳо аз интихоби тарзу усулҳои беҳтару одилона ва самараноктар истифода намудани захираҳои мавҷудаю пурратар қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат иборат мебошад. Дар иҷрои ин мақсад он ба муаммои дарёфти се саволи асосии зерини иқтисодиёт: «*Чиро? Чӣ гуна*? *Барои кӣ?*» рӯ ба рӯ мегардад.

Ҳар сеи ин савол барои равишҳои хоҷагидории дар ҳар гуна мамлакат (ҷамъият) мавқеъ дошта умумӣ гардида, аз ҷониби ҳар як сохтор ба таври худ ҳал мегардад ва мувофиқи ҳалли сохтору муаммоҳо он ба хоҷагидории навъҳои зерин ҷудо карда мешавад:

**Низоми иқтисодӣ** – шакли ташкил кардани ҳаёти иқтисодии ҷамъият (мамлакат).




Низоми иқтисодиёти анъанавӣ ба саволҳои Чиро? Чӣ гуна? Барои кӣ? мувофиқи анъанаҳое, ки дар ҷамъият муддати садҳо сол нигоҳ дошта шудаанд, ҷавоб медиҳад. Маҳсулот бо ёрии тарзу усулҳое, ки аз ниёгонамон мерос мондаанд, истеҳсол гардида, мувофиқу урфу одатҳои кӯҳна тақсим мешавад. Чунин навъи иқтисодиёт хеле қадимӣ буда, баробари пайдо гардидани хоҷагии натуралӣ ибтидо гирифтааст. Ҳоло бошад, дар бешазорҳои Тундра, Африқо ва Амазонка, ҷангалзорҳои Сибир, ҷазираҳои хурдтарини уқёнусҳо ва мавзеъҳои баландкӯҳ ба ҷамоат ва қабилаҳои ақибмонда дучор омадан мумкин аст, ки дар ҷудоӣ аз тамоми олам, бидуни алоқамандӣ бо ҷаҳони имрӯза ҳаёт ба сар мебаранд.

**Иқтисодиёти анъанавӣ** – низоми иқтисодиест, ки ба саволҳои асосии иқтисодиёт бо назардошти анъанаҳои дар ҷомеа буда ҷавоб медиҳад.

Аз ин ҷиҳат кишти тамокуро ба кишти ғалла ё дигар маҳсулот иваз мекунанд.

http://eduportal.uz

Дар ин сохтори иқтисодӣ қариб аксари воситаҳои истеҳсолот дар тасарруфи давлат буда, ҳамаи муаммоҳои иқтисодӣ, масъалаи чиро ва ба кадом миқдор истеҳсол карданро ҳукумат ба таври мутамарказ ҳаллу фасл менамояд. Монанди ин, тарзи истеҳсоли маҳсулот низ пешакӣ ба нақша гирифта шуда, аз ҷониби гурӯҳи мутахассисоне, ки дар марказ нишастаанд, ҳал карда мешавад. Маҳсулоти истеҳсолшударо ҳукумат тақсим мекунад, фоидаи аз истеҳсолот ба даст омада бошад, дар ихтиёри давлат монда, он низ аз рӯи нақша тақсим карда мешавад. Равиши иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ дар собиқ Иттиҳоди шӯравӣ ва як қатор мамолики сотсиалистӣ вуҷуд дошт.

**Иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ** – низоми иқтисодиест, ки дар он аксари воситаҳои истеҳсолот дар тасарруфи давлат аст ва он тамоми масъалаҳои иқтисодиро аз рӯи нақша амалӣ мегардонад.

Дар низоми иқтисодии бозор қариб ҳамаи воситаҳои истеҳсолот дар дасти шахсон ва корхонаҳои хусусӣ буда, ҷамъи гиреҳкушоиҳои иқтисодӣ аз тарафи шахсони ба сифати истеъмолгар ва истеҳсолгар иштироккунанда амалӣ гардонда мешаванд. Масъалаи аз чӣ, ба кадом миқдор истеҳсол кардани маҳсулот бо ёрии механизми бозаргонии асосаш талаб ва таклиф муайян карда мешавад (Оиди ин механизм баъдтар ба таври муфассал истода мегузарем). Масалан, агар истеъмолгарон хоҳиши харидани тамоку надошта бошанд, яъне ба тамоку талаб набошад, он гоҳ хоҷагиҳои фермерӣ аз кишти тамоку худдорӣ менамоянд, чунки дигар онро касе намехарад ва аз он фоидае ба даст намеояд.

**Иқтисодиёти бозаргонӣ** – чунин низоми иқтисодиест, ки тарзи ҳалли тамоми муаммоҳои иқтисодии асосаш моликияти хусусиро бо мадади механизми бозор муайян мекунад.

Дар низоми иқтисодиёти омехта як қисми захираҳои истеҳсолот дар тасарруфи давлат, боқимондаҳояш дар ихтиёри корхонаҳои хусусӣ ва одамон мешавад. Баъзе намудҳои мол ва маҳсулот аз ҷониби давлат истеҳсол шавад, боқимондаҳояш аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ истеҳсол мегардад. Ҳамчунин, дар иқтисодиёти омехта давлат ба сифати неруи ба тартиб оварандаи иқтисодиёт ширкат меварзад ва дар баробари ин, озодии иқтисодии истеҳсолкунандагон низ таъмин карда мешавад. Ба ин боис иқтисодиёти омехтаро иқтисодиёти иборат аз “омехта”-и бозори иқтисодиёт ва иқтисодиёти нақшавии марказонидашуда номидан мумкин. Айни замон дар бисёр давлатҳо низоми иқтисодиёти омехта ҳукмрон аст. Давлатҳое мисли

Германия, Шветсия, Норвегия, Финландия, Канадаро ба ин мисол овардан мумкин. Аҷибаш ин аст, ки дар ин давлатҳо ба иқтисодиёт сарҳалонии давлат такомул меёбад.

**Иқтисодиёти омехта** – чунин низоми иқтисодиест, ки ҷиҳатҳои мақбули ҳамаи низомҳои иқтисодиро дар худ таҷассум кардааст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Саволҳои «Чиро? Чӣ гуна? Барои кӣ?» чӣ хел муаммоҳоро дар бар мегиранд?
**2.** Низомҳои иқтисодӣ аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
**3.** Ҷиҳатҳои бартаринок ва камбудиҳои иқтисодиёти анъанавиро таҳлил кунед.
**4.** Иқтисодиёти мутамаркази нақшавиро тасвир намоед ва сабаби ба таназзул рӯй овардани онро фаҳмонед.
**5.** Иқтисодиёти бозаргониро тавсиф намоед.
**6.** Ба ҳар як сохтори иқтисодӣ мисолҳо оваред ва онҳоро шарҳ диҳед.
**7.** Ба фикри Шумо барои ба вуҷуд омадани низоми иқтисодиёти омехта чиҳо сабабгор шудаанд?
**8.** Ҳоло дар мамлакати мо кадом асосҳои низоми иқтисодӣ барпо карда мешавад?
**9.** Ба фикри Шумо дар шароити иқтисодиёти омехта аз соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ, ки дар поён номбар шудаанд, кадоме аз ҷониби давлат ва кадоме аз тарафи фирмаҳои хусусӣ идора карда мешуданд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Барои асоснок кардани ҷавобатон кӯшиш намоед:

а) таълим; б) телевизор; в) ёрии таъҷилии тиббӣ;
г) мудофиа; д) шабакаҳои чароғи барқ; е) роҳи оҳан;
ё) роҳҳои автомобилгард; ж) хоҷагии қишлоқ;
и) ҳифзи муҳити атроф.

**Дар хотир доред!**

• Дар сохтори иқтисодиёти анъанавӣ истеҳсол ва тақсимот мувофиқи урфу одатҳо, яъне усулҳое муайян карда мешавад, ки дар гузашта амал кардаанд.

• Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ қарорҳо оид ба истеҳсолот ва тақсимот бо назардошти манфиатҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ ва фирмаҳо қабул мегарданд.

• Дар сохтори иқтисоди фармонфармоӣ қарорҳои асосиро ҳукумати марказӣ қабул мекунад.

• Иқтисодиёти дилхоҳи замонавӣ «низоми омехта» буда, дорои хусусиятҳои иқтисодиёти анъанавӣ, марказонидашуда, нақшавӣ ва бозаргонӣ мебошад.

## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ

### КЛАСТЕР ЧИСТ?

Ба ҷараёни истеҳсоли замонавӣ бисёр ресурсҳо, одамон ва корхонаҳо ҷалб карда мешаванд. Масалан, маҳсулоти печениро гирем, ба таркиби он орд, шакар, равғани зард ва бисёр ашёҳои хоми дигар шомиланд. Пас маълум мешавад, ки ҷараёни тайёркунии печений аз фермерҳои расонандаи шир, лаблабу сар карда, бе иштироки заводҳои истеҳсоли орд, шакар, равғани зард амалӣ намешавад. Боз маҳсулоти бисёр корхонаҳои дигар ҳам ба сифати ашёи хоми печений аҳамият дорад.

Барои самаранок ташкил кардани истеҳсолот дар ҳамаи зинаҳои он мувофиқсозии фаъолияти корхонаҳои иштироккунанда, бо мақсади ба танзимдарорӣ ташкил кардани кластерҳои иқтисодӣ ба амалиёти иқтисодиёт татбиқ карда мешаванд. Ба кластерҳои иқтисодӣ корхона, ташкилот ва муассисаҳои вобастаи ба як ҳудуди маълум ҷойгиршуда дохил карда мешаванд. Онҳо ба воситаи байни ҳамдигар расонда додани маҳсулот, хизматрасонӣ, ташкил кардани инфрасохтор, ба роҳ мондани фаъолияти илмиву техникӣ ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд. Бо ин ҳар як иштирокчӣ ва рақобатбардории тамоми кластер мешавад ва имкониятҳояш васеъ мегардад.

**Кластери иқтисодӣ** – гурӯҳи ташкилотҳо (корхонаҳо, муассисаҳои илмиву таълимӣ ва ғайра)-и байни ҳамдигар дар ҳудуди муайян бо маҳсулоти ҷамъшуда, қисмҳои эҳтиётӣ, хизматҳои маълум, инфрасохтор таъминкунанда буда, рақобатнокии гурӯҳ ва ҳар якеи иштирокчии гурӯҳро меафзояд.


1


2


3


4


5


6

Солҳои охир дар Ӯзбекистон низ кластерҳои иқтисодӣ васеъ паҳн мешаванд. Кластерҳои пахтаву бофандагӣ, моҳипарварӣ, хӯрокворӣ ба ин мисол шуда метавонанд.

Хусусиятҳои кластери иқтисодӣ аз инҳо иборат аст: аз ҷиҳати географӣ байни ҳамдигар наздик будан; шабоҳати технологияҳо; умумияти пойгоҳи ашёи хом; мавҷудияти фаъолияти инноватсионӣ.

1. Дар асоси расмҳои болоӣ рӯйихати корхонаҳои ба истеҳсоли маҳсулоти ҳархелаи тайёри пахтагӣ вобастаро тартиб диҳед.
2. Ба рӯйихат боз чӣ гуна корхонаҳоро илова кардан мумкин?
3. Занҷири ҷараёни истеҳсоли аз коштани пундона сар карда, то ба истеъмолгар рафта расидани маҳсулоти тайёрро бо пайдарҳамии мантиқӣ созед.
4. Танҳо барои истеҳсоли куртаи мардона чӣ гуна истифода шудани захираҳои: а) табиӣ; б) капиталӣ; в) меҳнатиро муайян кунед.

Агар корхонаҳои дар расмбударо ба як низоми умумӣ муттаҳид кунанд, бинобар имкониятҳои чи гуна афзалиятҳо додани он фикри худро гӯед.

***Масъалаи 1:*** Ду нафар коргар дар панҷ рӯзи аввал 500-то, дар панҷ рӯзи дувум 750-то маҳсулот тайёр карданд. Самаранокии меҳнати якрӯзаи як нафар коргарро дар панҷрӯзаи аввал ва дувум ёбед ва байни ҳамдигар қиёс кунед.

Ҳал: Вақти умумии сарфшуда = Миқдори коргарон · Вақти сарфкардаи ҳар як коргар = 2 коргар · 5 рӯз = 10 рӯз

Самаранокии меҳнати панҷрӯзаи аввали як коргар:

ба U=Q:T = 500: 10 = 50-то,

Самаранокии меҳнати панҷрӯзаи дувуми як коргар бошад,

ба 750: 10 = 75-то баробар аст.

Акнун онҳоро муқоиса мекунем: 75:50=1,5, яъне, самаранокии меҳнати панҷрӯзаи дувуми як коргар нисбат ба якуми он 1,5 баробар зиёд будааст.

***Масъалаи 2 (барои мустақилона ҳал кардан):*** Дар фабрикаи дӯзандагӣ 120 нафар коргар ҳафтае 5 рӯз кор мекунад. Фабрика аз 1 март то 32 майи соли 2019 95040-то курта дӯхт. Ҷараёни истеҳсолот аз 1 июн ихтисосонида шуд, аз 1 сентябр ба низоми кластер гузашт. Агар аз 1 июн то 31 август 117 000-то, аз 1 сентябр то 30 ноябр 140400-то курта дӯхта шуда бошад, самаранокии меҳнати як коргарро дар шароити низомноки ихтисосониданашуда, ихтисосонидашуда ва кластер ёбед ва байни ҳамдигар муқоиса кунед. Барои ҳалли масъала аз тақвим истифода баред. Мумкин аст, яклухткунии баъзе ададҳо низ дуруст ояд.



http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ I

## А. САВОЛҲО

1. Чаро вақтҳои охир миқдори омӯзандагони иқтисодиёт зиёд мешавад?
2. Оё шарт аст, ки иқтисодиётро танҳо иқтисодшиносон донанд?
3. Ба вазъиятҳое, ки донишҳои иқтисодӣ заруранд, мисолҳо биёред.
4. Чаро эҳтиёҷоти инсон поён надорад?
5. Моҳияти муаммои маҳдудият аз чӣ иборат?
6. Ба муаммои маҳдудият 5 мисол оред.
7. Интихоб ва қимати муқобили он чист?
8. Оё бо афзунтар гардонидани ҳосилнокии меҳнат муаммои маҳдудиятро ҳал кардан мумкин аст?
9. Мақсад аз баланд бардоштани самаранокии меҳнат чист?
10. Моҳияти тақсимоти меҳнат ва ихтисосониро фаҳмонда диҳед.
11. Аз хусуси се саволи иқтисод чиро медонед?
12. Сохторҳои иқтисодиёти анъанавӣ ва марказонидашударо муқоиса кунед.
13. Ба саволҳои «Чиро? Чӣ гуна? ва Барои кӣ?» бо кадом тарз ҷавоб гуфтани низоми иқтисодиёти бозаргониро фаҳмонед. Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти бозаргониро номбар кунед.
14. Ба фикри Шумо барои ба вуҷуд омадани низоми иқтисодиёти омехта чиҳо сабабгоранд?

## Б. СУПОРИШҲО

Дар поён аввал номи истилоҳот, баъд тавзеҳоти онҳо дода шудаанд. Тавзеҳи ба ҳар як истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Эҳтиёҷ
2. Хизматҳо
3. Тадбиркорӣ
4. Манбаъҳо
5. Истеҳсолот
6. Муаммои маҳдудият
7. Интихоб
8. Қимати муқобили интихоб
9. Тахассусонидан.
10. Тақсимоти меҳнат
11. Сохтори иқтисодӣ
12. Иқтисодиёти анъанавӣ
13. Иқтисодиёти бозаргонӣ



http://eduportal.uz

**ТАВЗЕҲОТ:**

а) ҷараёни офаридани неъматҳои иқтисодӣ;

б) имконияте, ки дар натиҷаи интихоб аз он сарфи назар карда шудааст, аз ҳама зиёд фоида дорад;

в) фаъолият ва рафтору кирдоре, ки ашёи моддӣ намеофарад, вале натиҷааш эҳтиёҷотро қонеъ мегардонад;

г) байни имкониятҳои истифодабарии манбаъҳои маҳдуд интихоби яке;

д) мӯҳтоҷии инсон ба ашёи зарурӣ, ки барои дар шароити муайян камол ёфтану зиндагӣ кардани ӯ лозим аст;

е) мавҷуд набудани манбаъҳо барои пурра қонеъ гардонидани эҳтиёҷот;

ё) тамоми чизҳое, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инсон муҳайё ҳастанд;

ж) аз рӯи истеҳсоли ягон навъи маҳсулот байни корхонаҳо тақсими меҳнат;

з) фаъолияти истеҳсолкунии мол ва хизматҳои одамон, ки бо қарорҳои иқтисодии қабулкардаи онҳо вобаста мебошад;

и) ташкил кардани ҷараёни истеҳсоли маҳсулот дар пояи байни коргарон тақсим намудани кор;

й) низоми иқтисодӣ, ки тарзи ҳалли тамоми муаммоҳои иқтисодии ба моликияти хусусӣ асосёфтаро бо мадади механизми бозор муайян менамояд;

к) услуб ва ташкили механизми хоҷагидорӣ дар миқёси мамлакат (ҷомеа);

л) низоми иқтисодӣ, ки ҷавобҳои саволҳои иқтисодиётро бо назардошти анъанаҳое, ки дар ҷомеа ҳастанд, пешниҳод менамояд.

**В. ТЕСТҲО**

Аз ҷиҳати мазмун ҷавоби аз ҳама дуруст ва пурраро ба саволи додашуда муайян кунед.

**1. Эҳтиёҷот – ин...**

А. Тамоми молҳое, ки дар мағозаи маводҳои ҳамарӯза фурӯхта мешаванд;

Б. Хоҳиши одамон дар бораи ба мол ва кор соҳиб шудан;

В. Мӯҳтоҷии инсон ба ашёи зарурӣ, ки барои дар шароити муайян зиндагонӣ кардану камол ёфтани ӯ лозим аст;

Г. Майлу хоҳиши инсон, ки қонеъ гардонидани он ғайриимкон аст.

**2. Муаммои маҳдудият дар кадом вазъият дурусттар ифода ёфтааст?**

А. Дар иқтисодиёти ҳар кадом давлат доимо ягон чиз намерасад;

Б. Тамоми манбаъҳо на ҳамеша барои эҳтиёҷи инсон мерасанд;

В. Манбаъ ҳар чӣ қадар кам бошад, он ҳамон қадар камёб мешавад;

Г. Дар оила доим чизе намерасад.

**3. Мисолҳои дар кадом гурӯҳ овардашуда танҳо барои эҳтиёҷоти маънавӣ тааллуқ доранд?**



http://eduportal.uz

А. Дафтар, соат, телевизор ва навиштани мактуб;
Б. Яхмос, компутер, таълим, варзиш;
В. Таълим, мусиқӣ, касбу ҳунар, одоб;
Д. Забономӯзӣ, китобхонӣ, бо телефон гап задан, қалам.

**4. Мисолҳои дар кадом гурӯҳ овардашуда танҳо ба эҳтиёҷҳои иҷтимоӣ тааллуқ доранд?**

А. Роҳ, нақлиёти ҷамъиятӣ, мактаб, либос, соати дастӣ;
Б. Мудофиа, соҳаи тандурустӣ, алоқаи телефонӣ, китобхона, осорхона;
В. Ёдгориҳои таърихӣ, шифохона, дӯкони хусусӣ, метро, велосипед;
Г. Мамнӯъгоҳ, дарё, боғи истироҳат.

**5. Агар фермер дар замини худ гандум корад, 40 тонна, агар шолӣ корад, 80 тонна ҳосил гирифта метавонад. Қимати муқобили як тонна гандум ...**

А. Муайян кардан ғайриимкон, чунки чӣ қадар гандум ва чӣ қадар шолӣ коридани фермер маълум нест;
Б. ба 0,5 тонна шолӣ баробар аст;
В. ба 4 тонна шолӣ баробар аст;
Г. ба 2 тонна шолӣ баробар аст;

**6. Омилҳои истеҳсолот – ин...**

А. Маҳсулнокӣ ва самаранокии меҳнат;
Б. Тақсимоти меҳнат ва тахассусонидан;
В. Танҳо бино, иншоотҳо, асбобу ускуна ва дастгоҳҳо;
Г. Захираҳои табиӣ, меҳнат, сармоя ва тадбиркорӣ.

**7. Дар кадоме аз гурӯҳҳои зерин аз ҳар се захираи истеҳсолот мисолҳо оварда шудааст?**

А. Саҳро, трактор, пахта; Б. Офис, менеҷер, роҳбар;
В. Нафт, завод, коргар; Г. Компютер, барномасоз, принтер.

**8. Муаммои асоситарини дар назди ҳар гуна низом истода ин ...**

А. Истеҳсолот; В. Истеъмол;
Б. Маҳдудият; Г. Тақсимот.

**9. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ...**

А. Қисми асосии моликият дар дасти шахсони хусусӣ мебошад;
Б. Давлат мулкдори ягона мегардад;
В. Ба моликияти давлатӣ устуворӣ дода мешавад;
Г. Мулк моҳияташро гум мекунад.

10. Дар кадом ҳолат самаранокии меҳнати якрӯза баланд аст?
А. 12 нафар коргар 120 детал тайёр мекунад.
Б. 8 коргар 95 детал тайёр мекунад.
В. 11 коргар 105 детал тайёр мекунад.
Г. 20 коргар 200 детал тайёр мекунад.



http://eduportal.uz

*Мо, ки тамойилҳои бозори озодро роҳандозӣ кардан мехоҳем, ислоҳ кардани шабакаҳои пешбари иқтисодиёт ва тавассути ривоҷдиҳӣ муҳити рақобати солимро офариданамон шарт аст...*

***Шавкат Мирзиёев***










# Боби II. Бозор

















## МАВЗӮИ 7 МУБОДИЛА ВА ПУЛ







### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Бигузор, ба мӯзадӯзе, ки дар расми боло акс гардидааст, нон, ба нонвой – орд, ба осиёбон – гандум, ба деҳқон – дос ва ба оҳангар – мӯза зарур бошад:
**1.** Дар чунин ҳолат мӯзадӯзе, ки фақат ба як дона нон эҳтиёҷ дорад, мӯзаи дӯхтаашро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ чӣ тавр ба нон иваз намудааст? Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?
**2.** Ин ҷараёни мубодиларо чӣ тавр осон кардан мумкин?
**3.** Барои кадоме аз маҳсулоти дар боло номбаршуда кӣ ба иваз кардани моли худ розӣ мешавад?
**4.** Агар яке аз маҳсулоти дар боло номбаршуда барои ба амал баровардани пардохти дигар маҳсулот ва ҳамчун воситаи универсалии мубодила (пул) интихоб карда мешуд, он гоҳ мӯзадӯз эҳтиёҷи ба нон доштаашро чӣ тавр қонеъ мегардонд?
5. Оё гуфта метавонед, ки нон ва гандум ба сифати воситаи бадалкунии универсалӣ чӣ гуна тарафҳои мусбиву манфӣ доранд?

Одамон дар қадим қабила-қабила шуда зиндагӣ кардаанд. Ҳар як қабила барои худ маҳсулоти зарурии хӯрокворӣ, пӯшок ва олоти меҳнати оддиро истеҳсол карда, истеъмол намудааст. Ин гуна хоҷагӣ шакли нахустини иқтисодиёт буда, он хоҷагии натуралӣ номида мешавад. Ҳар як аъзои хоҷагии натуралӣ барои истеҳсоли намуди маҳсулоти муайян ба оҳистагӣ мутобиқ шудааст. Бо гузашти вақт соҳиби ҳар як касб маҳсулоти худро



http://eduportal.uz

бо дигарон ба нисбати маълум иваз кардааст, яъне, мубодила намудааст. Ба ҳамин тариқ маҳсулоти ба мубодилакунӣ пешбинишуда – мол ба вуҷуд омадааст.

**Мубодила** – ин ивазкунии бевоситаи як маҳсулот ба маҳсулоти дигар.
**Мол** – маҳсулотест, ки ба мақсади мубодила тайёр карда шудааст.

Баъди он ки одамон коркарди филизро ёд гирифтанд, пулҳои филизӣ пайдо шуданд. Баъдтар пулҳо аз маъданҳои қиматбаҳо, тилло ва нуқра ба муомила баромаданд.

Вақте ки порчаҳои нуқра ва тиллои вазнашон гуногун ба сифати пул истифода мешуданд, зарурати дар тарозу баркашидани онҳо ба миён меомад. Ба мақсади бартараф намудани ин номувофиқатӣ ба муомилот *тангаҳо* бароварда шуданд, ки шаклу вазни муайян ва мӯҳрҳои гуногун доштанд. Бо мурури замон норасоиҳои тангаҳо низ маълум гардиданд. Тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ аз даст ба даст гузашта, тунуктару сабуктар мегардиданд ва ин дар навбати худ ба паст шудани арзиши аввалаи онҳо, яъне ба кам гардидани қобилияти мубодилашавиашон ба молҳои дигар оварда расонд. Аз ин рӯ, одамон аз пайи ҳалли ин муаммо пиёда гардиданд ва дар натиҷа пулҳои коғазӣ пайдо шуданд. Ин гуна пулҳо бори аввал соли 812 дар Чин сикка зада шуда, дар мамлакатҳои дигар бошад, онҳо дертар ба миён омадаанд.

**Пул** – воситаи махсуси мубодила, ки барои ба амал баровардани пардохти маҳсулот ва хизмат пешбинӣ шудааст.

Дар ҳар гуна мамлакат таърихан худ низоми пул ташаккул меёбад. Низоми пул – ин шакли аз ҷониби давлат ташкил кардани муомилаи пулӣ мебошад. Дар низоми пул элементҳои зеринро ҷудо намуда, нишон додан мумкин:

– Воҳиди пул – ин номи пули дар мамлакат қабулшуда (сӯм, доллар, йена ва ҳоказо). Воҳиди пул – ин нишонаи пул аст, ки барои муайян кардани нархи мол истифода мешавад. Дар ИМА воҳиди пул доллар аст. Воҳиди пул боз мумкин аст ба қисмҳои хурд тақсим шавад. Масалан, 1 доллар ба 100 сент баробар аст.

– Андозаи нархҳо – ин усули андоза кардани қиматҳои мол мебошад. Таври дигар гӯем, ба воситаи андозаи нархҳо функсияи андози қимати пул ифода карда мешавад.

– Намудҳои пул ва усулҳои ба муомила баровардани онҳо. Намудҳои пул – ин номиналҳои пулҳои коғазӣ ва тангаҳо дар муомила мебошад. Сӯме, ки аз ҷониби Бонки марказии Республикаи Ӯзбекистон бароварда шудааст, мисоли намуди пул мебошад. Ҳамчунин, пулҳои нақд (коғаз ва танга) ва бенақд (намуди навишт дар ҳисобрақами бонк)-ро ҳам фарқ мекунанд.

– Низоми эмиссияи пул – ба муомила баровардан ва тартиби гардиши нишонаҳои пул. Эмиссияи пул аз ҷониби Бонки марказӣ амалӣ карда мешавад. Бонки марказӣ корҳои маҳдудкунӣ ва мувофиқсозии гардиши пулро низ амалӣ месозад.

Гардиши пул – ин ҳаракати пулҳои дар хариду фурӯши мол, пардохтҳои ғайримолӣ ва ҳисобу китобҳои дигари гуногуни дар муомила буда аст.

Қисмҳои таркибии гардиши пул гуфта, инҳоро овардан мумкин аст:

– Гардиши пардохт – ин амалӣ шудани ҳаққи кор, андозҳо, харида гирифтани коғазҳои қиматбаҳо ва молҳои дигари маҷбурист.

– Гардиши пули ғайринақд – ин қисми бидуни пули нақд ба воситаи навиштаҷот дар ҳисобрақами бонк амалишавии гардиши пул мебошад.

– Гардиши пули нақд – ин қисми пули нақд корфармояндаи гардиши ҳамаи пул ба сифати воситаи муомила ва пардохт мебошад.

Чизе, ки ба сифати пул истифода бурда мешавад, бояд дорои хусусиятҳои зерин бошад:

– барои ҳамроҳи худ гирифта гаштани одамон созгор, яъне мӯъҷаз будан;

– аз материали пухта ва тобовар будан, бо гузашти вақт сифат ва қимати худро гум накардан;

– камёб, имконияти ба он дастрас ии ҳама маҳдуд будан;

– мавҷудияти навъҳои қиматҳои гуногунро ифодакунанда;

– осон шинохташаванда ва сохта кардани он душвор будан.

Функсияи якуми пул – пул ин воситаи муомила аст. Бо ёрии пул молҳо бо пул муовиза карда мешаванд. Дар натиҷа ивазшавии мол – пул амалӣ мешавад. Дувум, пул – ин воситаи андозаи қимати пул аст. Қимати ҳар як мол бо пул андоза карда мешавад. Қимати бо пул ифодагардидаи мол нархи онро муайян мекунад. Савум, пул воситаи хазинаи сарватмандӣ аст. Молро бо пул иваз карда, бо пули ба даст омада моли дигар нагирифта, онро то вақти маълум нигоҳ доштан, яъне хазина кардан мумкин.

Дар савдои байналхалқӣ пул функсияи пулҳои дунё, ҳангоми барои мол пул пардохтан бошад, функсияи воситаи пардохтро низ иҷро мекунад.

Айни замон намудҳои пули нақд – пулҳои танга ва коғазӣ; кредит – пулҳои намуди вексел, банкнота, чек; пулҳои ғайринақд; пулҳои дар картаҳои пластикии пардохт ва кредит буда; пулҳои электронӣ мавҷуд аст.



http://eduportal.uz

Массаи пул ин ҳаҷми умумии пулҳои накди дар муомила буда ва ғайринакди дар ҳисобрақами бонкҳо мавҷуда мебошад, ки дар ихтиёри шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин, давлат мебошад. Массаи пул нишондоди муҳимест, ки чӣ гуна кор кардани пулро нишон медиҳад. Дар шароити низоми замонавии пул суръати гардиши пул шиддат меёбад, афзоиши массаи пул бошад, суст мегардад. Яъне, пул хубтар кор карда истодааст.

Ҷон Мейнард Кейнс ба иқтисодиёти бозор зарурати омезиши васеъи давлатро асоснок карда дод ва бинобар сиёсати пул-кредит модели худро таклиф намуд. Бинобар гуфтаи ӯ сиёсати қатъии андоз ва сиёсати сабуки пул дар муштаракӣ афзоиши иқтисодии баркарорро таъмин мекунанд.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Дар бораи ҷараёни иваз кардани маҳсулот дар қадим маълумот диҳед.
2. Пул вазифаи худро дар мисоли тилло чӣ гуна иҷро кардааст?
3. Ҳар кадом чиз ҳам оё вазифаи пулро иҷро карда метавонад?
4. Мисолҳои ҳаётие оред, ки ҳар як функсияи пулро возеҳ нишон диҳад.
5. Ба фикри шумо пул бояд чӣ гуна хусусиятҳо дошта бошад?
6. Кадом навъҳои пулро мешиносед?
7. Низоми пул чист? Элементҳои онро гӯед.
8. Қисмҳои таркибии гардиши пулро фаҳмонед.
9. Массаи пул чист?
10. Дар бораи хусусиятҳо ва функсияҳои пул чиҳо медонед?
11. Дар бораи модели Кейнс фикри умумиатонро гӯед.

**Дар хотир доред!**

- Пул молест, ки тамоми маҳсулот ва хизматро харид кардан мумкин аст.
- Пул яке аз кашфиётҳои бузурги инсоният мебошад.
- Пул воситаи муомилот, ченак ва ҷамъоварии сарват аст.
- Одамон баҳри манфиати маълум молҳо ва хизматро мубодила менамоянд.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 8 БОЗОР ВА ХЕЛҲОИ ОН














## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Одамони дар расми 1 тасвирёфтаи бозори деҳқониро чӣ тавр ба ду тоифа ҷудо кардан мумкин аст? Дар бозор киҳо ба сифати фурӯшанда ва харидор иштирок доранд? Мақсади онҳо аз чӣ иборат аст?

**2.** Дар расмҳои 2 ва 3 тасвирёфтаҳоро оё бозор гуфтан мумкин аст?

**3.** Бозор ба фикри Шумо кадом вазифаро иҷро мекунад? Фикратонро бо мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонда диҳед.

**4.** Молҳо ва хизматҳои дар расмҳои 4, 5, 6 тасвирёфта дар кадом бозор фурӯхтаву харид мегарданд?

Шумо ба маҳалҳои алоҳида ҷудокардашудаи пур аз одам ва амалӣ гардонандаи ҷараёни хариду фурӯш — бозори деҳқонӣ, бозори мошин, бозори сару либос ва ғайра шинос ҳастед. *Бозор* маконест, ки он барои вохӯрии фурӯшандаву харидорон ва амалӣ гардондани ҷараёни хариду фурӯш истифода мешавад. Ҷараёни хариду фурӯшро ба воситаи алоқаи телефонӣ ва Интернет низ ба амал баровардан мумкин аст. Маълум аст, ки бозор асоси хоҷагии молро ташкил медиҳад. Модоме, ки мол барои дигарон истеҳсол карда мешавад, барои фурӯш ва мубодилаи он бо чизҳои дигар мавҷуд будани бозор шарт аст.

**Вазифаҳои бозор аз инҳо иборат аст:**

– ба ҳам пайвастани истеҳсол ва истеъмол;

– ба воситаи ҷараёни хариду фурӯш муқаррар кардани баҳои мол;

– ба тартиб даровардани иқтисоду истеҳсолот мебошад.

– дар байни давлатҳои гуногун робитаҳои ҳамкории иқтисодиро ба роҳ мемонад.

Харидоре, ки молро аз нархи муқарраргардида арзонтар мефурӯшад, набояд аз бозор дилгир шавад. Бозор макони муқарраркунандаи аз ҳама холиси мол мебошад.

Ба саволҳои: «Чиро бояд истеҳсол намуд? Чӣ тавр бояд истеҳсол кард? Барои кӣ бояд истеҳсол намуд?» танҳо бозор ҷавоб дода метавонад. Бозор ба истеҳсолкунандагон аз рӯи паст ё баланд шудани нархи мол, оиди истеҳсоли моли зарурӣ ва миқдори он, ё ин ки молҳои ғайризарурӣ хабар медиҳад. Агар мол бозоргир бошад, он гоҳ истеҳсоли он зиёд карда мешавад ва агар мол мувофиқи нархи муқарраргардида ба фурӯш наравад, он гоҳ истеҳсоли он боздошта, ё ин ки барои кам кардани сарфу хароҷот ва арзон намудани нархи он чораҳо андешида мешавад.

**Хариду фурӯш** – ҷараёнест, ки дар он молу хизматҳо бо пул, пул бошад, бо мол ва хизматҳо мубодила карда мешавад.

**Бозор** – ҷои вохӯрии харидорон ва фурӯшандагон аст, ки барои амалӣ гардонидани ҷараёни хариду фурӯш ҷудо карда шудааст.

Ҳоло дар бозорҳоямон фурӯхта шудани молҳое, ки қариб аз ҳамаи мамлакатҳои дунё оварда шудаанд, мисоли равшани он мебошад. Аз ҳамкории байниҳамдигарӣ ҳама манфиатдоранд.

Бозорҳо мувофиқи фурӯши мол ба бозорҳои молҳои истеъмолӣ, воситаҳои истеҳсолӣ, молия, меҳнат, интеллектуалӣ тақсим мегарданд.

Мавод ва хизматҳое, ки барои аҳолӣ заруранд, дар бозори молҳои истеъмолӣ фурӯхта мешаванд. Бозори деҳқонӣ, ки мо онро хуб медонем, бозори чорво, бозори мошин, бозори хонаву ҷой, бозори сару либос ва маснуот, мағозаҳо, супермаркетҳо, ошхона, нонвойхона, нақлиёт, алоқа, барқ, об,

**Бозори молҳои истеъмолӣ** – бозорест, ки дар он мол ва хизматҳое, ки барои эҳтиёҷи аҳолӣ заруранд, фурӯхта мешаванд.

газ, корхонаҳои таъминоти гармӣ, сартарошхона, маскани фарҳангӣ, нигаҳдории тандурустию таълимӣ *бозори молҳои истеъмолиро* ташкил медиҳанд.

Асбобу анҷом, биною иншоот, ашёи хом ва филизоте, ки барои дар корхонаҳо истеҳсол кардани мол заруранд, дар *бозори воситаҳои истеҳсолӣ* фурӯхта мешаванд. Хариду фурӯши воситаҳои истеҳсолӣ бевосита байни истеҳсолгар ва истеъмолгар ё ин ки тавассути хизмати биржаи молию фирмаҳои савдо ба амал бароварда мешаванд. Биржаҳои молӣ чунин ташкилотҳоеанд, ки барои таъмини хариду фурӯши яклухти мол бо ҳаҷми калон миёнаравӣ мекунанд.

**Биржаи молӣ** – ташкилотест, ки барои дар ҳаҷми калон ва ба тариқи яклухт харидан ва фурӯхтани мол миёнаравӣ мекунад.

**Бозори воситаҳои истеҳсолӣ** – бозорест, ки дар он мол ва хизматҳое, ки барои эҳтиёҷи корхона ва фирмаҳо заруранд, фурӯхта мешаванд.

Қувваи корӣ низ аз сабаби моли махсус буданаш бозори худро дорад. Қувваи корӣ дар *бозори меҳнат* фурӯхта мешавад. Дар чунин бозорҳо биржаҳои меҳнате амал мекунанд, ки фаъолияташон барои бо ҷои кор таъмин кардани аҳолӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи корхонаю

**Биржаи меҳнатӣ** – ташкилотест, ки байни корхонаҳо ва ашхоси корҷӯянда фаъолияти воситачигиро адо мекунад.

**Бозори меҳнат** – бозорест, ки дар он ҷараёнҳои «хариду фурӯш»-и нерӯи коргарӣ амалӣ мегарданд.

ташкилотҳо ба қувваи корӣ равона карда шудаанд. Маркази кӯмак ба шуғл ва ҳимояи иҷтимоӣ ба қувваи корӣ эҳтиёҷ дорад ва вазифаи воситачигиро байни корхонаҳои ба қувваи корӣ эҳтиёҷманд ва ашхоси корҷӯянда иҷро менамояд. Пулро моли махсуси ҳамабоб гуфта будем. Пас, он ҳам бояд бозори худро дошта бошад. Ин бозорро *бозори молия* меноманд. Пулҳо дар бозори молия ҳамчун вом дода ё қарз гирифта мешаванд. Чунин хизматҳо аз ҷониби бонкҳо иҷро мегарданд. Дар бозори молия, ба ғайр аз пулҳои оддӣ, коғазҳои қиматнок — саҳмия, облигатсия ва вексел барин пулҳои махсус низ фурӯхта ва харида мешаванд. Бо ин кор биржаҳои фондӣ шуғл меварзанд. Ба ҳамин монанд, дар бозори молия пулҳои давлатҳои хориҷӣ — асъор (валютаҳо) низ

**Коғази қиматбаҳо** – ҳуҷҷатест, ки намуди махсуси пулро дорад. Қурбаш ба миқдори муайяни маблағ ё ин ки ягон амвол баробар аст ва ё муносибати нисбати онҳо доштаро тасдиқ мекунад.

**Биржаи фондӣ** ташкилоти миёнаравест, ки бо хариду фурӯши коғазҳои қиматбаҳо шуғл меварзад.

**Бозори молия** – бозорест, ки дар он ҷараёнҳои хариду фурӯши пул ва қарзҳои арзишдор амалӣ мегарданд.

фурӯхта ва харида мешаванд. Ин фаъолиятро бонкҳо ва шабакаҳои мубодилаи асъор амалӣ мегардонанд.

Дар *бозори молҳои интеллектуалӣ* мол ва хизматҳое, ки маҳсули меҳнати ақлианд, фурӯхта мешаванд. Ғояҳои илмӣ ва асарҳои санъат, маълумотҳои гуногун, лоиҳа ва кашфиётҳои техникӣ, барномаҳои компютерӣ, кино, намоишҳои консертӣ ва ғайра мисоли молҳои маҳсули меҳнати ақлианд.

**Бозори молҳои интеллектуалӣ** – бозорест, ки дар ҷараёни хариду фурӯши маҳсули меҳнати ақлӣ амалӣ мегардад.

Дар баробари ин бозорҳое низ мавҷуданд, ки барои молҳои алоҳида пешбинӣ гардидаанд. Масалан, бозори нафт, бозори пахта, бозори ғалла, бозори филизи ранга ва бозори молҳои дигар аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бозорҳо аз рӯи ҳудуди иҳотакардаашон ба бозорҳои маҳаллӣ, ҳудудӣ, миллӣ ва байналхалқӣ ҷудо мешаванд.

Бозорҳо одатан ба ду гурӯҳи калон ҷудо карда омӯхта мешаванд. Онҳо бозори молҳо ва хизмат, инчунин бозори омилҳои истеҳсолианд.



**Абӯалӣ ибни Сино**
(980-1037)

Олими ҳамадон ва алломаи Шарқ Абӯалӣ ибни Сино ба фанни иқтисодиёт бо андешаҳои илмии худ ҳисса гузоштааст. Аз он ҷумла, ӯ ба мафҳуми эҳтиёҷ таъриф дода, дар бобати офариниши неъматҳои моддӣ мавқеи меҳнатро муайян кардааст. Оид ба мафҳумҳои «Тақсимоти меҳнат», «Сабадчаи истеъмол» ва омили инсонӣ фикрҳояшро баён сохтааст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Оё барои мавҷудияти бозор ҳамеша макони алоҳида зарур мешавад?
**2.** Бозор кадом вазифаҳоро ба ҷо меоварад? Онро якояк фаҳмонед.
**3.** Хелҳои бозорро номбар кунед. Фарқи бозори воситаҳои истеҳсолӣ аз бозори молҳои истеъмолӣ дар чист?
**4.** Дар бозори молҳои интеллектуалӣ чиҳоро мефурӯшанд?
**5.** Ба бозори меҳнат мисолҳо оваред.
**6.** Дар бозори молия чӣ гуна тиҷорат амалӣ мегардад?
**7.** Ба бозорҳои маҳаллӣ, ҳудудӣ, миллӣ ва байналхалқӣ мисолҳо оваред.
**8.** Кадом биржаҳоро медонед? Фарқу ҷиҳатҳои умумии онҳоро муайян кунед.

**Дар хотир доред!**

- Бозор имконият медиҳад, ки молро мубодила созанд ва ё иваз намоянд.
- Нархи мол дар бозор муайян карда мешавад.
- Бозор иқтисодиётро ба тартиб меоварад.
- Бозорҳо аз рӯи молҳое, ки дар онҳо фурӯхта мешаванд, ба хели бозори маводи истеъмолӣ, бозори воситаҳои истеҳсолӣ, бозори молия, бозори меҳнат ва бозори молҳои интеллектуалӣ ҷудо мешаванд.

# МАВЗӮИ 9 БОЗОРҲО ВА НАРХҲО



















## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Ба сифати харидор ба ашёи болоӣ нарх гузоред.
**2.** Ҳангоми гузоштани нарх ба чиҳо эътибор додед?
**3.** Барои гузоштани нархи ашёе, ки дар дохили қуттии сиёҳ ҷойгир аст, ба Шумо чӣ гуна маълумотҳо зарур мешаванд?
4. Барои ба мол муайян кардани нарх ба шумо чӣ гуна маълумотҳо лозим аст?
**5.** Аз дӯкон нархи ҳозираи ягон молро пурсед ва барои эзоҳ додани он ки ин мол бо кадом сабаб ба ин нарх фурӯхта мешавад, саъй кунед.

Чунонки дар мавзӯи гузашта таъкид гардид бозорҳо муносибатҳои тарафайн аст, ки барои мубодилаи молҳо, хизмат ба харидорон ва фурӯшандагон имконият фароҳам меояд. *Нарх* миқдори пулест, ки харидорон барои як мол ё як воҳид хизмати муайян пардохт мекунанд. Масалан, барои як килограмм равғани зард 30 000 сӯм, барои як баста чой 4500 сӯм, барои якто велосипед 1 200 000 сӯм ва ҳоказо.

Нархҳо мудом ба якдигар қиёс мегарданд. Тавассути бо ҳам қиёс кардани нархҳои маҳсулоти мухталиф истеъмолгарон онро харид мекунанд. Тавассути бо ҳам қиёскунии захираҳои гуногун фирмаҳо моли муайян ва хизматро



http://eduportal.uz

**Нарх** миқдори пулест, ки харидорон ба як воҳиди моли муайян ё хизмат сарф мекунанд.

харид мекунанд. Фурӯшандагон нархро дар бозорҳои мухталиф бо ҳам қиёс намуда, ба таври аз ҳама манфиатнок мумкин будани фурӯши моли худро аниқ мекунанд. Ҳамин тавр, ба се саволи асосии иқтисодиёт ҷавоб дода мешавад:

**Чиро истеҳсол кардан лозим?**

Молеро истеҳсол кардан ва хизматеро ба ҷо овардан лозим аст, ки фоидаи бисёр оварад.

**Чӣ тавр истеҳсол кардан лозим?**

То имкон ҳаст бо харҷи кам истеҳсол бояд намуд.

**Барои кӣ бояд истеҳсол намуд?**

Барои шахси дилхоҳ истеҳсол кардан лозим аст, ки пардохти нархи бозории молро мехоҳад ва ба он қодир мебошад.

**Арзишҳо!**

Оё эътибор додаед: агар касе ашёеро харид кунад, ба донистани нархи он мекӯшад. Маълумот аз хусуси нархи ашё ба мо барои чӣ зарур аст?

Вобастагии байниҳамдигарӣ, бидуни ба нақшагирии марказии нархҳои бозор, қарори истеҳсолгарони хусусӣ ва харидоронро бевосита назорат накарда, бо кадом тарз молҳои бешумор ва хизматро дар вақти дилхоҳ, ба миқдори зарурӣ истеҳсол намуданро дарк кардан ниҳоят муҳим аст. Ҳодисаи мазкур ба сабаби дар низоми бозор се вазифаи асосиро ба ҷо овардани нархҳо содир мегардад. Онҳо: 1) вазифаи додани ахбор; 2) вазифаи рағбатноксозӣ; 3) вазифаи тақсимкунӣ мебошанд.

Нархҳо ва нисбияти байни онҳо истеъмолгарон, истеҳсолгарон ва соҳибони захираҳоро дар низомҳои бозор барои қабул кардани қарор оиди чиро, бо кадом миқдор харид кардан бо маълумотҳои зарурии асосӣ таъмин месозад. Барои пурра дарк кардани аҳамияти вазифаи иттилоотии нархҳо тасаввур кунед: ба супермаркет барои харид даромадед, ягон маҳсулоти дар рафҳо гузоштašуда нарх надоранд, ё худ фарз кунед, ки миқдори музди меҳнатро надониста, яке аз имконияти ду ҷои корро интихоб кунед, ё ягон маълумотро оид ба иҷрои кор ба чӣ миқдор дастмузд гирифтани рангуборчӣ, чӣ қадар будани нархҳои ранг, мӯқалам ва дигар маводро надониста, баробари ин ба кироя гирифтани рангуборчӣ ё худ саъю кӯшишатонро дар боби қабули қарор оиди худатон баҳри ба иҷро расонидани ин кор тасаввур намоед.

Тағйирёбии нархҳо барои дар бозори иқтисодӣ интиқол додан ё аз нав тақсимкунии захираҳо рағбат ҳосил мекунонад. Нисбат ба нархи ҷуворимакка зиёд шудани нархи лаблабу фермеронро барои бештар лаблабу ва камтар ҷуворимакка коштан даъват мекунад. Нисбат ба маоши бухгалтерҳо кам будани маоши ҳуқуқшиносон сабаби он мешавад, ки камтар одамон ҳуқуқ, бештар одамон бухгалтерияро омӯзанд. Дар бозори озод зиёдшавии фоида захираҳоро ҷалб мекунад ва зиёдшавии зарар ба натиҷаи муқобили он боис мешавад. Фоида чароғи сабзи ҳаёти иқтисодӣ, зарар бошад, чароғи сурхи он аст. Чунонки низоми назорати ҳаракати роҳи хуб коркунанда мавҷудияти ҳам ранги сабз, ҳам ранги сурхро талаб мекунад, барои низоми бозори хуб фаъолияткунанда мавҷудияти ҳам фоида, ҳам зарар зарур аст. Дар ҳар як мисоли дар боло овардашуда вазифаи рағбатноксозии нархҳо намоён мегардад.

Дигар шарту шароит тағйир наёфта, нархи ягон мол афзояд, одамон барои камтар харидани он тайёру қодир мегарданд. Ва баръакс, нарх ҳар чӣ қадар паст равад, хоҳиш ва қобилияти харидории одамон ба ин мол баланд мегардад. Ба воситаи нархҳо захираҳои камёб дар бозор, хоҳиш ва қобилияти ба онҳо пардохт кардани пул дар байни истеъмолгарони баландтарин тақсим карда мешавад. Соҳиби замини дар гӯшаи кӯчаи марказии шаҳр буда, онро ҳангоми ба мақсади бинои идора ба иҷора додан нисбат ба гараж ё анбор иҷора додани он имконияти калонро молик бошад, аз замин ба мақсади бинои идора истифода мебарад ва гаражу анбор аз ин ҷо бароварда мешаванд. Агар 50000 нафар хоҳиши дар толори ғунҷоишаш 5000 нафара дидани консертро дошта бошад, нархи чиптаҳоро ба миқдори зарурии пардохтии 5000 нафар зиёд кардан мумкин аст; 45000 нафари боқимонда ба туфайли нархҳои баланд консерт тамошо карда наметавонанд.

Адам Смит чунин ҳисобидааст, ки дар сохти бозаргонӣ бидуни дахолати касе нархҳои «адолатнок»-ро муайян карда метавонанд. Вай тамоми молҳо ба нархи муайян соҳиб буда, ин нархҳо ба сарфу хароҷоти ба ин мол сарфшуда вобаста буданашро таъкид намудааст. Ба фикри ӯ, барои истеҳсоли мол ба замини истифодагардида ба сифати рента ҳақ бояд дода шавад. Барои истифодаи маблағе, ки ба истеҳсоли маҳсулот ҷалб карда мешавад, ба миқдори муайян ҳақ додан лозим. Барои ҷалб сохтани қувваи корӣ ҳам музди меҳнат бояд дода шавад.

Ба фикри Адам Смит, ана ҳамин хароҷотҳо нархи молро ташаккул медиҳанд. Вале ин нархҳо дар баъзе ҳолатҳо тағйир ёфтанашон лозим, масалан, ҳангоми рӯй додани камчинӣ.



http://eduportal.uz



**Адам Смит**
(1723–1790)

Олими иқтисодшиноси шотландӣ Адам Смитро бисёриҳо асосгузори фанни иқтисодиёти замонавӣ меҳисобанд. Вай бо шоҳасари худ «Тадқиқот дар бораи табиату сабабҳои боигариҳои халқҳо» ба ривоҷи фанни иқтисодиёт саҳми калон гузоштааст. Ба фикри Адам Смит боигарии миллат ба ҳаҷми истеҳсолот вобастааст. Вай тарафдори қатъан кам кардани даҳолати давлат ба иқтисодиёт буд. Ӯ омили асосии пешрафти иқтисодиёт манфиатдории моддиро нишон додааст. Ба иқтисодиёт мафҳуми «Дасти ноаён»-ро дохил кардааст.

Мақсад ва интиҳои ягонаи ҳар гуна истеҳсолот истеъмол аст. (А.Смит)

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Нархи мол гуфта чиро мегӯянд?
2. Саъю ҳаракататонро ҳангоми хариди ягон ашё дар бозор маънидод кунед. Барои чӣ аз фурӯшандаи ростомада харид намекунед?
3. Нарх дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ чӣ гуна вазифаҳоро иҷро мекунад?
4. Нархи мол дар бозор чӣ гуна маълумот медиҳад?
5. Вазифаҳои иттилоотӣ, рағбатноксозӣ ва тақсимотии нархро бо мисолҳои мушаххас маънидод созед.
6. Ба истеҳсолгарон фоида ва зарар аз чӣ хабар медиҳад?
7. Шумо ба фикри Адам Смит ба пуррагӣ ҳамроҳ мешавед?
8. Ба фикри шумо, ӯ чиро ба эътибор нагирифтааст?
9. Шароити давраи Адам Смит ва замони кунуниро қиёс карда, барои ташаккул ёфтани нархҳои замони ҳозира боз чиҳо таъсир расонданашро шумурда диҳед.

**Дар хотир доред!**

- Нарх ифодаи пулии қимати мол мебошад.
- Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нарх вазифаҳои иттилоотӣ, рағбатноксозӣ ва тақсимотро ба ҷо меоварад ва ба се саволи асосии иқтисодиёт ҷавоб медиҳад.
- Дар сохтори бозаргонӣ нарх ба истеъмолгар ва истеҳсолгар оид ба истеҳсолу тақсимоти мол маълумоти пурқимат медиҳад.



http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 10 ИШТИРОКЧИЁНИ БОЗОР




### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар расмҳои 1 ва 3 биноҳои мактаб ва завод ба давлат тааллуқ доранд. Фабрикаи расми 3 мутааллиқи соҳибкор аст. Дар расми 4 оила тасвир ёфтааст. Ҳар як оила соҳиби хоҷагӣ, иқтисодиёти хурди худ мебошад. Аз ҳамин сабаб агар дар иқтисодиёт сухан дар бораи оила равад, ибораи «Хоҷагии хонаводагӣ» истифода бурда мешавад.

1. Давлат барои сохтани бинои мактаби мусиқӣ масолеҳ, қувваи корӣ ва ҷиҳозоти ба он заруриро аз куҷо мегирад? Омӯзгорон ва кормандони он бо кадом тарз ба кор қабул карда мешаванд?
2. Фабрикаи бофандагӣ ашёи хом ва қувваи кориро аз куҷо мегирад? Он маҳсулоти худро дар куҷо мефурӯшад?
3. Давлат барои заводи худ қувваи кориро аз куҷо пайдо мекунад ва маҳсулоташро дар куҷо мефурӯшад?
4. Хоҷагии хонаводагӣ барои истеъмоли худ молро аз куҷо мегирад? дар бозори қувваҳои корӣ чӣ гуна таклифро пеш гузошта метавонад?

Дар ҷавобҳоятон истифодабарии мафҳуми бозорро аз ёд набаровед. Дар бораи аҳамияти қувваи корӣ, ашёи хом, масолеҳ, ҷиҳозот ва таъмин будан бо қувваи корӣ ҳарф занед.

Агар *истеҳсолкунанда* – корхона манбаъҳои табиӣ, воситаҳои истеҳсолӣ ва қувваи коргариро аз бозор харида гирад, он гоҳ вай дар бозор ба сифати харидор ва агар моли истеҳсолнамуда, хизмат, инчунин, молу амволи ба худаш мутааллиқро ба бозор бароварда фурӯшад, он гоҳ вай дар бозор ба сифати фурӯшанда иштирок мекунад. Масалан, заводи орд бино, асбобу анҷоми осиё, гандум ва қувваи кории ба худ заруриро аз бозор харида мегирад, яъне он дар бозор ҳамчун харидор иштирок менамояд. Баробари ин вай аз гандум орд истеҳсол намуда, онро дар бозор мефурӯшад. Яъне, дар бозор ба сифати фурӯшанда низ иштирок мекунад.

**Истеҳсолкунандагон** — корхонаҳои офарандаи мол ва хизмат.

*Истеъмолкунандагон* — аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ хизмат, молҳои истеъмолӣ ва молу амволи гуногуни барояшон заруриро чун миҷоз аз бозор харида мегиранд. Аз тарафи дигар бошад, аҳолӣ молу амволи ба худаш мутааллиқро дар бозор мефурӯшад. Монанди ҳамин онҳо дар корхонаҳои гуногун меҳнат намуда, бар ивази он музди меҳнат мегиранд, яъне ҳамчун фурӯшанда қувваи кориашонро мефурӯшанд. Пас, маълум мешавад, ки истеъмолгарон — аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ низ дар бозор ҳам ба сифати харидор ва ҳам ба сифати фурӯшанда иштирок мекардаанд.

**Истеъмолкунандагон** — онҳое, ки моли истеҳсолшуда ва хизматро бевосита истеъмол мекунанд ё аз онҳо истифода мебаранд. Ба сабаби он ки истеъмолкунандагон, асосан, бо оилаҳои худ ҳаёт ба сар мебаранд, онҳоро хоҷагии хонагӣ ҳам меноманд.

Давлат (ҳукумат) дар бозор ба сифати мақомоти роҳбарикунандаи ҷамъият ва соҳиби манбаъҳои табиӣ мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, он ҳамчун иштирокчии сеюми бозор ба таври алоҳида нишон дода мешавад. Давлат, агар аз як тараф манбаъҳои табиӣ, хизмати идораю муассисаҳои давлатӣ, маҳсулотеро, ки дар корхонаҳои гуногуни давлатӣ истеҳсол мешаванд ва молу амволеро, ки дар ихтиёри худ дорад, фурӯшад, аз тарафи дигар он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти корхонаҳои давлатӣ аз бозор молу хизмат ва қувваи кориро мехарад. Давлат бар ивази хизматҳое, ки ба аҳолӣ ва корхонаҳо ба воситаи идораю муассисаҳои худ мерасонад, аз онҳо ҳаққи худро бо намуди подошу андозҳои маҷбурии гуногун рӯёнда мегирад.

Ба ҳамин монанд, ҳар се иштирокчии бозор — давлат, истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон тавассути бозор ба ҳамдигар пул қарз медиҳанд ва аз ҳамдигар пул қарз мегиранд, коғазҳои қимматноки якдигарро мехаранд ва ҳам мефурӯшанд. Ҳамин тариқ, байни ҳар се иштирокчии бозор ҷараёни ха-

риду фурӯш содир мегардад ва ба равиши даврӣ бозорро ба ҳаракат оварда меистад.

Қатъи назар аз кӣ дар он ширкат варзидан, вазифаи асосии бозор – ин ташкил кардани муносибатҳои хариду фурӯш байни фурӯшандаву харидор мебошад. Яъне, бозор ин маҷмӯи созишномаҳои хариду фурӯши мол ва хизматҳо, ки ба воситаи пул амалӣ мешавад. Аз чунин намуди муносибатҳои иқтисодӣ бинобар як созишномаи бозор соддатарин формулаи муносибатҳои моливу пулиро ба вуҷуд овардан мумкин аст:

**ФУРӮШАНДА – МОЛ – ПУЛ – ХАРИДОР**

Формулаи мазкур сохтори "ҳуҷайра, катакча"-и бозорро ифода мекунад. Тамоми "организм"-и бозор бошад, аз чунин "ҳуҷайраҳо" ташкил меёбад. Пас маълум мешавад, ки муносибатҳои мол дар шароити бозар ҳам аз вобастагиҳои мисли формулаи болоӣ иборат аст.

Чуноне ки дар боло номбар кардем, иштирокдорони бозор — давлат, истеҳсолгарон ва ҳоҷагиҳои хонаводагӣ (истеъмолгарон) аз бозор ашёеро мехаранд ва чизеро мефурӯшанд. Аз ин рӯ, дар бозор захираҳо, молҳо, хизмат ва маблағҳои пулӣ дар ҳаракати доимӣ буда, гирдгардон аст.




Хоҷагиҳои хонаводагӣ, яъне истеъмолгарон амвол, қувваи корӣ, музди меҳнатеро, ки ба худашон мутааллиқ аст, бар ивази пардохту фоидаҳои фоизнок ба давлату фирма ва корхонаҳои истеҳсолгар мефурӯшанд. Аз

даромади худ ба мақсади қонеъ гардондани эҳтиёҷи худ аз бозор хизмати зарурӣ, молҳои истеъмолӣ ва амволи мухталифро мехаранд.

Дар навбати худ давлат ба ин пулҳо молу хизмати барояш заруриро аз истеҳсолгарон ва хоҷагиҳои хонаводагӣ мехарад. Истеҳсолгарон бошанд, пулҳоеро, ки аз хоҷагии хонаводагӣ гирифтааст, боз барои аз аҳолӣ ва давлат харидани захираҳои зарурӣ сарф менамоянд. Ҳамин тавр, дар иқтисодиёт бозори захираҳо, молҳо, хизмат ва маблағҳои пулӣ бетанаффус гирд мегарданд.

Ҳамаи корхона, ташкилот ва муассисаҳоеро, ки дар амалӣ гардонидани вазифаҳои бозор иштироки бевосита надоранд, вале ба он ёрӣ ва хизмат мерасонанд, ***инфрасохтори бозор*** меноманд. Ба инфрасохтори бозор бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ, биржаҳои молию фондӣ, биржаҳо, хонаҳои савдо, идораҳои гумрук, омор, молия, ташкилотҳои гуногуне, ки маслиҳати ҳуқуқӣ медиҳанд, муассисаҳои савдоҳои махсус медароянд.

**Инфрасохторҳои бозор** – корхона, ташкилот ва муассисаҳое мебошанд, ки дар амалӣ гардидани вазифаҳои бозор бевосита иштирок накунанд ҳам, ба он мадад ва хизмат мерасонанд.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Иштирокдорони бозорро тавсиф диҳед.
2. Сарфа ва нигоҳубини мулки давлат, пеш аз ҳама, барои кӣ муҳим аст?
3. Дар бораи муносибатҳои моливу пулии шароити бозор гуфта диҳед.
4. Дар бораи муносибатҳои молу пул дар шароити бозор гуфта диҳед.
5. Дар иқтисодиёт гардиши захираҳо, молҳо, хизмат ва маблағҳои пулиро фаҳмонда диҳед.
6. Дар бораи инфрасохтори имрӯзаи бозори мамлакатамон чиҳо медонед? Ҳаракат кунед, ки фикратонро дар асоси мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонед.

**Дар хотир доред!**

• Иштирокдорони бозор давлат, истеҳсолгарон ва хоҷагиҳои оилавӣ-хонаводагиянд.

• Молҳо, хизмат ва маблағҳои пулӣ дар бозор байни давлат, истеҳсолгарон ва истеъмолгарон ҳамеша давр мезанад.

http://eduportal.uz

# ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ

## ХИЗМАТҲОИ ПАРДОХТИ МУҚОБИЛ

Дар натиҷаи ривоҷёбии технологияҳои компютерӣ картаҳои пластикӣ ба сифати воситаи пардохт корбаст мешаванд. Картаҳои пластикӣ воситаи пардохти замонавӣ мебошанд. Картаҳо дастгоҳи электронӣ буда, ба он маълумотҳои оиди соҳиби пул, миқдори пул ва дар кадом бонк нигоҳ дошта шудани он ворид карда шудааст. Картаи пластикӣ ба дастгоҳи махсус ҷойгир карда шуда, миқдори пули зарурӣ аз ҳисобрақами дар бонк доштаи харидор ба ҳисоби муассисае, ки пардохт қабул мекунад, гузаронда мешавад. Бо мақсади пешгирии аз карта истифода бурдани дигарон он аз ҷониби соҳиби карта бо коди махфӣ – “калид” ҳимоя карда шуда, онро фақат бо ҳамин “калид” кушодан мумкин.





Ҳамчунин, пули дохили картаи пластикиро ҳангоми лозим шудан бо истифода аз дастгоҳе таҳти унвони банкомат ба пули нақд иваз карда гирифтанатон мумкин аст.

Бо картаҳои пластикӣ амалӣ кардани кардохтҳо айни замон ба ҳар як шаҳрванд ба ҳолати оддӣ табдил ёфтааст. Сабаб ин аст, ки онҳо барои миҷозон воситаи созгори пардохт буда, эҳтиёҷи пули нақдро ба дараҷаи эҳсосшаванда коҳиш медиҳанд. Дар мамлакати мо ба воситаи картаҳои пластикӣ на танҳо амалӣ кардани пардохт, балки имконияти кредит гирифтан ҳам мавҷуд аст.

**Арзишҳо:**

Ҳанӯз аз асрҳои IV-III то милод дар ҳудуди мамлакати мо тилло, нуқра, тангаҳои мисӣ таҳти унвони драхма ва тетрадрахма зарб карда шудаанд. Ин пулҳо ҳангоми кофтуковҳои археологӣ аз Термиз, Тахтасангин, Деҳнав, Кампиртеппа, Афросиёб пайдо шудаанд.

Дар натиҷаи тараққиёти технология ва рушди иқтисодиёт дар тамоми дунё, аз ҷумла, дар Ӯзбекистон низ тиҷорати электронӣ фаъол рушд меёбад. Ин бошад, дар навбати худ, аз тавассути бонкҳо ба тарзи анъанавӣ амалӣ кунондани пардохтҳо гузаштан ба пардохтҳои мобилӣ, зудамал ва боварбахши ба инноватсияҳои технологии замонавӣ асоснокшударо тақозо мекунад.

Яъне, ба низоми пардохти анъанавӣ офарида шудани низомҳои пардохти муқобил, нав ба талаби рӯз табдил меёбад.

Аз низомҳои ин гуна пардохти муқобил созгортаринаш – ин низоми пардохти ба воситаи телефонҳои мобилӣ коркунанда ва ба ҳамаи талабҳои молиявӣ мувофиқ мебошад.

Бинобар ин низом миҷоз барои амалӣ кардани пардохт бахри мол ё хизмат аз накд, пулгузаронӣ, чек ё картаи пластикӣ не, балки аз телефони мобилии худ истифода карданаш мумкин.

Сабаби ба вуҷуд омадан ва ривоҷёбии низоми мазкур ҳамабоб, соддагӣ ва боварбахшии онҳо мебошад. Ин бошад, дар навбати худ, барои ба вуҷуд омадани бозори калони хизматҳои молиявии мобилӣ боис мегардад.

Ба воситаи низоми мазкур хар гуна шахс метавонад дар бонк ба ҷойи ҳисобрақами махсус бо ҳисобрақами электронӣ, ки “ҳамёни электронӣ” номида мешавад, пули худро нигоҳ дорад ё тасарруф намояд.

Аз воситаи мулоқоти оддӣ ва воситаи ахбор ба воситаи нигоҳдорӣ, интиқол, қабулкунии пули накд ва ғайринакд, харида гирифтани мол, амалӣ кардани пардохтҳои маҷбурӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтани телефони мобилӣ ҳам аз хусусиятҳои низоми пардохти муқобил мебошад.

Дар ин бора дар Ӯзбекистон солҳои охир саъю ҳаракатҳои мунтазам бурда мешавад. Хусусан, оид ба ин соха ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ қабул карда мешавад ва инфрасохторҳои зарурӣ ташаккул меёбанд. Ба воситаи телефони мобилӣ амалӣ шудани пардохтҳои коммуналӣ, барои баъзе хизматҳо гузаронда шудани пул низ дар мамлакати мо роҳандозӣ шудани низомҳои муқобилро мефаҳмонад.

**Арзишҳо:**

Ба иборахое мисли “Пул – чирки даст”, “Пул бошад, дар чангак шӯрбо” муносибати худро баён кунед.

1. Дар бораи картаҳои пластикӣ чиҳо медонед? Фарқ ва бартарияти онҳо аз пулҳои коғазӣ дар чист?
2. Сабаби ба низомҳои пардохти муқобил эҳтиёҷ пайдо шудан дар чист?
3. Ба фикри шумо сабаби ба сифати воситаи пардохт кор кардани телефонҳои мобилӣ дар чист?
4. Аз калонсолони оилаатон тавассути телефони мобилӣ чӣ гуна пардохтҳоро амалӣ карданашонро пурсида гиред.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ II

## А. САВОЛҲО

**1.** Мушкилотеро, ки дар замонҳои мавчуд набудани пул ҳангоми чараёни мубодилаи маҳсулот ба вучуд меомаданд, фаҳмонда диҳед.
**2.** Оё ҳар гуна ашё вазифаи аёнии пулро адо карда метавонад?
**3.** Доир ба ҳар як вазифаи пул мисоли ҳаётӣ оред.
**4.** Дар натичаи чараёни хариду фурӯш харидор бисёртар нафъ мебинад ё фурӯшанда?
**5.** Оё барои мавчудияти бозор ҳамеша маскани алоҳида чудо кардан шарт аст? Чавобатонро асоснок намоед.
**6.** Вазифаҳои бозорро дар мисоли бозори ба худатон ошно фаҳмонда диҳед.
**7.** Баланд гардидани нархи молҳои бозорӣ, воситаҳои истеҳсолӣ ба нархи молҳои бозори истеъмолӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?
**8.** Бозори воситаҳои истеҳсолӣ аз бозори молҳои истеъмолӣ чӣ фарқ мекунад?
**9.** Давлат аз бозор чиҳоро мехарад ва чиҳоро мефурӯшад?
**10.** Гирдгардии захираҳо, молҳо, хизмат ва маблағҳои пулиро дар иқтисодиёт бо мисолҳои гуногун фаҳмонед.

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар як истилоҳ мувофикро ёбед

### ИСТИЛОҲОТ:

**1.** Мубодила.
**2.** Пул.
**3.** Нарх.
**4.** Бозор.
**5.** Бозори молҳои истеъмолӣ.
**6.** Иштирокдорони бозор.
**7.** Бозори воситаҳои истеҳсолӣ.
**8.** Истеҳсолкунандагон.
**9.** Истеъмолкунандагон.
**10.** Коғази қиматбаҳо.
**11.** Биржаи меҳнат.
**12.** Инфрасохтори бозор.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) бозори қонеъкунандаи эҳтиёчоти хочагиҳои оилавӣ-хонаводагӣ ва молу хизматҳои бевосита истеъмолшаванда;
б) воситаи универсалии мубодила, ки пардохти ҳаққи маҳсулот ва хизматҳоро амалӣ мегардонад;



http://eduportal.uz

в) ташкилоте, ки байни корхонаҳо ва шахсони корҷӯянда фаъолияти воситагарӣ мебарад;
г) ивазкунии бевоситаи як маҳсулот бо дигараш;
д) маскане, ки барои амалӣ гардондани ҷараёни хариду фурӯш харидор ва фурӯшанда истифода мебаранд;
е) миқдори пуле, ки харидор ба пардохти як воҳид маҳсулот розӣ аст, фурӯшанда бошад, ба фурӯши он;
ё) пули махсусе, ки қиматаш ба маблағи муайян (ё ягон молу амвол) баробар, ё ин ки муносибати ба он мутааллиқро тасдиқ менамояд;
з) хоҷагии оилавӣ-хонаводагие, ки аз моли офаридашуда ва хизмат фоида мебарад (истеъмолкунанда);
и) корхонаҳо ва шахсони офарандаи молу хизмат;
к) бозоре, ки дар он мол ва хизмати зарурӣ барои эҳтиёҷоти корхона ва фирмаҳо фурӯхта мешаванд.
л) давлат, истеҳсолкунандагон ва хоҷагии оилавӣ-хонаводагӣ;
м) корхона, ташкилот ва муассисаҳои хизматкунандае, ки ҳангоми амалӣ гардондани вазифаҳои бозор бевосита иштирок накарда, балки кӯмак мерасонанд.

## В. ТЕСТҲО

**1. Мубодила одатан ...**
А. Барои як тараф манфиатнок, барои тарафи дигар беманфиат аст;
Б. Барои ҳар ду тараф ҳам манфиатнок мешавад;
В. Бо назардошти молҳои ивазшаванда ба ҳар ду тараф ҳам манфиатнок мешавад;
Г. Бо назардошти молҳои ивазшаванда барои ҳар ду тараф ҳам беманфиат мешавад.

**2. Бозор – ин ...**
А. Ҷое, ки аҳолӣ савдо мекунад;
Б. Ҷои мубодилаи мол ва хизмат;
В. Воситаи бо ҳам пайвастани истеҳсолу истеъмол;
Г. Ҷавоби нодуруст нест.

**3. Нархи мол – ин ...**
А. Миқдори пулест, ки фурӯшанда мехоҳад бар ивази молаш гирад;
Б. Миқдори умумии хароҷотест, ки барои истеҳсоли мол сарф мегардад;
В. Миқдори умумии хароҷотест, ки барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши мол сарф карда шудааст;
Г. Ифодаи пулии қимати як воҳид мол.

4. Падари Анвар 1 500 000 сӯмро аз 2 000 000 сӯм маошаш ба бонк барои амонат гузошт ва пули боқимондаро ба рӯзгор сарф кард. Дар ин гуна вазъиятҳо пул чӣ гуна вазифаро иҷро карда истодааст?
А. Вазифаи ченак ва захира;
В. Вазифаи муомила ва ченак;
Г. Вазифаи муомила ва захира;
Д. Вазифаҳои ченак, захира ва муомила.

**5. Маводҳои истеъмолӣ бо кадом мақсад истифода мешаванд?**
А. Истеҳсоли дастгоҳ;
Б. Истеҳсоли дигар маҳсулот ва азнавкоркард;
В. Қонеъ гардонидани эҳтиётҷоти аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ;
Г. Рӯёнидани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ.

**6. Воситаҳои истеҳсолӣ барои чӣ хизмат мекунанд?**
А. Таъмири дастгоҳҳои истеҳсолот;
Б. Дар корхона аз нав кор кардани ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулот;
В. Барои дар бозор фурӯхтан;
Г. Истеҳсолотро бо ашёи хом таъмин кардан.

**7. Дар бозор ...**
А. Мавқеи фурӯшанда назар ба мавқеи харидор ҳамеша баланд аст;
Б. Мавқеи харидор назар ба фурӯшанда баландтар мешавад;
В. Мавқеи фурӯшанда ва харидор дар як сатҳ меистанд;
Г. Нисбат ба харидор дар кадом мавқеъ будани фурӯшандаро муайян кардан ғайриимкон аст.

**8. Саҳмияҳо дар кадом бозор фурӯхта мешаванд?**
А. Дар бозори воситаҳои истеҳсолот;
Б. Дар бозори молия;
В. Дар бозори меҳнат;
Г. Дар бозори молҳои интеллектуалӣ.

**9. Дар иқтисодиёт ... мунтазам давр мезанад.**
А. Танҳо маблағҳои пулӣ;
Б. Танҳо маблағҳои пулӣ ва молҳо;
В. Танҳо молҳо ва хизматҳо;
Г. Захира, молҳо, хизмат ва маблағҳои пулӣ.

**10. Пул бояд дорои кадом хусусиятҳо бошад?**
А. Қулай ва ихчам;
Б. Пухта ва барқарор;
В. Сохтагардониаш душвор;
Г. Ҳамаи хусусиятҳои болоӣ.



http://eduportal.uz

*Барои баланд бардоштани дараҷаи зиндагии халқамон низоми ба меҳнат муносиб ҳақ пардохтанро ташаккул дода, даромади воқеии аҳолиро бояд зиёд кунем.*

***Шавкат Мирзиёев***






# Боби III. Иқтисодиёти хоҷагии оилавӣ — хонаводагӣ























# МАВЗӮИ 11

# ДАРОМАДҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ВА НАВЪҲОИ ХАРОҶОТ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Ба фикри шумо оилаи дар расм буда чӣ гуна даромадҳо дорад?
2. Барои он ки оилаи мазкур зиндагии хуб дошта бошад, дар як моҳ чӣ қадар бояд хароҷот кунад?
3. Ҳар як узви оила ба сифати истеъмолгар оё эҳтиёҷҳои худро дар алоҳидагӣ қонеъ карда метавонад? Барои ин ба ӯ чиҳо нарасиданаш мумкин?
4. Ба фикри шумо барои пешбарии хоҷагӣ ба оила ба ғайр аз хароҷоти шахсии ҳар як узви он боз чӣ гуна хароҷотҳо заруранд?

Истеъмолгар – ин шахсест, ки мол ва хизматҳои гуногунро барои эҳтиёҷҳои шахсӣ ё оилавӣ харида мегирад ё супориш медиҳад. Дар ин ҳолат ба сифати истеъмолгар ба ғайр аз шаҳванди алоҳида гирифташуда тамоми як оила ҳам дар назар дошта мешавад. Ба сифати истеъмолгар ба инобат гирифта шавад, дар иқтисодиёт ба ҷойи мафҳуми оила бештар мафҳуми хоҷагии хонагӣ корбаст мешавад.

Ҷамъи воридоти моддӣ ва пулие, ки шахс дар давоми вақти муайян (дар як моҳ ё дар як сол) дар натиҷаи меҳнаташ меёбад, ё ин ки ба даст меорад, *даромад* ном дорад. Даромад мумкин аст бевосита ба ивази меҳнат ё ба ивази кор фармудани боигарӣ (ё молу амвол) ҳосил гардад. Дар ин дарс дар бораи навъи даромаде, ки бевосита ба ивази меҳнат ба даст меояд, истода мегузарем. Музди кор даромадест, ки бевосита ба ивази меҳнат ба даст меояд ва он қисми асосии даромади истеъмолгаронро ташкил менамояд.

Навъҳои музди кор метавонад чунин бошад:

– Миқдори пуле, ки ба коргар мувофиқи миқдори маҳсулоти тайёркардааш дода мешавад – *музди корбайъ*;

– Миқдори пуле, ки ба коргар мувофиқи миқдори вақти коркардааш дода мешавад – *музди вақтбайъ*. Дастмузди кории вақтбайъ, ки барои як моҳ қатъан муайян шудааст – маоши моҳона аст.

Кормандони ташкилотҳои давлатӣ асосан бо намуди музди моҳона ҳаққи меҳнат мегиранд. Барои кормандони заводу фабрикаҳо бошад, ҳаққи меҳнат аксар вақт ба таври корбайъ муқаррар карда мешавад. Омӯзгорон одатан мувофиқи дарсҳои гузаштаашон вақтбайъ ҳаққи меҳнат мегиранд. Монанди ин, дар баъзе корхона ва ташкилотҳо навъи меҳнати омехтаи ҳаққи меҳнат таъин карда мешавад.

Даромадҳои оила на ҳама вақт ба намуди пул арзёбӣ мегардад. Масалан, оила дар қитъаи замини наздиҳавлигиаш сабзавот парвариш карда, истеъмол менамояд. Бо ин он даромадеро аз худ мекунад, ки ба намуди неъмат ба даст меояд.

Куҳансолон ҳар моҳ нафақаи синну солӣ мегиранд. Стипендия ба донишҷӯён дар даври таҳсил, нафақа бошад, ёрдампулиест, ки бинобар касалӣ ё сабабҳои дигар ба одамони муваққатӣ кор карда наметониста, оилаҳои бисёрфарзанд ё камтаъмин аз ҷониби давлат ва корхона дода мешавад.

Ёрдампулиҳое, ки аз ҷониби давлат дода мешаванд, дигар трансфертҳои иҷтимоӣ ҳам номида мешавад.

**Музди меҳнат** – пулест, ки аз ҷониби корхона ба корманди кироя ба ивази кори иҷрокардааш дода мешавад.

**Музди моҳона** – миқдори пулест, ки барои пардохти фаъолияти меҳнатии якмоҳаи корманд ба таври қатъӣ муқаррар гардидааст.

**Музди корбайъи меҳнат** – миқдори пулест, ки ба коргар мувофиқи миқдори маҳсулоти тайёркардааш дода мешавад.

**Музди вақтбайъи меҳнат** – миқдори пулест, ки ба коргар мувофиқи миқдори вақти коркардааш дода мешавад.

**Даромад** – ин ҷамъи воридоти молӣ ва пулие мебошад, ки шахс (оила) дар давоми вақти муайян бо меҳнат меёбад ё ба даст меорад.

Барои зиндагии ҳар як нафар чи дараҷа хароҷот кардани ӯ рост меояд. Масалан, ғизо, либос, молҳои гигиенаи шахсӣ ва ғайра. Ба ғайр аз хароҷоти шахсии аъзои оила барои роҳандозии хоҷагӣ дар оила зарурати амалӣ кардани хароҷотҳои умумӣ ҳам мавҷуд аст. Масалан, ҷиҳозонидани хона, дар якҷоягӣ истироҳат кардан, мошин харидан ва ғайра.

Хароҷотҳои истеъмолиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: хароҷотҳои маҷбурӣ ва хароҷотҳои озод. Хароҷотҳои маҷбурӣ – хароҷотҳои асосие, ки

дар зиндагии рӯзмарра бидуни онҳо зиндагӣ кардан ғайриимкон аст. Ба он хароҷотҳое, ки ба маҳсулоти ғизо, хизмати маишӣ, либос, нақлиёт сарф мешаванд, шомил аст. Миқдори хароҷотҳои маҷбурие, ки дар як моҳ барои истеъмоли як нафар сарф карда мешаванд, ба тариқи шартӣ сабади истеъмолӣ номида мешавад. Хароҷотҳои истеъмолии ба ғайр аз хароҷотҳои маҷбурӣ ба хароҷотҳои озод шомил аст. Хароҷотҳоеро, ки ба ашёҳои заргарӣ, ҷиҳозҳои хонаи қиматбаҳо, автомобили шахсӣ ва мисли онҳо сарф карда мешаванд, ба хароҷотҳои озод далел овардан мумкин аст. Агар даромади оила аз хароҷотҳои маҷбурӣ зиёдатӣ накунад, ба хароҷотҳои озод маблағи он намемонад. Даромади оила ҳар қадар зиёд бошад, ҳамон қадар қисми ками он ба ғизо ва хароҷотҳои дигари маҷбурӣ сарф карда мешавад. Ин қонуниятро иқтисодшиноси немис Эрнест Энгел ба фан дохил кардааст.

**Хароҷотҳои маҷбурӣ** – хароҷотҳои асосӣ буда, бидуни онҳо гузаштани ҳаёти ҳаррӯза ғайриимкон мебошад.

**Хароҷоти озод** – хароҷот барои эҳтиёҷҳое, ки қонеъгардониаш ҳатмӣ нест.

**Сабади истеъмолӣ** – миқдори хароҷоти маҷбурӣ, ки ба истеъмоли як кас дар давоми як моҳ сарф мегардад.

Оилаи алоҳида – ин ба сифати истеъмолгари хоҷагии хона ба инобат гирифта мешавад. Барои муқоиса кардани даромад ва хароҷотҳои он ҷадвали махсус тартиб дода мешавад. Ин ҷадвал буҷаи оила номида мешавад.

| Намудҳои даромади оила | Бо сӯм | Бо фоиз | Намудҳои хароҷоти оила | Бо сӯм | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.Ҳаққи кории падар | 1 750 000 | 35 | 1.Маҳсулоти хӯрокворӣ | 1 200 000 | 30 |
| 3. Маоши модар | 1 250 000 | 25 | 2.Либосворӣ | 600 000 | 15 |
| 3. Иҷорапулӣ | 500 000 | 10 | 3.Хароҷотҳои нақлиёт | 160 000 | 4 |
| 6. Нафақаи бобо | 750 000 | 15 | 4.Пардохт барои манзили зист | 320 000 | 8 |
| 6. Нафақаи бибӣ | 500 000 | 10 | 5.Пардохт барои хизмати маишӣ | 240 000 | 6 |
| 6. Фоизи амонат | 250 000 | 5 | 6.Молҳои хонаву рӯзгор | 200 000 | 5 |
| | | | 7.Истироҳати маданӣ | 280 000 | 7 |
| | | | 8.Андозҳо | 600 000 | 15 |
| | | | 9.Хароҷотҳои дигар | 400 000 | 10 |
| Ҳамагӣ: | 5 000000 | 100% | Ҳамагӣ: | 4 000 000 | 100 % |

**Буҷаи оила** – ҷадвалест, ки дар он манбаъҳои даромад ва хароҷотҳои оила барои даври муайян ба нақша гирифта шудааст.

Даромади оила нисбат ба хароҷоташ, чунонки дар ҷадвали болоӣ нишон дода шудааст, бисёр бошад, ин хуб аст. Оила метавонад, ки маблағи зиёдатиро захира кунад ё дар давраи минбаъда барои хароҷотҳои иловагӣ ба кор барад.

Баръакс, хароҷот аз даромад зиёд бошад, ин бад аст. Оила маблағи норасидаро аз ҳисоби қарз ё фурӯхтани ягон ашёи лозимӣ пӯшонданаш лозим меояд.

**Арзишҳо!**

Мақоли халқии «Хароҷот бояд мувофиқи даромад бошад»-ро чӣ тавр мефаҳмед?

Оморшиноси немис Эрнест Энгел натиҷаҳои тадқиқотҳои чандинсолаашро ҷамъбаст намуда, хулоса баровардааст, ки баробари афзудани даромадҳои оила таркиби хароҷотҳои он низ тағйир меёбад. Ҳангоми афзудани миқдори даромадҳои оила ҳиссаи хароҷот ба ғизову хӯрок нисбат ба ҷамъи дигар хароҷотҳо камтар мешавад, ҳиссаи маблағҳо барои хароҷоти сару либос, хонаву ҷой ва нерӯи барқ бетағйир монда, ҳиссаи хароҷотҳои маданӣ афзудан мегирад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Шумо ҳамчун истеъмолгар кадом хислатҳоро соҳибед?
**2.** Муаммои маҳдудият ба кӯшишу ҳаракатҳои истеъмолгар чӣ хел таъсир мерасонад?
**3.** Даромади истеъмолгар гуфта чиро мефаҳмед? Хароҷотҳо гуфта чӣ?
**4.** Истеъмолгар дорои чӣ гуна манбаъҳои даромад шуданаш мумкин?
**5.** Ба ҳар як соҳиби касбе, ки ҳаққи меҳнаташро дар шакли муздҳои моҳона, корбайъ, вақтбайъ ва омехта мегиранд, сетогӣ мисол оред.
**6.** Хароҷотҳои оилавиро шуморед. Онҳоро ба хароҷотҳои маҷбуриву озод тақсим намоед.
**7.** Дар кадом намуд муқаррар намудан ва ба кадом тартиб ҳисобу китоб шудани ҳаққи меҳнати омӯзгоронро донист гиред.
**8.** Моҳияти қонуни Энгелро бо ёрии мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонед. Ҳаракат кунед, ки зиёдшавии вазнинии хароҷотҳои моддиву ғайримоддиро эзоҳ диҳед.

**Дар хотир доред!**

• Ҳар як оила буҷаи худро тартиб дода, бо назардошти даромадҳои интизорӣ хароҷотҳояшро амалӣ намояд, ба мақсад мувофиқ аст.

• Аввало талаби истеъмолгаронро қонеъ гардондан маҷбурӣ буд ва баъдан хароҷотҳои қонеъ гардондани озод мавҷуд аст.

• Дар бозор истеъмолгар ба се қоидаи поёнӣ риоя мекунад:

**1.** Дар боби хариду фурӯши мол мустақил аст. **2.** Даромади истеъмолгар маҳдуд аст ва дар бозор барои сарфакору ратсионал шудан мекӯшад. **3.** Истеъмолгар дар бозор барои пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷи худ ба гирифтани нафъи максималӣ мекӯшад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 12 МУЛК ВА ХУСУСИГАРДОНӢ



Мактаб



Хонаву манзил



Автобус



Поликлиника




Дорухона



Замин

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Мулкҳои дохили расмҳоро киҳо метавонанд соҳибӣ намоянд?
2. Ба ягон шахс тааллуқ доштани мулкро аз рӯи кадом аломатҳояш муайян кардан мумкин аст?
3. Чаро мактаб бештар ба давлат дахлдор мешавад?
4. Дармонгоҳҳои давлатию хусусӣ аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
5. Ду шахс дар ду микроавтобусе, ки яке ба корхонаи ҷамъиятӣ тааллуқ дораду дигаре моли шахсист. Шароити меҳнатии ронандагон аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунад?

Маснуоту таҷҳизоти гуногуне мавҷуданд, ки ба ягон шахс ё оила марбутанд. Масалан, сару либос, пойафзор, мебел, молҳои маданӣ, маишӣ, хоҷагӣ ва ғайра. Одамон соҳиби манзил, ҳавлӣ, мошин ва замин мебошанд. Ин гуна маснуоту таҷҳизотҳоро мулк меноманд. Соҳиби *мулкро мулкдор* мегӯянд. На танҳо шахсони алоҳида, ё ин ки оила, балки фирма, корхона ва ташкилотҳои дигар низ соҳиби мулк шуда метавонанд. Масалан, биноҳои истеҳсолӣ, асбобу ускунаҳо, мошину механизмҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғайра ба фирма мансуб шуданаш мумкин аст. Монанди ин давлат ҳам ба мулк соҳиб шуда метавонад. Қитъаҳои замин, боигариҳои табиии рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, бино ва ғайра ба давлат мансуб буданаш мумкин.

Вақте ба ягон *молу мулк пурра соҳибӣ намуданро* ба забон мегирем, пеш аз ҳама ба манфиатҳои худ чашмдор шудани мулкдор аён мегардад. Ин маънои: – ба мулк соҳиб гардидан; – аз мулк фоида бурдан; – мулкро тасарруф намуданро дорад.

**Мулк** – ҷамъи ашёҳоест, ки одамон аз худ кардаанд ва ба онҳо соҳиб шудан мумкин аст.

**Мулкдор** – шахси соҳиби мулк.

Объектҳои мулк – ин неъматҳои моддиву маънавӣ мисли сарватҳои заминӣ ва зеризаминӣ, иншоотҳо, мошинаҳо, асбобу ускунаҳо, маҳсулоти тайёр, пул, коғазҳои қимат, асарҳои санъат ва адабиёт, ихтироъҳо.

Мулки шахсӣ мулкест, ки барои конеъ гардондани эҳтиёҷоти шахсии худ одамон соҳибӣ мекунанд. Мулке, ки гурӯҳи одамон (ҷамоа) соҳибӣ мекунанд, мулки ҷамоавӣ номида мешавад. Дар фанни иқтисодиёт намудҳои мулки давлатӣ ва хусусӣ васеъ омӯхта мешаванд.

Одатан хелҳои шахсӣ, ҷамоавӣ, давлатӣ ва хусусии мулк ҷудо карда нишон дода мешавад.

**Асосҳои ҳуқуқии иқтисодӣ**

Ҳар як шахс ҳуқуқи мулкдор шуданро дорад.

*Моддаи 36-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон*

Шахсони соҳиби мулк – субъектҳои мулк ба ҳисоб мераванд. Ба субъектҳои мулк одамони алоҳида, оилаҳо, ҷамоаи одамон ё давлат мисол мешавад. Масалан, либос, портфел, айнак ва ҳоказо

Мулке, ки гурӯҳи одамон соҳибӣ мекунанд, мулки ҷамоавӣ номида мешаванд.

Дар фанни иқтисодиёт намудҳои давлатӣ ва хусусии мулк васеъ омӯхта мешавад.

Замин, боигариҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ, ҳавзаҳои об, олами растанию ҳайвонот, инчунин дигар боигариҳои табиӣ сарвати умуммиллӣ ба ҳисоб мераванд. Аз онҳо оқилона истифода будан зарур ва онҳо дар муҳофизаи давлат мебошанд. Молу амволи ташкилотҳо, корхона ва муассисаҳои давлатӣ, боигарӣ ва ёдгориҳои маданию таърихие, ки аҳамияти давлатӣ доранд, маблағҳои буҷаи давлатӣ, захираи тилло – валюта молу амвол *моликияти давлатиро* ташкил медиҳанд. Молу амволе, ки моликияти давлат ҳисоб меёбад, ба муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои ба роҳ мондани хоҷагидорӣ, ё идора кардани онҳо вобаста карда мешаванд. Ма-

салан, ҳамаи молу мулке, ки ба мактаб тааллуқ дорад, мулки давлатӣ буда, ҳуқуқи фоидабарии он ба ҷамоаи мактаб, ҳуқуқи ба он соҳибӣ кардан ба ҳокимияти шаҳр ё ноҳия, ҳуқуқи тасарруф намуданаш бошад, ба ташкилоти махсуси давлатӣ — Кумитаи давлатии идораи активҳо дода шудааст.

**Мулки давлат** – молу амволест, ки ба корхона ва ташкилотҳои давлатӣ тааллуқ дорад.

Аз мулк, бинои мактаб барои ғайр аз таъмин бо мақсадҳои дигар истифода бурдан раҳбарияти мактаб аз соҳиби мактаб – ҳокимият бояд рухсат гирад.

Дар иқтисодиёти бозор мулки аҳамияташ зиёд – ин мулки хусусӣ аст

Мулки хусусӣ мулкест, ки ба баъзе нафарон, оилаҳо ё гурӯҳи одамон дахлдор аст. Фарқи асосии ин мулк аз мулки шахсӣ ё ҷамоавии оддӣ – ин хусусияти ба соҳиби худ даромад овардан мебошад.

**Мулки хусусӣ** – мулкест, ки ба як ё чанд нафар шахси ҷисмонӣ дахлдор буда, аз ҷониби мулкдор бо мақсади даромад гирифтан истифода бурда мешавад.

Ҳангоме, ки мулкдори мулки хусусӣ якчанд нафар (хусусан, одамон, корхонаҳо, фермерҳо) мебошанд, ҳуқуқи соҳибӣ кардан ба мулк ин бинобар созиши муайяни байни шахсҳо тақсим мешавад.

Мулки хусусӣ шакли куҳантарини мулкдорӣ мебошад. Лекин дар мамлакати мо дар шароити иқтисодиёти нақшавии то истиқлолият аҳамияти он гум шудааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ бошад, аҳамияти он боз барқарор мегардад.

Ашёҳо – ин ҳуқуқҳои ашёвӣ, пулҳо, коғазҳои қиматнок, ашёҳои мулкдор соҳибикунанда мебошад. Ҳуқуқҳои ашёвӣ бошад, ҳуқуқи аз каси дигар гирифтани ягон чиз ё хизмат буда, он ҳам ба соҳиби мулк дахлдор аст.

Ба ашёҳо ашёҳои шахсӣ, ашёҳои интиқолёбанда ва дар як ҷой истода, ашёҳои корхонаро мисол овардан мумкин аст.

Дар дохили объектҳои мулк мулки интеллектуалӣ бо махсусияти худ ҷудо шуда меистад. Мулки интеллектуалӣ – ин маҳсули меҳнати ақлии инсон буда, ҳуқуқи мулкдории ба он буда ба воситаи қонун як вақти муайян барои ҳамин инсон муайян карда мешавад. Яъне, бидуни рухсати инсони мазкур аз он истифода кардан манъ аст.

Ба сифати мисоли мулки зеҳнӣ инҳоро овардан мумкин аст: асарҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ, сабти овоз, радио, асарҳои телевизион, кашфиётҳо, ихтироъҳо, барномаҳои компютерӣ, аломати мол, ноу-хау ва ғайраҳо.



http://eduportal.uz

Хусусан, солҳои охир дар мамлакати мо чараёни хусусикунонӣ якбора шиддат гирифт. Дар натиҷаи ташкил гардидани Кумитаи давлатии ривоҷ додани рақобат ва ёрирасонӣ ба корхонаҳои хусусигардондашудаи Республикаи Ӯзбекистон чараёни хусусигардонӣ ба шакли низомнок даромад. Барои ин ба сифати мақсади асосии хусусигардонӣ дар Ӯзбекистон модернизатсиясозии корхонаҳои хусусигардондашуда, ҷалб кардани маблағҳои сармоядорони хусусӣ бо технологияҳои замонавӣ ба ҷиҳозҳо ва истеҳсоли маҳсулоти содиротбоб ва ҷойи воридотро пахшкунанда, ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ муайян карда шуд.

Хусусигардонӣ дар Ӯзбекистон ба тамоюлҳои зерин асоснок карда мешавад:

- Ҳамаи объектҳои давлатӣ ба воситаи савдои озод фурӯхта мешаванд;
- Чараёни хусусигардонӣ соддашуда ва шаффоф;
- Бинобар объектҳои фурӯхташаванда ҳама сармоягузорон метавонанд маълумоти кифоя гиранд;
- Сармоягузорон ба воситаи қонунгузории барқарор кафолат дода мешаванд.

Ба воситаи ислоҳоти иқтисодии ҳозира бузургтарин корхонаҳои мамлакати мо ҳам хусусӣ гардонда мешаванд. Дар мамлакати мо ҳатто бинобар хусусигардонии замин ҳам чора андешида мешавад.

**Милликунонӣ** – ба мулки давлат табдил додани мулки хусусӣ.
**Хусусигардонӣ** – ба мулки хусусӣ табдил додани мулки давлатӣ.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Соҳиб – мулкдори ҳама чиз шудан чӣ хубӣ дорад?
2. Шаклҳои мулкро ҳисоб кунед ва мисолҳо биёред.
3. Дар иқтисодиёти бозор кадом шакли мулк асоситарин ба ҳисоб меравад?
4. Мулки зеҳнӣ чӣ гуна мулк аст?
5. Ба фикри шумо мақсади асосӣ аз хусусигардонӣ чист?
6. Дар бораи чараёни хусусигардонӣ дар Ӯзбекистон гуфта диҳед.

**Инро дар хотир доред!**

- Пул моли махсусе мебошад, ки ҳамаи мол ва хизматҳоро мубодила кардан мумкин аст.
- Пул яке аз бузургтарин кашфиётҳои инсон мебошад.
- Пул воситаи муомила, андоза ва захиракунӣ мебошад.

## МАВЗӮИ 13 ДАРОМАД ВА САРВАТ

***Нишондодҳои соҳибкор Солиева***



Соли 2017 5500-то костюми занона истеҳсол кард ва ҳар якеашро 50 000 сӯмӣ фурӯхт.

Соли 2018 6200-то костюми занонаи дизайни нав истеҳсол кард ва 80 000 сӯмӣ фурӯхт.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Солиева соли 2017 чӣ қадар даромад кардааст? Соли 2018 чӣ?
2. Ӯ соли 2018 нисбат ба соли 2017 чӣ қадар зиёд даромад кардааст?
3. Ба фикри шумо ӯ даромади иловагиашро аз кадом ҳисоб гирифтааст?

Одатан ҳар як шахс баробари оғози фаъолияти меҳнатиаш ба боигарии асосии инсон – даромади муайяне, ки бар ивази меҳнаташ меояд, ноил шудан мегирад. Ақлу идрок, дониш, заковат, тавоноӣ, таҷрибаи корӣ, маҳорати касбӣ, салоҳият, саломатӣ ва дунёи маънавии одам боигарии (сармояи) инсонии ӯро ташкил медиҳад. Боигарии инсон – ин бузургие мебошад, ки қадру қимати иқтисодии шахсро муайян месозад.

**Сармояи (боигарии) инсонӣ** – ақлу идрок, дониш, заковат, тавоноӣ, таҷрибаи корӣ, маҳорати касбӣ, салоҳият, саломатӣ ва ҷаҳони маънавии шахс мебошад.

Боигарии маънавии инсон – ин ҷаҳонбинӣ, хулқу одоб ва фарҳанг барин фазилатҳои шахс мебошад, ки ба дунёи маънавии ӯ алоқаманд буда, яке аз ташкилкунандаҳои асосии боигарӣ (капитал) ба ҳисоб меравад.

Манбаъҳои меҳнатии мамлакат аз ҷамъи боигариҳои инсонии сокинони он ташкил меёбад. Дар Ҷопон боигариҳои табиӣ қариб вуҷуд надоранд. Ҳоло ин давлат дар натиҷаи ривоҷу равнақ додани сарвати инсонии сокинони худ ва боз ҳам бештар намудани онҳо ба захираҳои бузургу сармояи бойи иқтисодӣ соҳиб гардидааст. Боигарии инсонии шахс ҳар чӣ қадар болотар, ҷаҳонбинии маънавияш ҳар чӣ қадар васеътар бошад, даромади ба ивази



http://eduportal.uz

он гирифташаванда – музди кор ҳам ҳамон қадар бисёр мешавад. Дар айни замон, шумо ба мақсади афзун гардондани сармояи инсонии худ дар мактаб таҳсил карданиед. Баъд таҳсилро дар литсейи академӣ, коллеҷи касбу ҳунар ё донишгоҳ давом дода, донишатонро боз ҳам баланд мебардоред. Тамоми саъю кӯшиши мазкур аввало барои афзун гардондани сармояи инсонӣ, сипас, сармояи моддӣ – даромадатон нигаронда мешавад.

Вақте ки даромад оҳиста-оҳиста зиёд шудан мегирад, имконияти пасандоз намудани он ба вуҷуд меояд. Агар як қисми даромаде, ки ба даст омадааст, ҳамоно сарф карда шавад, қисми дигараш ба шакли пулӣ ба бонк гузошта, коғазҳои қиматбаҳо, заводу фабрика, мошин, иморат, хонаю ҷой ва зебу зинатҳои харидашуда ҳамчун амвол ҷамъ мегардад. Ҳамаи амволҳои мазкур *боигарии моддии* шахсро ташкил медиҳанд. Боигарии инсонӣ ва моддии шахс *сарватмандии ӯро* ташкил менамояд.

**Сармояи моддӣ** – қисми ба амвол табдилёфта ва маблағҳои пулии даромади ҷамъгардида.

**Сарват** – ҷамъи ҳама боигариҳои инсонӣ ва моддии шахс.

Одатан шахси нисбат ба дигарон соҳиби неъмати зиёдтар бударо одамон сарватманд мегӯянд. Дар иқтисодиёт бошад, дар вақти муайян ба дараҷаи калон зиёдшавии даромади шахс аз хароҷоташ фаҳмида мешавад. Ҳамаи суханони дар боло гуфташударо умумӣ карда, ба сарватмандӣ чунин таъриф додан мумкин аст: Сарватмандӣ – ин дар шахс ё ҷамъият зиёдатии неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мисли пул, воситаҳои истеҳсолот, ашё нисбат ба эҳтиёҷҳо мебошад. Албатта, мо сарватманди ҳақиқӣ гуфта, одамонеро мегӯем, ки дунёи маънавиашон низ сазовори ҳавас кардан бошад.

Объектҳои мулк – ин неъматҳои моддиву маънавӣ мисли сарватҳои заминӣ ва зеризаминӣ, иншоотҳо, мошинаҳо, асбобу ускунаҳо, маҳсулоти тайёр, пул, коғазҳои қимат, асарҳои санъат ва адабиёт, ихтироъҳо.

Шахсони соҳиби мулк – субъектҳои мулк ба ҳисоб мераванд. Ба субъектҳои мулк одамони алоҳида, оилаҳо, ҷамоаи одамон ё давлат мисол мешавад.

Муносибатҳои иқтисодии мамлакати мо, муҳити иҷтимоии ҷамъият ба таркиби даромади одам ва ҳамаи ҷамъият таъсири калон мерасонад. Дар давраи то истиқлолият фоидаи соҳибкорӣ дар таркиби даромади одамон қариб мавҷуд набуд. Баъд аз истиқлолият дар таркиби даромади шахс ва ҳамаи ҷамъият даромад ва фоидаи соҳибкорӣ соҳиби ҳиссаи аз ҳама калон мегардад.

Ҳар як шахс дорои қобилият, заковат ва салоҳияти гуногун мебошад ва аз ин рӯ миқдори даромадҳои онҳо ҳам гуногун аст. Нобаробарии даромадҳо хусусияти ба худ хоси иқтисодиёти бозаргонӣ буда, худи ҳамин нобаробарӣ одамонро барои хубтар кор кардану бисёртар даромад гирифтан равона месозад. Баробари ин, бояд қайд намуд, ки босуръат зиёд шудани фарқи байни даромадҳо низ албатта, ба оқибатҳои хуб оварда намерасонад. Маълум аст, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нархҳо тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, даромадҳо дар солҳои гуногун қиёс карда шаванд, миқдори онҳо дар ин солҳо, яъне қимати номиналии онҳо не, балки қимати он нисбати соли муайян, яъне қимати воқеӣ муқоиса мегарданд. Ҳамин тавр, *даромади номиналӣ* қимати нархҳо нисбати даромади соли ҷорист. *Даромади воқеӣ* бошад, қимати нархҳо нисбати даромад дар соли муайян аст.

**Ҳаққи иҷора (рента)** – ҳаққе, ки барои фоидабарии амволи ягон шахс дода мешавад.

**Фоизи амонатӣ** – ҳаққе, ки барои истифодаи пули ба амонат гузошташуда дода мешавад.

**Даромад (фоида)-и тадбиркорӣ** – даромаде, ки дар натиҷаи фаъолияти тадбиркорӣ ба даст меояд.

**Арзишҳо!**

Дар ҳадис оварда шудааст: «Сарват дар зиёд будани мол не, балки дар серии дил мебошад».

Индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ) тағйироти дараҷаи муайяни нархҳои мол ва адои хизмати аз тарафи аҳолӣ харидгардида ва расондашударо нисбати нархҳои давраи оғозӣ ифода мекунад. Онро дигар хел карда гӯем, дар давоми вақти амалкунанда тағйирёбии дараҷаи нархҳо ҳам номидан мумкин аст. Масалан, соли 2018 даромади миёнаи номиналии аҳолии Мамлакати шартӣ нисбати соли 2017-ум 36,4 фоиз афзудааст. Дар натиҷаи соли 2017 шаҳрванд 1000000 воҳиди пули шартӣ даромад гирифта бошад, соли 2008 вай 1364000 сӯм даромад гирифтааст. Ва он албатта, маънои онро надорад, ки гӯё дараҷаи зиндагонии шаҳрванд дар охири соли 2018 нисбати соли 2017-уми 1,364 маротиба беҳтар гардидааст. Чунки дар ин давр нархҳо ҳам боло рафтаанд. Маълум гардид, ки нархҳо дар ин давр ба 7,5%, яъне 1,075 маротиба афзудаанд. Агар миқдори даромади номиналиро ба дараҷаи боло рафтани нархҳо тақсим намоем: 1364000:1,075=126,8837 миқдори даромади миёнаи воқеии аҳолӣ ҳосил мешавад. Пас, даромади шаҳрвандон охири соли 2018 нисбати соли 2017 тахминан 1,27 маротиба афзудааст (1268837 : 1000000 ≈1,27).



http://eduportal.uz

**Даромади номиналӣ** – миқдори даромаде, ки дар давоми даври маълум аз ҷониби шахс ё оила алоҳида ба даст оварда шудааст.

**Даромади воқеӣ** – қимати даромади номиналӣ нисбат ба тағйирёбии нархҳо дар давраи муайян.

**ФОРМУЛА**

$$R_r = \frac{R_n}{I}$$

$R_n$ — даромади номиналӣ;
$R_r$ — даромади воқеӣ;
$I$ — индекси нархҳои истеъмолӣ ё дараҷаи тағйирёбии нархҳо.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Қадру қимати иқтисодии инсон бо чӣ чен карда мешавад?
2. Боигарии маънавии инсон чист? Аз хусуси дар капитали (сармояи) инсонӣ кадом мавқеъро ишғол кардани он чӣ гуфта метавонед?
3. Сарват чист? Чӣ гуна одамро сарватманд мегӯянд?
4. Ба даромади аз мулки хусусӣ гирифташаванда мисол биёред.
5. Фарқи даромади номиналӣ ва воқеаро гӯед.
6. Тарафҳои бартарӣ ва камбудии нобаробарии даромадҳоро ҳисоб кунед.

**Дар хотир доред!**

- Ҳар як одам ё корхона ба миқдори маълум мулк ҳаст.
- Намудҳои шахсӣ, ҷамоавӣ, давлатӣ ва хусусии мулк фарқ мекунанд.
- Мулки давлатӣ барои ҳамаи шаҳрвандон хизмат мекунад.
- Дар иқтисоди бозаргонӣ мулки хусусӣ мақоми пешбар дорад.
- Ба воситаи хусусигардонӣ мулк ба соҳиби ҳақиқиаш супурда мешавад.

**Дар хотир доред!**

- Қадри боигарии иқтисодии инсон бо ҷамъи сармояи (капитали) моддӣ ва инсонии ӯ чен карда мешавад.
- Манбаи меҳнат ба намуди музди кор, манбаи табиӣ – рента, захираҳои сармоя – фоиз (дивиденд) тадбиркорӣ дар намуди фоида даромад меорад.
- Даромади номиналӣ бо нархҳои ҷорӣ ҳисоб гардад, нархҳои соли муайян аз рӯи даромади воқеӣ арзёбӣ мегарданд.
- Миқдории воқеии даромад оиди аниқкунии солҳо ёрдам мерасонад.

# МАВЗӮИ 14 ҒУНКУНӢ ВА СУҒУРТА




Бонки миллии Ӯзбекистон амонатҳояшро аз рӯи ставкаи солонаи 18 фоиза зиёд медиҳад. Миқдори фоиз моҳ ба моҳ ҳисоб гардида, ба амонататон илова мегардад.




Агар саҳмияҳои «Ипотека банк»-ро харида гиред, ҳар сол ба миқдори 20 фоиз даромади иловагӣ – дивиденд мегиред.



Маблағҳоятонро ба бонки «Ипотека» гузоред, то ба имкони сохтан ё харидани хона соҳиб шавед.



Пулҳоятонро дар ҳамён нигоҳ доред!



Аз дӯкони мо ҳамагуна молро бо пули нақд ё бо тариқи пулгузаронӣ харид карданатон мумкин аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Муассисаҳои гуногуне, ки дар расмҳои болоӣ мебинед, хизматҳои худро оиди пасандоз кардани пулҳоятон ё гузоштани онҳо ба кори ба шумо маъқули фоидаовар пешниҳод мекунанд. Бигузор, шумо 2000000 сӯм пул доред ва онро ба ягон кори бароятон фоидаовар гузоштаниед.

**1.** Ҳар як пешниҳодро бодиққат аз худ намоед. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ҳар як пешниҳодро таҳлил кунед.

**2.** Ба андешаи шумо кадоме аз пешниҳод бисёртар даромад меорад?

**3.** Ба фоидае, ки аз ҳар як пешниҳод омаданаш мумкин аст, аз нуқтаи назари шахсӣ ва ҷамъиятӣ баҳо диҳед.

**4.** Ба ҳаққонӣ будани кадом пешниҳод бисёртар боварӣ доред?

**5.** Ҷадвали қабулкунии қарорро тартиб дода, мувофиқи мизонҳои бароятон мақбул баҳо диҳед ва натиҷаи интихобкардаатонро эълон намоед. Барои чӣ ба ҳамин қарор омаданатонро асоснок намоед.

---

Маълум аст, ки одамон даромадҳояшонро якбора сарф намекунанд, қисме аз онро ба шакли амонат нигоҳ медоранд, яъне пасандоз мекунанд. *Пасандоз*,

чуноне ки иқтисодшиносон маънидод мекунанд, ин маблағи пулиест, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи оянда ҷамъ карда мешавад.

**Пасандоз** – пуле, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти минбаъда ҷамъ карда мешавад.

Сарват ба намуди ягон моли моддӣ – амволи манқул (хонаву ҷой, биноҳо), филизу сангҳои қиматбаҳо ва чизҳои аз онҳо сохташуда, зебу зинатҳои ороишӣ ё ин ки бевосита дар шакли маблағҳои пулӣ ҷамъ шуданаш мумкин. Дар замони кунунӣ дар хона нигоҳ доштани пул чандон мувофиқ нест, чунки он ба соҳибаш ҳеҷ гуна фоида намеорад. Дуруст ҷамъ кардану нигоҳ доштани пул низ аз одамон донишу малака талаб мекунад.

Бисёр муассисаҳое мавҷуданд, ки ба нигоҳдории маблағҳои пулӣ ихтисосонида шудаанд. Ба ғатори ин гуна корхонаҳо бонкҳои амонат, биржаҳои фонд, бунёдҳои нафақа, ширкатҳои суғурта, ҷамъиятҳои барои нася фурӯшандагони молҳои гуногун ва бо нася ба фурӯши сохтани манзил машғулшавандаро ворид кардан мумкин. Роҳи мағбултарини тасарруф кардани пулҳои захирашуда – ин инвеститсия, яъне, офаридани корхонаҳои нав ё барои модернизатсия кардан истифодаи мавҷудаҳои он мебошад. Аз биржаи фонд саҳмияи ягон корхонаро харид намуда, аз фоидаи солонаи корхона дар намуди дивиденд даромад гирифта метавонед. Ҷиҳати ба худ хоси фаъолияти инвеститсионӣ дар ин аст, ки дар он фақат фаъолияти бомуваффақият барои даромад гирифтан имкон медиҳад. Дар акси ҳол на фақат фоида, балки маблағҳои худро низ гум кардани шумо мумкин аст.

**Инвеститсияҳо (анг. Investments)** – маблағҳое, ки барои ташкил кардани корхонаҳои нав, модернизатсия кардани мавҷудаҳои он, азхудкунии технология ва техникаи нав, васеъ кардани истеҳсолот равона карда шудааст.

Амонат гуфта бо мақсади ҷамъкунӣ ва зиёдкунии маблағ дар бонк ҳаққи маълуми иловагӣ – ба ивази фоиз пул гузоштан дар назар дошта мешавад. Ҳамин ҳаққи изофагӣ – фоидаи амонатро ба воситаи формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$\textbf{Фоидаи солонаи амонат} = \frac{\textbf{Миқдори амонат} \cdot \textbf{фоизи солонаи амонат}}{\textbf{100\%}}$$

Амонат ба бонк ба муддати як моҳ гузошта шуда бошад, дар он ҳолат фоидаи амонатро ба воситаи формулаи зерин ҳисоб карда баровардан мумкин аст: **Фоидаи моҳонаи амонат = Фоидаи солонаи амонат : 12**

Амонат муддати якчанд моҳ гузошта шуда бошад, дар он ҳолат фоидаи ин гуна амонатро ба адади моҳ зарб зада меёбанд. Масалан, амонат муддати се моҳ гузошта шуда бошад, фоидаи ин амонатро ба 3 зарб зада меёбанд.

**Асосҳои ҳуқуқии иқтисодӣ**

Маблағи амонатие, ки дар бонк гузошта шудааст, махфӣ нигоҳ дошта, ҳуқуқи мерос бо қонун кафолат дода мешавад.

*Моддаи 36-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон*

**Амонат** – маблағе, ки барои аз ҳисоби ҳаққи иловагии маълум (фоизи муайян) зиёд намудани он дар бонк гузошта мешавад.

Ҳангоми интихоби бонк барои ба амонат гузоштани пул асосан, ба ду мезон аҳамият додан лозим: даромаднокӣ ва боварнокӣ. Душмани калонтарини амонат – инфлятсия мебошад. Инфлятсия – беқурбшавии пул дар натиҷаи муттасил зиёд гардидани нарху навои миёна дар мамлакат аст

Агар дар мамлакат нархи молҳои истеъмолӣ 3 маротиба боло равад, он гоҳ амонатҳои аҳолӣ ҳам ҳамон қадар беқурб мегардад. Аз ин боис дар ҳолатҳои таназзул ба шакли пул нигоҳ доштани амонат аз рӯи ақл нест. Дар ин мавридҳо беҳтар мешавад, агар ба тезӣ молҳои дар оянда бо нархи баланд фурӯхташаванда харид карда шавад. Вақте ки маблағҳои пулии шахсии истеъмолгарон на дар хона, балки дар муассисаҳои мувофиқ нигоҳ дошта мешаванд, ҳам ба соҳибашон, ҳам ба давлат ва ҳам ба фирмаҳои молистеҳсолкунанда нафъ меоранд. Чунин маблағҳои пулие, ки ба истеҳсолот ҷалб карда шудаанд, ба зиёд гаштани ҳаҷми он оварда мерасонанд. Ин бошад, дар навбати худ ба тамоми иқтисоди мамлакат нафъ мерасонад. Аз ин

**Инфилятсия** (беқурбшавӣ) – беқурбшавии пул дар натиҷаи муттасил зиёд гардидани нарху навои миёна дар мамлакат.

ҷост, ки маблағҳои ҷамъовардашуда (пасандоз) ҳамчун яке аз пояҳои асосии тараққиёти иқтисодӣ хизмат мерасонад.

*Суғурта* — воситаи пешгирӣ намудани муаммоҳои молиявиест, ки дар натиҷаи ҳолатҳои гуногуни ғайричашмдошт ба миён меояд. Дар айни замон суғуртаи амвол, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи тиббӣ барин як қатор шаклҳои суғурта вуҷуд дорад. Барои чунин намудҳои суғурта ба ширкатҳои суғуртавӣ ба таври пай дар пай ҳаққи суғурта дода мешавад. Муаммоҳои молиявӣ, зарарҳои молию ҷонӣ, ки дар натиҷаи ягон ҳодисот рух медиҳанд, аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ пӯшонида мешаванд. Масалан, агар хонаю ҷой

суғурта карда шуда бошанд, он гоҳ ҳар сол ба миқдори муайян ҳаққи суғурта пардохта мешавад. Агар дар натиҷаи ягон ҳодисаи нохуш, масалан, сӯхтор ба хонаю ҷой зарар расида бошад, товони онро ширкати суғурта мепардозад.

**Суғурта** – дар натиҷаи ҳолатҳои гуногуни ғайриинтизор муҳофиза кардан аз муаммоҳои молиявие, ки мумкин аст ба вуҷуд ояд..

**Машқ**

Соли 2018 яке аз бонкҳои тиҷоратӣ:

Барои як моҳ — 18%, ду моҳ — 21%, се моҳ — 24% бо ставкаи фоизи солона ҳаққи иловагӣ пардохт карданро эълон намуд.

1. Чаро меъёри фоизи бонк ба муддати нигаҳдории амонат нигоҳ карда ҳар хел мебошад?
2. Агар барои як сол 24% миқдори фоизи солона муқаррар карда шавад, он гоҳ миқдори фоизи якмоҳа чанд фоизро ташкил медиҳад?
3. Ҳисоб кунед, ки агар 500000 сӯм дар бонк мувофиқан ба муддати 1, 2, 3 моҳ нигоҳ дошта шавад, он гоҳ вай ба кадом миқдор (сӯм) бармегардад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Одамон бо кадом мақсад маблағҳои пулиашонро ҷамъ (пасандоз) менамоянд?
**2.** Кадом тарзҳои пулҷамъкуниро медонед ва кадоме аз онҳо ба Шумо ҳам маъқул ва ҳам қулай мебошад? Чаро?
**3.** Аз ҷамъоварии пул ба ғайр аз соҳиби пул боз киҳо манфиатдор мегарданд?
**4.** Оё шумо пул ҷамъ карда будед? Пул ҷамъ овардан осон аст ё мушкил? Мавриди ҷамъ овардани пул нисбат ба худатон чӣ гуна ноқулайиҳоро ҳис карда будед?
**5.** Ҷамъ намудани маблағҳои пулӣ дар кадом вазъият бе нафъ ва ҳатто зарар-овар шуданаш мумкин аст? Дар чунин вазъият чӣ гуна рафтор бояд намуд?
**6.** Инфлятсия чист? Чаро онро душмани ашаддии амонат меноманд?
**7.** Суғурта чист? Он барои чӣ лозим аст?

**Дар хотир доред!**

• Истеъмолгарон баробари зиёд шудани даромадҳояшон ба сарфа намудани қисме аз онҳо кӯшиш мекунанд.

• Маблағҳои ҷамъгардида аксар вақт барои афзун гардонидани сармояи моддӣ сарф карда мешаванд.

• Душмани асосии маблағи ҷамъшуда ин беқадршавии пул мебошад.

• Ғункунӣ дар оянда асоси рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

## МАВЗӮИ 15 ҚАБУЛИ ҚАРОРИ ИҚТИСОДӢ

| Имкониятҳои муқобил (номи ашёе, ки метавонед харед) | Меъёри баҳодиҳӣ (меъёри мувофиқи мақсад будани харидатон ва нафъи он) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Расидани пул | Мавҷудияти эҳтиёҷ | Фоидаи барои дониш гирифтан | Фоидаи он ба саломатӣ | Ба аҳли хонавода омадани он | |
| 1. Велосипед | | | | | | |
| 2. Шиму костюм | | | | | | |
| 3. Аудиоплейер | | | | | | |
| 4. Сексияи каратэ | | | | | | |
| 5. Курси забони англи | | | | | | |
| 6. ... | | | | | | |

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА!

1. **Муаммо:** Фарз кардем, ки падаратон ба рӯзи таваллуди шумо 800 000 сӯм пул дод ва чӣ харида гирам, гуфта ба фикр фурӯ рафтед.
2. **Ҳалҳои муқобил:** фарз кардем, ба ин пул чизҳои муқобили дар сатрҳои ҷадвали болоӣ оварда шуда, ки «Ҷадвали қарор қабул кардан» номида шудааст, метавонед харид кунед: **1)** велосипеди рафиқатон; 2) шиму костюми нав; 3) аудиоплейер; 4) барои муддати шаш моҳ дар сексияи пулии каратэ ширкат варзидан; 5) барои дар курси семоҳаи забони англисӣ иштирок кардан. Ҷадвалро ба дафтаратон рӯбардор намоед ва номи ашёи бароятон мақбули 6-ро дар қатори охир нависед.
3. **Меъёрҳои баҳодиҳӣ:** бигузор меъёрҳое, ки аз нафъи ҳар як чизи харидаатон ба даст медароянд, то чӣ андоза ба мақсад мувофиқ кардани он ва то ба кадом дараҷа қонеъ гардидани эҳтиёҷатонро нишон медиҳанд, дар сатри аввали ҷадвали «расидани пул», «мавҷудияти эҳтиёҷ», «фоидаи он ба донишандӯзӣ» барин меъёрҳо оварда шуда бошанд. Шумо метавонед меъёрҳои дигари ба назаратон муҳимро низ дар сатри якуми ҷадвали мазкур ҷой диҳед.
4. **Аз рӯи меъёрҳо баҳо додани ҳар як ҳалли муқобил:** ҳар як ҳалро аз рӯи меъёрҳои овардашуда баҳо дода, ба катакҳои мувофиқ ишораҳои зеринро гузоред: агар фикр аз рӯи меъёр мусбӣ бошад, аломати «+» ва агар манфӣ бошад, аломати «–», агар ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ бошад, ишораи «0» ва агар номаълум бошад, аломати «?».

5. **Интихоб**: муайян намоед ки кадом ашё мувофиқи натиҷаи баҳодиҳӣ аз ҳама зиёд баҳои мусбӣ гирифтааст. Айнан ҳамин ашё чизест, ки шумо хариданиед.
6. Қарорҳоятонро бо шарикатон муқоиса намоед. Сабабҳои гуногунии қарорҳо дар чист?

---

Роҳбари хоҷагии фермерии «Бӯстон» Камол Абдуллоев дар деҳаи истиқоматии худ ба сохтани сехи азнавкоркарди шир қарор дод.

Дар боло бо қарорҳои яке ба корхонаи хусусӣ ва дигаре ба давлат тааллуқдошта шинос шудед. Биёед ба таҳлили сабаби пайдоиши ин қарорҳо кӯшиш намоем. Албатта, пеш аз қабул кардани ҳар як қарор вазъияти иқтисодӣ, имконияти истифода аз манбаъҳои мавҷуда хеле дақиқан омӯхта шудаанд. Агар ба забони иқтисодчиён баён намоем, ба саволҳои зерин ҷавоб ҷуста шудааст: – Чиро бояд истеҳсол кард? Чӣ тавр бояд истеҳсол кард? Барои кӣ бояд истеҳсол кард? Яъне, қарор (аз байни имкониятҳо якеро интихоб кардан) оқилона ба таври *ратсионалӣ* қабул гардидааст. Аз тарафи дигар оиди натиҷае, ки баъди ба амал баровардани ин қарор ба даст меояд, фикр карда шудааст. Ин натиҷа, албатта бо фоидаи аз ҳама «калон»-и худ ва қимати максималиаш дар ҷои алоҳида бояд истад. Дар акси ҳол ин гуна қарор қабул карда намешуд. Дарҳақиқат, агар барои К. Абдуллоев аз сехи азнавкоркарди шир сохтани заводи консерв бисёр фоидаовару гаронбаҳо мебуд, вай қарори худро тағйир медод. Ба монанди ин, агар барои давлат дигар имконияти фоидаовар ва самаранок мебуд, он гоҳ вай дар бораи ба амал баровардани ҳамон имконият қарор қабул мекард. Пас, ҳар як қарори иқтисодӣ бо хусусияти *максималии* худ алоҳида бояд истад.

Қадру қимат ва фоидаи ҳар як қарор бо нафъе, ки ба шахси алоҳида ва ҷамъият меоварад, чен карда мешавад. Қадру қимати қарори Абдуллоев оиди сохтани сехи азнавкоркарди шир аз як тараф бо фоидае, ки дар натиҷаи ба кор шурӯъ кардани сех ба ихтиёри ӯ ворид мегардад ва инчунин ҳисси қаноатмандии вай аз фаъолияти худ ба *қадру қимат* ва *нафъи* ***хусус***ӣ чен гардад, аз тарафи дигар он бо нафъе, ки ба ҷамъият меоварад, ба монанди барои ҳамдиёронаш муҳайё кардани коргоҳи иловагӣ ва таъмини эҳтиёҷоти одамон ба маҳсулоти ширӣ *қадру қимат ва нафъи иҷтимо*ӣ чен мегардад. Ҳамин тавр, ҳар як шахс ҳангоми қабул кардани қарор баробари ба даст овардани муваффақиятҳо ҳам аз нуқтаи назари шахсӣ ва ҳам иҷтимоӣ имкониятҳои аз даст рафтаро, албатта, бо ҳам қиёс карданаш лозим меояд.

Ҳангоме, ки Камол Абдуллоев барои сохтани корхонаи азнавкоркарди шир қарор қабул кард, албатта, бо сарфакорӣ ратсионал қабул карда шудааст. Аз ҷониби дигар бошад, дар бораи натиҷае, ки баъд аз амалисозии қарои мазкур ба даст меояд, андешида шудааст. Ин натиҷа, албатта, бо дорои фоидаи аз ҳама “калон”-и худ, қимати макисамалӣ бояд ҷудо шуда истад. Дар акси ҳол ин гуна қарор қабул намегардид. Дар ҳақиқат, агар барои К. Абдуллоев назар ба корхонаи азнавкоркарди шир сохтани заводи консерва бештар қиматнок ва фоиданок (самаранок) мебуд, ӯ қарори худро тағйир медод.

Акнун бо як қарори миқёси давлат шинос шуда мебароем.

Ҳукумати Ӯзбекистон қарор кард, ки соли 2025 содироти нахи пахтаро тамоман манъ мекунад ва онро дар худи мамлакати мо барои пурра аз нав коркард кардан ба роҳ мемонад.

Пешбинӣ шудааст, ки соли 2025 дар мамлакати мо истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ 2,6 маротиба, ҳаҷми содирот бошад, 4,7 маротиба афзун карда мешавад, яъне, ба 7,1 млрд. доллари ИМА расонда хоҳад шуд.

Бо як нигоҳ содироти нахи пахта барои давлат валютаи хориҷиро бо ҳаҷми ниҳоят калон гирифта меорад. Лекин аз ҷониби дигар, назар ба даромаде, ки аз содироти 1 тонна нахи пахта ба даст меояд, содироти маҳсулоти бофандагие, ки аз тариқи азнавкоркарди он гирифта мешавад, якчанд маротиба зиёд даромад меорад. Инро ба ҳисоб гирифта, ҳукумати мо ҳамин гуна қарор қабул кардааст. Пас, маълум мешавад, ки дар ин ҷо ҳам қарор хусусиятҳои ратсионаливу максималӣ дорад.

Аз ин мебарояд, ки ҳар гуна қарор, хоҳ он дар дараҷаи соҳибкори хурд, хоҳ дар миқёси давлат қабул шуда бошад, ин қарор бо кадом маъное бояд бо хусусиятҳои ратсионаливу максималии худ ҷудо шуда истад.

**Супориш**

Таълими яксолаи шумо дар мактаб:
а) ба падару модар;
б) ба давлат чӣ қадар афтиданашро ҳисоб кунед.
Аз таҳсилатон дар мактаб:
а) шахсан ба худатон чӣ қадар фоида мерасад? б) ба ҷамъият-чӣ?
Онро муайян карда, бо харҷҳои болоӣ якҷоя ҳисоб кунед.

http://eduportal.uz

**Ратсионалӣ** — хислати сарфакорона истифода намудани ягон ресурс ё мақбултарин қарор қабул кардан.

**Максималӣ** — соҳиб шудан ба натиҷаи хубтарин ва мақбултарин.

**Арзишҳо!**

Мақолҳои «Ҳафт бор чен карда, як бор бур», «На кор, балки чашми корро дон»-ро чӣ тавр мефаҳмед?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Кадом зина ва меъёрҳоеро медонед, ки барои дуруст қабул кардани қарори иқтисодӣ заруранд? Бо ягон мисол онро фаҳмонед.
2. Шахси ратсионалии корбаранда гуфта чиро мефаҳмед?
3. Аз субҳ то шом чӣ тавр гузаронидани рӯзи гузаштаатонро аз рӯи соат тасвир кунед. Оё Шумо фаъолияти рӯзонаи худро сарфакорона, яъне ратсионалӣ ташкил намудаед? Оё Шумо аз рӯзи гузашта фоидаи максималӣ гирифта тавонистед? Оё рӯзро самаранок ва мақбул гузаронидаед?
4. Аз фаъолияте, ки дар ин рӯзҳо гузаронидаед, ба худи Шумо, оилаатон ва ҷамъият чӣ гуна нафъ ва фоида расид?
5. Ба қароре, ки қадру қимат ва нафъи хусусию иҷтимоияш баръакси якдигаранд, мисол оред ва муносибати худро нисбат ба он баён кунед.
6. Фарз кунем, ба бозор барои хариди ягон либос рафтед. Дар ин ҷо то хариди ашёи мақбул чанд молро дидед. Ин қарори Шуморо оё тағйир медиҳад? Ҷавобатонро асоснок намоед.

**Дар хотир доред!**

• Зиндагонии фаровони ҳар як шахс аз қабули қарори оқилонаи иқтисодӣ вобаста аст.

• Ҳар як шахс ҳангоми қабули қарор муваффақияти ба даст омада ва имконияти бойдодаашро бо ҳам, албатта, бояд қиёс намояд.

• Зинаҳои ҷараёни қабул кардани қарор аз:

а) Муайян кардани муаммо.
б) Тамоми ҳалҳои муқобилро шумурдан.
в) Меъёрҳои баҳодиҳиро муайян карда тавонистан.
г) Мувофиқи меъёрҳо баҳо додани ҳар як ҳал иборатанд.
д) Бинотар натиҷаи баҳогузорӣ беҳтарин ҳалро интихоб кардан.

# МАВЗӮИ 16

# ҲУҚУҚҲО ВА МАҶБУРИЯТҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

1




*Харидор:* ин куртаро баргардонда гиред.

*Фурӯшанда:* мо моли фурӯхтаамонро дигар намегирем.

2




3




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Муносибати худро нисбат ба вазъияте, ки дар расми 1 арзёбӣ шудааст, баён намоед. Дар ин ҷо кӣ ҳақ аст? Харидор ё фурӯшанда? Барои-чӣ? Ихтилофи байни онҳоро кӣ бояд ҳал намояд?

**2.** Муайян кунед, ки дар ёрлиқи маҳсулоти дар расмҳои 2 ва 3 тасвиршуда чӣ гуна маълумотҳо дода шудааст?

**3.** Реклама дар ҳаёти шумо чӣ гуна мавқеъ дорад? Маҳсулоти кефири дар расмҳои 2 ва 3 бударо реклама кардан хоҳед, шумо чӣ гуна ибораҳоро истифода кардан мехостед?

Ҳар яки мо дар бозор ба сифати истеъмолгар иштирок мекунем. Хӯш, ҳангоми харидани ягон мол ҳамчун истеъмолгар ба чӣ бояд эътибор диҳем? Ба сифати истеъмолгар дорои чӣ гуна ҳаққу ҳуқуқ мебошем. Ҷавоби он ва монанди ин барин саволҳоро аз Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон» дарёфт карда метавонем. Дар поён аз хусуси ана ҳамин ҳуқуқҳо мухтасар маълумот медиҳем.

1. Истеъмолгарон ҳақ доранд, ки дар бораи мол ва корхонаи истеҳсолкунандаи он ахбори зерини боварбахш ва пурраро ба даст оранд: ҳуҷҷати тасдиққунандаи нишондодҳои ба сифати дахлдори мол мувофиқ; рӯйхати истеъмоли мол ва хусусиятҳои ба худ хоси он; нархи мол; санаи тайёршавии мол; қоидаҳо ва шартҳои истифодаи мол; муддати хизмат (ё нигоҳдорӣ) –и мол; маҷбуриятҳои кафолати истеҳсолкунанда; усулҳо ва қоидаҳои нигоҳдории мол.

http://eduportal.uz

**2.** Мол бояд ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ бошад ва барои саломатии инсон, инчунин муҳити атроф зараровар набошад. Ба таъмини бехатарии моли фурӯхташуда истеҳсолкунандаи он ҷавобгар мебошад. Агар мӯҳлати ҷавобгарӣ ба бехатарии мол пешакӣ муқаррар нагардида бошад, дар он сурат истеҳсолкунанда вазифадор аст, ки муддати 10 сол аз рӯзи фурӯхтани мол сар карда бехатарии онро таъмин намояд.

**3.** Агар истеъмолгар ягон моли нуқсдоштаро харида бошад, он гоҳ ӯ ба талабҳои зерин ҳақ дорад:

— иваз кардани моли нуқсондор бо ҳамин хел моли бенуқсон;

— иваз намудан ба моли ба ҳамин монанд бо роҳи ҳисобу китоби нархҳои ҳар ду мол;

— аз ҳисоби истеҳсолгар бепул таъмир кардан, ё ки ҳаққи таъмири молро пардохт намудан;

— ба миқдори муайян кам намудани нархи моли нуқсондор;

— ба истеҳсолгар баргардонидани моли нуқсондор бо шарти дар ҳаҷми пурра пардохтани зарари расонидашуда.

**4.** Истеъмолгар ҳуқуқҳои мазкурро аз рӯзи хариди мол то рӯзи муайян гардидани ноқисиҳои он (муддати кафолат), ки ба таври зерин муқаррар гардидааст, истифода бурда метавонад:

— дар давоми муддати кафолатӣ ё коршоямӣ;

— барои молҳои муддати кафолаташон ва коршоямиашон муқаррарнабуда — 6 моҳ, барои мулки ғайриманқул — 2 сол (агар дар шартнома мӯҳлати дигари дарозтар пешбинӣ нашуда бошад).

**5.** Талаби истеъмолгарон (истеъмолкунандагон) дар бораи аз кадом истеҳсолгар (фурӯшанда) гирифтани мол танҳо баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ (масалан, чиптаи касса, ҳуҷҷати мол) баррасӣ мегарданд.

**6.** Агар ҳуқуқҳое, ки дар қонун баён гаштаанд, вайрон карда шаванд, ё худ тарафҳо ба муросо наоянд, он гоҳ ба суд ё дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ муроҷиат кардан мувофиқи мақсад мебошад.

**7.** Ба мақсади ҳимоя кардани ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар маҳалҳо иттиҳодияҳои ҷамоатиро ташкил кардан мумкин.

Албатта, ҳар гуна шартнома, аз ҷумла, шартномаи байни фурӯшанда ва истеъмолгар ҳам бо розии тарафҳо амалӣ мешавад. Дар ин ҳолат истеъмолгар тарафи заифтар ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқҳои ӯ сахт ҳимоя карда мешавад. Лекин дар қонун алоҳида таъкид нашуда бошад ҳам, як қатор маҷбуриятҳои аз қонунгузории шаҳрвандии истеъмолгар бадароянда низ мавҷуд аст. Дар байни онҳо асоситаринҳояш инҳоянд: маҷбурияти дар вақтша ҳақ пардохтани истеъмолгар барои мол (хизмат); маҷбурияти баъди бекор шудани шартнома

молро саривақт баргардонда додан; мол ба таври ба худ хос, масалан, бинобар супориши махсус бо андозаи махсус дӯхта шуда бошад, маҷбурияти баъди тайёр шудан қабул карда гирифтани он; маҷбурияти иваз карда додани моли сифатнок (ба андоза ё ранги дигар) бо тақдим кардани моли гардондашаванда, ки сифати истеъмол, намуд, ёрлиқаш вайрон нашуда бошад.

*Реклама* тадбири ташвиқотии аз тариқи воситаҳои ахбори умумӣ додани маълумот ба истеъмолгарон дар бораи мол ва афзудани талаботи онҳо ба мол аст. Калимаи реклама ба забони лотинӣ маънои *даъват кардан*, *овоза карданро* ифода мекунад.

Афзалиятҳои реклама: реклама ба манфиати истеъмолгарон хизмат менамояд, чунки он истеъмолгаронро аз нархҳо ва навигариҳои бозор хабардор менамояд; реклама бисёр вақт боиси пастравии нарх мегардад; реклама рақобатро рағбатнок мекунад ва аз ин ҳам истеъмолгарон ва ҳам ҷамъият

**Реклама** тадбири ташвиқотии аз тариқи воситаҳои ахбори умумӣ додани маълумот ба истеъмолгарон дар бораи мол ва афзудани талаботи онҳо ба мол аст (вожаи реклама дар забони лотинӣ маънои *даъват кардан, овоза кардан*ро ифода мекунад).

бурд менамоянд; даромади аз реклама омада қисми зиёди хароҷотҳои ВАО-ро сарпур мекунад; реклама ба афзунгардии талаботи истеъмолгарон оварда мерасонад, ки ин боиси болоравии иқтисодиёт мешавад.

Камбудиҳои реклама: реклама истеъмолгаронро баъзан бо иттилооти нодуруст ба бесарусомонӣ меорад; реклама хароҷотҳои калони молиявиро талаб мекунад, ки ин боиси болоравии нархи мол мегардад; майли пулсарфкунии истеъмолгаронро ба молҳои на он қадар зарурӣ ба миён меоварад; воситаҳои ахбори оммавӣ ба соҳибони реклама мутеъ шуда мемонад, ки ин боиси маҳдуд гардидани озодиҳои онҳо мегардад.

**Рамз (коди)-и мол** нишонаи махсусест, ки маълумотҳо дар бораи мол дар тамғакоғаз ба шакли басти хатчаҳои рах-рах ва рақамҳои бефосила ифода ёфтаанд.

| Давлатҳо | Кодҳо | Давлатҳо | Кодҳо |
|---|---|---|---|
| ИМА, Канада | 00 – 09 | Туркия | 869 |
| Франсия | 30 – 37 | Россия | 460 |
| Олмон | 400 – 440 | Ӯзбекистон | 46 – 47 |
| Ҷопон | 49 | Британияи Кабир | 50 |

http://eduportal.uz

Ривоҷёбии технологияҳои рақамӣ барои ба вуҷуд омадани коди аз тасвири квадратҳои сиёҳ иборат, ки дар дохили квадрати сафед таҳти унвони QR-код ҷойгир шудааст, оварда мерасонад. Ин гуна тасвирро вақтҳои охир дар чекҳои касса, паттаҳо, музей ва метроҳо, таомномаҳои тарабхона, ёрлиқҳои мол ва чизҳои дигар дидан мумкин аст.

QR – дар забони англисӣ ҷумлаи англисии ихтисоршуда – Quick Response (зуд ҷавоб додан)-ро мефаҳмонад.

QR-код – ин штрих- коди дуандозагии тақдимкунандаи маълумоти дар телефони мобилӣ будаи дорои таъминоти барномавии дахлдор аст, ки ба воситаи камера зуд шинохта мешавад.

QR-код нисбат ба штрих коди оддӣ маълумоти хеле зиёдро расонда дода метавонад. Он ба воситаи барномаи махсус бо ёрии сканер дохил карда мешавад ва онро ба кӯмаки телефони мобилии оддӣ низ хондан мумкин.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Баъзе ҳуқуқҳои истеъмолгарро гуфта диҳед. Истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон чӣ гуна ҳуқуқҳо доранд? Ба фикри шумо сабаби ҳуқуқи истеъмолгарон ҳимоя гардида, ба он аҳамияти калон додан чист?
2. Шумо вақте ки ба сифати истеъмолгар аз дӯкон ягон чизро харида мегиред, барои чӣ гуна маълумотҳоро дар бораи мол донистан ҳақ доред?
3. Ҳангоме, ки аз дӯкон ягон чиз харид мекунед, чеки додашуда барои шумо чӣ гуна аҳамият дорад?
4. Оё реклама бароятон нафъ дорад? Кӣ аз реклама бисёртар манфиатдор аст?
5. Пуррагии маълумотҳоеро, ки дар бастаи ягон мол оварда шудааст, таҳлил кунед.
6. Рамз (штрих-код)-и мол барои чӣ зарур аст?
7. QR-коди мол аз штрих-коди оддӣ бо чӣ фарқ мекунад?

**Дар хотир доред!**

• Ҳуқуқи истеъмолгарон ба воситаи қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи ҳимоя кардани ҳуқуқи истеъмолгарон” ҳимоя карда мешавад

• Дар бораи штрих код ё QR-коди мол пурра маълумот диҳед.

• Реклама ҷиҳатҳои мусбиву манфӣ дорад.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ III

## А. САВОЛҲО

1. Истеъмолкунанда чӣ гуна манбаъҳои даромад дорад?
2. Фарқи байни мулки давлатӣ ва мулкҳои хусусии соҳибаш шахси алоҳида ё ҷамоа бударо гӯед.
3. Қадру қимати иқтисодии инсон гуфта чиро мефаҳмед?
4. Сарвати моддиву маънавии инсон гуфта чиро мефаҳмед?
5. Фарқи даромад ва сарватро фаҳмонед.
6. Даромад ҳар доим ҳам оё дар намуди пул мешавад?
7. Кадом намудҳои хароҷоти истеъмолгаронро медонед?
8. Буҷаи оила чист?
9. Қонуни Энгел дар бораи чист?
10. Одамон аз кадом сабаб маблаҷҳои пулиро ҷамъ мекунанд?

## Б. Супоришҳо

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

**1.** Хусусигардонӣ.
**2.** Сарвати моддӣ.
**3.** Фоидаи тадбиркорӣ.
**4.** Буҷаи оила.
**5.** Даромади воқеӣ.
**6.** Даромади номиналӣ.
**7.** Пасандоз.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) даромаде, ки дар натиҷаи фаъолияти тадбиркорӣ ба даст меояд;
б) ҷадвале, ки дар он манбаъҳои даромад ва хароҷотҳои оила барои даври муайян ба нақша гирифта шудааст;
в) миқдори даромаде, ки аз ҷониби шахси инфиродӣ ё оила дар давоми даври маълум ба даст омадааст;
г) пуле, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти оянда ҷамъ карда мешавад;
д) ҷараёни мулки хусусӣ гардонидани амволи давлатӣ;
е) қимати даромади номиналӣ нисбати нархҳо дар даври муайян;
ё) қисми ба мулк табдилёфта ва маблағҳои пулии даромади ҷамъгардида.



http://eduportal.uz

## В. ТЕСТҲО

Ҷавобҳои аз рӯи моҳият ба саволҳои додашуда аз ҳама дурусту пурраашро муайян кунед.

**1. Нодурусташро ёбед. Ба навъҳои даромади истеъмолгарон чиҳо медароянд?**

А. Идрорпулӣ (стипендия), нафақа. Б. Суғурта, пасандоз.
В. Музди кор, дивиденд. Г. Рента, фоиз.

**2. Мулк дар кадом ҳолатҳои зерин тағйир меёбад?**

**А.** Мӯйсафед ҳавлиашро ба писараш мерос гузошт.
**Б.** Ташкилоти давлатӣ ба хонаи бачагон компутер тӯҳфа кард.
**В.** Фермер говашро ба бозор бароварда фурӯхт.
**Г.** Ҳавлии боҳашамати Олғировҳо мусодира гардида, ба қасри омӯзгорон табдил дода шуд.

**3. Вақте ки ҳуқуқи ба мулк пурра соҳибӣ намудан мегӯем:**

**А.** Ҳадя кардани мулк.
**Б.** Фурӯхтан ё иваз кардани он.
**В.** Истифода намудани он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ.
**Г.** Тамоми болоиҳо.

**4. Даромадҳо дар кадом гурӯҳ танҳо аз ҳисоби фоидабарии боигарии моддӣ меафзоянд?**

**А.** Иҷора, нафақа, дивиденд. **В.** Фоида, нафақа, дивиденд.
**Б.** Рента, фоиз, маош. **Г.** Рента, дивиденд, фоиз.

**5. Дар буҷаи оила:**

**А.** Камомад набояд бошад.
**Б.** Танҳо хароҷотҳои оилавӣ оварда мешавад.
**В.** Танҳо даромадҳои оилавӣ оварда мешавад.
**Г.** Манбаъҳои даромаду хароҷотҳои оила, ки барои даври муайян ба нақша гирифта шудаанд, оварда мешавад.

**7. Аз манбаъҳои меҳнат кадом навъи даромад ба даст меояд:**

А. Рента. Б. Фоиз.
В. Музди кор. Г. Фоида.

**8. Аз навъҳои зерини даромад кадомҳояшон танҳо аз ҷониби давлат ба тариқи ёрдам пардохта мешаванд?**

А. Мукофот. Б. Нафақаи бекорӣ.
В. Дивиденд. Г. Идрорпулӣ.

http://eduportal.uz

# ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ

## Практикуми иқтисодӣ

Дар ноҳия заводи истеҳсоли маҳсулоти пластмассагӣ сохта мешавад.

Барои муваффақиятнок шудани фаъолияти заводи мазкур аз мутасаддиёни завод дарёфтани ҷавоби саволҳои зерин лозим меояд:

Завод бояд чиро истеҳсол кунад?

Чӣ гуна истеҳсолот зарур аст?

Барои кӣ бояд истеҳсол намояд?

Азбаски завод хусусӣ аст, ба ин саволҳо соҳибон ва мутахассисони завод бояд ҷавоб дарёбанд. Фарз кунем, онҳо ба ин саволҳо ба таври зайл ҷавоб гардонданд:

1. Завод бояд бозичаҳои пластмассагин ва қубурҳо истеҳсол кунад.
2. Дар асоси технологияи замонавӣ бояд кор кунад
3. Барои аҳолии ноҳия, вилоят ва барои содирот.

| Молҳо | Имкониятҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *А* | *Б* | *В* | *Г* | *Д* | *Е* |
| Бозичаҳои пластмассагӣ (ҳазор дона) | 15 | 14 | 12 | 9 | 5 | 0 |
| Қубурҳои пластмассагӣ (ҳазор дона) | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

Завод ҳаҷми истеҳсолотро ҳам бояд муайян карда гирад. Чунки имконияҳои он беканор нест.

Дар ҷадвали поёнӣ оид ба имкониятҳои истеҳсолии якмоҳаи завод маълумотҳо дода шудаанд:

Дар асоси маълумотҳои ҷадвал соҳаи истеҳсолии якмоҳагии заводро мекашем. Дар нақша ин соҳа бо ранг тасвир ёфтааст. Аз нақша маълум аст, ки завод дар зарфи як моҳ танҳо 15 ҳазор дона бозичаҳо бароварда метавонад (Нуқтаи А). Завод 1 ҳазор метр қубур ва 14 ҳазор дона бозича тайёр карданаш мумкин (Нуқтаи Б). Пас, барои тайёр кардани 1 ҳазор метр қубур аз баҳри ҳазор дона бозича баромадан лозим меояд. Масалан, нуқтаи М-и координатааш (9; 5)-ро дар нақша ишора мекунем. Нуқтаи М аз соҳаи имконияти истеҳсолӣ берун хобидааст. Аз ин рӯ, завод 9 ҳазор дона бозича ва 5 ҳазор метр қубур бароварда наметавонад. Акнун нуқтаи *N*-и координатаҳояш (3; 4)-ро муайян мекунем. Нуқтаи *N* дар соҳаи имкониятҳои истеҳсолот ҷойгир шудааст. Яъне завод ҳар рӯз метавонад 3 ҳазор дона бозича ва 4 ҳазор метр қубур истеҳсол кунад.



*Соҳибкории фаъол равияи иқтисодие мебошад, ки фаъолияти тиҷоратро дар асоси муносибатҳои инноватсионӣ, яъне замонавӣ, технологияи пешқадам ва усулҳои идоракунӣ ташкил мекунад.*

***Шавкат Мирзиёев***




# Боби IV. Талаб ва пешниҳод












http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 17 ТАЛАБ ВА ҚОНУНИ ТАЛАБ

| Номи маҳсулот | Фурӯшандаи якум | Фурӯшандаи дувум | Фурӯшандаи савум |
|---|---|---|---|
| Биринҷи лазер | 13 500 | 13 000 | 14 000 |
| Биринҷи аланга | 9 000 | 8 500 | 10 000 |
| Нахӯд | 7 500 | 9 000 | 7 000 |
| Мош | 11 000 | 12 000 | 12 500 |
| Лӯбиё | 8 000 | 8 500 | 7 200 |

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар ҷадвали болоӣ нархи молҳои се нафар фурӯшанда, ки дар бозори деҳқонӣ бо молҳои баққолӣ савдо мекунанд, оварда шудааст. Онро бо диққат назорат кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Таҳлил кунед, ки кадоме аз фурӯшандагон аз кадом молаш бештар фурӯхта метавонад.
2. Кадоме аз фурӯшандагон дар давоми рӯз аз ҳама беш даромад мекунад? Ҳангоми ба савол ҷавоб додан ба зиёдтар истифода шудани кадоме аз маҳсулотҳо эътибор доданро фаромӯш накунед.

*Талаб* ба мол хоҳишу имкониятҳои харидоронро оиди дар давоми вақти маълум бо нархҳои гуногун чӣ қадарӣ харид кардан муайян мекунад. *Миқдори талаб* гуфта чунин миқдори молро меноманд, ки харидорон дар давоми вақти зарурӣ бо нархи муайян хариданашон мумкин аст.

| Нарх (*p*) | талаб (*q*) |
|---|---|
| 800 | 400 |
| 700 | 500 |
| 600 | 600 |
| 500 | 700 |

Талаб ба ягон мол одатан ба намуди ҷадвал ифода карда мешавад. Агар нақша дар асоси ҷадвал сохта шавад, он гоҳ хатти талаб ҳосил мегардад. Барои ин дар ҳамворӣ тири *Op* ба таври амудӣ, тири *Oq* ба таври уфуқӣ кашида мешавад. Дар тири *Op* нархи мол, дар тири *Oq* бошад, миқдори талаби ба мол буда гузошта шуда, дар ҳамворӣ нуқтаҳои мувофиқ дарёфта мешаванд. Ҳангоми бо ҳам пайваст намудани ин нуқтаҳо хатте ҳосил мешавад, ки он ***хатти талаб*** мебошад. Хатти талаб одатан бо ҳарфи аввали калимаи англисии «demand» (та-



**Талаб** – муносибати байниҳамдигарии нарху миқдори мол буда, имконияти дар давоми вақти муайян бо нархҳои гуногун ба чӣ миқдор пул харид намудани харидорро аниқ менамояд.

**Миқдори талаб** (тақозо) – миқдори молест, ки харидорон онро бо нархи маълум дар давоми як вақти муайян харида метавонанд.

лаб) — D ишора карда мешавад. Талаб баъзан дар шакли $P = -aq + b, (a > o, b \geq 0)$ намудаш функсияи хатдор ҳам дода шуданаш мумкин.

Талаби ба мол дошта дар асоси омилҳои ба нархи мол новобаста тағйир меёбад. Тағйирёбии талабро, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои ба нарх новобаста зоҳир мегардад, дар дарси оянда таҳлил хоҳем кард. Дар ин дарс мо танҳо дар бораи хусусиятҳои ба нарх вобастаи талаб истода мегузарем. Ин хусусият дар қонуни талаб ифодаи худро ёфтааст: **Нархи мол дар ҳолати бетағйир мондани шарту шароити дигар ҳар чӣ қадар паст бошад, миқдори талаби ба он дошта ҳамон қадар зиёд ва нархи мол ҳар чӣ қадар баланд бошад, миқдори талаби ба он буда ҳамон қадар кам мешавад.**

Қонуни талаб нишон медиҳад, ки миқдори талаб ба нарх вобастагии баръакс дорад. Хусусияти мазкурро аз рӯи се омили зерин шарҳ додан мумкин аст:

1. **Омили даромад.** Одамон шавқманди онанд, ки молро на дар ҳолати қимат будани нарх, балки ҳангоми арзон будани он бисёртар харид намоянд. Масалан, агар дар бозор нархи гӯшт арзон шавад, одамон ба хариди ашёи сабади истеъмолии оила камтар маблағ сарф карда, харидорӣ мекунанд. Оқибат чӣ қадар пул сарфа мешавад. Ба миқдори иловагӣ ба ин гӯшт боз барои хариди гӯшт ва молҳои дигар имкон пайдо мекунанд.

2. **Омили муовиза.** Харидорон моли нархаш баландро бо моли арзоне, ки ҷои онро мегирад, иваз мекунанд. Масалан, моҳҳои тобистон нархи себ арзон мегардад, истеъмолгарон эҳтиёҷи нисбати мева доштаашонро дар натиҷаи истеъмоли себ баробари харида гирифтани он қонеъ мегардонанд. Чунки дар ҳамон давра нархи себ нисбати нархи апелсин ё банан ниҳоят арзон мешавад.

Тағйир ёфтани нархи мол ин ду омилро ба миён меоварад ва дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии онҳо миқдори талаб ба мол ташаккул меёбад.

Талаби ба ягон мол доштаи шахси инфиродӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки ӯ оид ба ин мол ба чӣ гуна ва чӣ қадар маълумоти пурра молик аст. Ҳақиқатан, барои афзудани талаб ба ягон мол онро сифатнок карда баровардан кофӣ нест. Дар ин ҳолат маълумотномаҳо дар бораи сифатнок тайёр карда шудани мол ба истеъмолгарон расида рафтанаш муҳимтар аст.

http://www.eduportal.uz

### Тадқиқоти амалӣ

Барои тадқиқоти амалӣ шаш моҳ вақт талаб карда мешавад. Аввало муайян кунед, ки дар оилаатон чӣ гуна меваву сабзавот истеъмол мегарданду онҳо асосан аз куҷо харид мешаванд.

Баъди он дар ҳар як рӯзи якхелаи ҳар ҳафта нархҳои меваву сабзавотро дар дӯкон нависед. Ба рӯйхати мазкур миқдори меваву сабзавоти харидкардаи оилаатонро ҳам иншо созед. Маълумотҳои дар тӯли шаш моҳ ҷамъовардаатонро таҳлил кунед. Барои ин нақшаи талаброо кашед. Ба ҷадвал дар тӯли ҳар ҳафта миқдори ҳар як меваву сабзавоти харидгаштаро бо нуқтаҳо ишора кунед. Баъди ҳосил шудани хати каҷ фикри худро хаттӣ баён созед.

1. Дар кадом моҳ талаб ба кадом маҳсулот афзуд (коҳиш ёфт)? Ба он чӣ сабаб гардидааст?
2. Дар кадом моҳ нархи кадом маҳсулот баланд (арзон) гардид? Ба ин маҳсулот талаб чӣ гуна буд? Ба фикри шумо он аз кадом сабаб рӯй дод?
3. Ба паст (баланд) гардидани нарху талаб чӣ сабабгор шуданаш мумкин аст?
4. Аз ҷадвали мазкур истифода бурда, дар 2–3 моҳи наздик талаб ба ин маҳсулот чӣ тавр тағйир ёфтанашро тахмин кунед. Тахминатонро барои мантиқан асоснок кардан ҳаракат намоед.
5. Шумо дар давоми ҷамъоварии маълумотҳо ба чӣ гуна душвориҳо дучор омадед? Ин гуна тадқиқот бурдан чӣ фоида дорад?

### Супориш

Иқтисодшиноси инглис Роберт Гиффен ҳодисаи аҷиби иқтисодиро мушоҳида кардааст. Дар асри XIX ҳангоми гуруснагӣ дар Ирландия-ба афзудани нархи картошка истеъмоли он вусъат ёфтааст, ҳамон вақт хӯроки асосии камбағалон картошка нигоҳ накарда буда, афзудани нар-хи он боиси камшавии даромади воқеии онҳо гардид. Аз ин рӯ, одамон ғизои қиматро харид накарда, ба ҷои он ба хариди картошка маҷбур шудаанд. Боз кадом молҳо дорои чунин хусусият шуданашон мумкин? Ҷавобатонро асоснок намоед.



Алишер Навоӣ
(1441—1501)

Дар асарҳои бобокалонамон Алишери Навоӣ масъалаҳои иқтисодӣ ҳам ҷой доранд. Навоӣ ба инкишофи савдову тиҷорат, ҳунармандӣ ва кишоварзӣ аҳамияти калон дода, онҳоро асоси тараққӣ додани иқтисодиёти мамлакат пиндоштааст. Алишери Навоӣ ба сифати арбоби давлатӣ, вазир барои ташаккул ёфтани сиёсати иқтисодии мамлакат саҳми калон гузоштааст. Ғояи давлат дар соҳаи иқтисодиёт тараққипарвар ва халқпарвар шуданашро тарғиб намудааст.

Навоӣ тадбиркори ӯҳдабарои замони худ, соҳиби мулки калон ҳам буд. Вай қисми зиёди мулки худро ба корҳои хайроту савоб харҷ намудааст. Фикру ғояҳои Навоӣ оид ба иқтисодиёт дар асарҳояш «Ҳилолия», «Вақфия», «Мантиқ-ул-қулуб», «Ҳотами Той», «Садди Искандарӣ» акси худро пайдо кардааст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Оё хоҳишу эҳтиёҷ барои бо ягон нарх харидани мол худ ба худ талаб шуда метавонад? Ин хоҳиш кай ба талаб табдил меёбад?
2. Оё талаб ва миқдори талаб ба вақт вобаста аст?
3. Байни талабу миқдори талаб чӣ гуна фарқ ҳаст?
4. Қонуни талабро дар асоси мисолҳо маънидод созед.
5. Се омили шарҳдиҳандаи ба нархи мол вобастагии баръакс доштани миқдори талабро бо ёрии мисолҳо таҳлил намоед.
6. Миқдори талаб ба мол дар ҷадвали поёнӣ дода шудааст. Дар он асосан хатти талабро кашед:

а)

| Нарх (p), сӯм | Миқдори талаб (q), тонна |
|---|---|
| 1000 | 8 |
| 2000 | 5 |
| 4000 | 2 |

б)

| Нарх (p), сӯм | Миқдори талаб (q), тонна |
|---|---|
| 800 | 70 |
| 1600 | 60 |
| 2400 | 50 |

**Дар хотир доред!**
Нархи мол ҳар чӣ қадар паст бошад, миқдори талаб ба он ҳамон қадар меафзояд. Нархи мол ҳар чӣ қадар баланд бошад, талаб ба он ҳамон қадар камтар мешавад.



http://eduportal.uz

**МАВЗӮИ 18**

# ОМИЛҲОИ ДИГАРЕ, КИ БА ТАЛАБ ТАЪСИР МЕРАСОНАНД



| | Нархи самбӯса, сӯм | Миқдори самбӯсаҳои фурӯхташуда |
|---|---|---|
| 1- моҳ | 1700 | 5000 |
| 2- моҳ | 1700 | 5500 |
| 3- моҳ | 1700 | 6000 |



| | Нархи гумма, сӯм | Миқдори гуммаҳои фурӯхташуда |
|---|---|---|
| 1- моҳ | 1500 | 5000 |
| 2- моҳ | 1600 | 4500 |
| 3- моҳ | 1700 | 4000 |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Талаб ба мол нархи мол тағйир наёбад ҳам бо таъсири омили мухталиф тағйир меёбад. Яке аз омилҳоро дар мисолҳои поёнӣ дида бароед.

**I.** Дар ошхонаи мактаб барои хӯроки нисфирӯзӣ самбӯса ва гумма фурӯхта мешавад. Самбӯса ва гумма молҳои ҷои якдигарро пуркунанда ба ҳисоб мераванд.

Дар давоми се моҳ нархи гумма баланд гардид. Аммо нархи самбӯса тағйир наёфт. Дар ҷадвали болоӣ миқдори дар ин моҳҳо фурӯхтани гумма ва самбӯса дода шудааст. Ба нархи самбӯса ва миқдори талаби дар ҷадвал овардашуда эътибор диҳед. Ҳарчанд нархи самбӯса тағйир наёфта бошад ҳам, миқдори талаб ба он аз кадом сабаб тағйир ёфтааст?

**2.** Нархи як моле, ки дар ҷуфти молҳои ҷои ҳамдигарро гиранда мавқеъ дорад, зиёд шавад, талаби ба моли дуюм дошта чӣ гуна тағйир меёбад?

**II.** Молҳое, ки барои истифодабарии якҷоя пешбинӣ шудаанд, молҳои пуркунандаи ҳамдигар мебошанд. Агар нархи мошин зиёд шавад, он гоҳ нархи бензин чӣ гуна тағйир меёбад? Боз чӣ гуна молҳоеро медонед, ки дорои чунин хусусиятанд? Ба ин гуна молҳо автомобил ва бензин мисол шуда метавонанд.

Ба тағйирёбии талаб ба моли бозорӣ як қатор омилҳои дигари ба нарх новобаста низ таъсир мерасонад. Ин омилҳо чунинанд:



http://eduportal.uz

*Диди истеъмолгарон ва тағйир ёфтани фаслҳои сол.* Дар натиҷаи тағйир ёфтани фаслҳои сол ва дигаргуншавии мӯд шавқу ҳаваси истеъмолгарон низ тағйир меёбад ва аз ин лиҳоз талаби ба мол дошта зиёд ё баръакс кам ҳам шуданаш мумкин аст. Масалан, тобистон талаб ба палто кам мешавад.

*Тағйирёбии шумораи истеъмолгарон дар бозор.* Маълум аст, ки дар баробари афзудани шумораи истеъмолгарон талаби ба ягон мол доштаи онҳо низ меафзояд ё баръакс. Масалан, афзоиши аҳолии шаҳр ба зиёд гардидани талаб ба хизмати тиббӣ оварда мерасонад.

*Тағйирёбии даромади истеъмолгарон.* Одатан, дар баробари зиёд гардидани даромади аҳолӣ талаб қариб ба ҳамаи молҳо меафзояд. Чунин молҳоро *молҳои муқаррарӣ* меноманд. Аммо чунин молҳое низ мавҷуданд, ки талаботи ба онҳо дошта дар баробари кам гардидани даромади аҳолӣ меафзояд. Иқтисодшиносон ин хел молҳоро *молҳои тоифаашон (сифаташон) паст* меноманд. Масалан, кам шудани даромади аҳолӣ ба зиёд гардидани талаб ба мошини пастсифату кӯҳна оварда мерасонад.

**Молҳои муқаррарӣ** – молҳое, ки бо зиёд гардидани даромади аҳолӣ талаб ба онҳо меафзояд.

**Молҳои тоифаашон паст** – молҳое, ки баробари кам гардидани даромадҳои аҳолӣ талаб ба онҳо зиёд мегардад.

*Чашмдошти дар ояндаи наздик тағйир ёфтани даромадҳои истеъмолгарон ва нархи мол.* Агар аҳолӣ дар ояндаи наздик зиёд шудани даромади худро интизор бошад, он гоҳ вай кӯшиш менамояд, ки хароҷоти ҳамарӯзаашро камтар маҳдуд намояд ва харҷӣ бисёртар мол харида гирад ва баръакс.

Агар аҳолӣ дар ояндаи наздик зиёд шудани нархи баъзе молҳоро интизор бошад, он гоҳ истеъмолгарон ин молҳоро бисёртар харид карда, барои дар захира ҷамъ оварданаш ҳаракат менамояд. Агар дар оянда паст шудани нархи баъзе молҳоро интизор бошад, истеъмолгарон ин молҳоро камтар харид мекунанд.

*Тағйир ёфтани нархи молҳое, ки вобастагии байниҳамдигарӣ доранд.* Тағйирёбии нархи як мол метавонад ба тағйир ёфтани талаби ба моли дигар дошта оварда расонад. Ҷуфти чунин молҳоро *молҳои байни худ алоқаманд* меноманд. Оиди молҳое, ки ҷои ҳамдигарро мегиранд (масалан, «гумма» ва самбӯса) ва молҳое, ки ҳамдигарро пур мекунанд, (масалан, мошин ва бензин), ки дар бораи онҳо дар боло сухан рондем, мисоли молҳои байни худ алоқаманд мебошанд.

**Молҳои ба ҳам алоқаманд** – ҷуфти молҳое, ки тағйир ёфтани нархи яке ба тағйирёбии талаб ба дигаре оварда мерасонад.

**Молҳое, ки ҷои ҳамдигарро мегиранд** – ҷуфти молҳое, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти якхела пешбинӣ шудаанд.

**Молҳое, ки ҳамдигарро пур мекунанд** – ҷуфти молҳое, ки барои истифодабарии якҷоя пешбинӣ гардидаанд.

Ҳолати тағйирёбии хатти талабро, ки натиҷаи таъсири омилҳои дар боло овардашудаи ба нарх новобаста мебошад, таҳлил менамоем. Фарз мекунем, ки миқдори талаби ба мол дошта дар ҳолати аввал дар намуди ҷадвали 1 дода шудаасту хатти ба он мувофиқ намуди $Д_0$ дорад. Бигузор талаби ба мол дошта дар натиҷаи таъсири ягон омили ба нарх вобаста набуда зиёд шуда, намуди ҷадвали 2-ро гирифта бошад. Агар дар асоси ҷадвали мазкур ҳолатҳои аввалаю баъдинаи хатти талабро кашиданӣ бошем, хатти талаб аз вазъияти аввалаи $Д_0$ ба вазъияти баъдинаи $Д_1$ гузаштанаш, яъне ба тарафи рост лағжиданашро метавонем муайян созем. Ба ҳамин монанд мушоҳида карда метавонем, ки талаби ба мол дошта дар натиҷаи таъсири ягон омил, чунон ки дар ҷадвали 3 акс ёфтааст, пасттар мегардад, яъне хатти талаб аз ҳолати аввалаи $Д_0$ ба ҳолати $Д_2$ мекӯчад.




Ҷадвали 1

| Нарх, бо сӯм | Миқдори талаб дар ибтидо, тонна |
|---|---|
| 400 | 400 |
| 600 | 300 |
| 800 | 200 |

Ҷадвали 2

| Нарх, бо сӯм | Миқдори талаб дар ҳолати 1, тонна |
|---|---|
| 400 | 500 |
| 600 | 400 |
| 800 | 300 |

Ҷадвали 3

| Нарх, бо сӯм | Миқдори талаб дар ҳолати 2, тонна |
|---|---|
| 400 | 300 |
| 600 | 200 |
| 800 | 100 |

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ба ҷуфти молҳои гирандаи ҷои ҳамдигар ва ҳамдигарро пуркунанда дутогӣ мисол оред ва тағйирёбии талаби ба ин молҳо доштаро таҳлил кунед.
2. Тағйирёбии хатти талабро нисбати мол дар зери таъсири омилҳои зерин муайян кунед: а) афзудани теъдоди аҳолӣ; б) паст шудани даромади истеъмолгарон; в) кам гардидани нархи моле, ки ҷои ин молро мегирад; г) афзоиши нархи маҳсулоти пуркунанда; д) интизории афзудани нархи мол; д) мунтазир шудани афзудани даромади истеъмолгарон.

http://eduportal.uz

### Тадқиқоти амалӣ

Дар ҳолатҳои зерин ба кадом дараҷа ва аз кадом сабаб тағйирёбии талабро нисбати мол фаҳмонда диҳед.

I. Номи мол: тӯби футболи нархаш қимат. Нархаш 140.000 сӯм

**1.** Даромади ҳамаи истеъмолгарон ба 20 фоиз афзуд;

**2.** Ҳаққи истифодабарии майдони футболбозӣ ду маротиба зиёд шуд;

**3.** Чемпионати ҷаҳон аз рӯи футбол ба воситаи телевизиор намоиш дода шуд;

**4.** Дар шаҳр якчанд корти теннис сохта, ба истифода супурда шуд;

**5.** Тобистон сербориш омад.

**II.** Номи мол: тӯби футболи нархаш арзон. Нархаш 30 000 сӯм

1. Даромади ҳамаи истеъмолгарон ба 20 фоиз афзуд;
2. Ҳаққи истифодабарии майдони футболбозӣ ду баробар зиёд гардид;
3. Чемпионати ҷаҳон аз рӯи футбол ба воситаи телевизор намоиш дода мешавад;
4. Дар шаҳр якчанд корти теннис сохта, ба истифода супурда шуд;
5. Тобистон сербориш омад.

**III.** Номи мол: велосипед. Нархаш: 850 000 сӯм.

1. Даромади ҳамаи истеъмолгарон ба 10 фоиз афзуд.
2. Нархи нақлиёти шаҳрӣ ба 30 фоиз қимат шуд;
3. Дар байни ҷавонон дар конкии роликдор гаштан урф гардид.
4. Ба воситаи телевизор рекламаи велосипед пайиҳам дода шуд.
5. Нархи ғизо қатъан боло рафт.

Ба ҳар кадом ҳолати болоӣ хатти талаб ба кадом тараф лағжиданашро нишон диҳед.

### Дар хотир доред!

Талаб ба мол дар асоси омилҳои ба нарх новобаста тағйир ёфтанаш мумкин: 1) тағйирёбии дид ва мавсими сол; 2) тағйир ёфтани миқдори истеъмолгарони бозор; 3) тағйирёбии даромади истеъмолгарон; 4) тағйирёбии молҳои ба ҳамдигар алоқаманд; 5) дар назар доштани дар вақтҳои наздик тағйирёбии даромади истеъмолгарон ва нархи мол.

# МАВЗӮИ 19 ПЕШНИҲОД ВА ҚОНУНИ ПЕШНИҲОД

| Нархи биринҷ (p), бо сӯм | Миқдори пешниҳоди биринҷ (q), бо тонна |
|---|---|
| 8 800 | 8 |
| 8 600 | 7 |
| 8 400 | 6 |
| 8 200 | 5 |
| 8 000 | 4 |
| 7 800 | 3 |




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Нархи биринҷ дар бозори деҳқонии Андиҷон 8600 сӯм, дар бозори деҳқонии Фарғона бошад, 7200 сӯм:

**1.** Деҳқонон дар кадом бозор бисёртар фурӯхтани биринҷро хоҳиш мекунанд? Чаро?

**2.** Байни миқдори моле, ки барои фурӯш ба бозор бароварда шудааст ва нархи он чӣ гуна вобастагӣ ҳаст, бигӯед?

**3.** Дар асоси ҷадвале, ки маълумотҳо оиди нарх ва пешниҳоди биринҷ дода шудааст, нуктаҳои мувофиқро дар ҳамвории координатаҳо муайян кунед ва онҳоро пайваст намоед. Хатти ҳосилшударо иқтисодшиносон хатти пешниҳод меноманд.

Мо дар дарси гузашта ҳаҷми фурӯши молро аз нуқтаи назари харидорон таҳлил карда будем. Дар ин дарс ҳаҷми фурӯши молро аз нуқтаи назари фурӯшандагон дида мебароем.

*Пешниҳоди мол* ё пешниҳод хоҳишу имкониятҳои фурӯшандаро, ки оиди дар давоми вақти маълум бо нархҳои гуногун чӣ қадарӣ фурӯхтани мол дорад, муайян менамояд. *Миқдори пешниҳод* гуфта миқдори молеро меноманд, ки онро дар давоми вақти муайян бо нархи маълум фурӯхтан мумкин аст. Пешниҳоди ягон мол одатан ба намуди ҷадвал ифода карда мешавад. Агар нақша дар асоси ҷадвал таҳия гардад, он гоҳ хатти пешниҳод ҳосил мешавад. Хатти пешниҳод бо ҳарфи аввалаи калимаи англисии «Supply-S» (пешниҳод) ишора карда мешавад.



http://eduportal.uz

| Нарх (p) | Talab (q) |
|---|---|
| 800 | 700 |
| 700 | 600 |
| 600 | 500 |
| 500 | 400 |

Таклиф гуфта, таклифи шахсӣ (таклифи фурӯшандаи муайян) ё ҳаҷми умумии таклиф (таклифи умумии ҳамаи фурӯшандагони бозор)-ро мадди назар доштан мумкин. Аммо дар фанни иқтисодиёт, асосан, бузургии таклифи умумии моли муайян омӯхта мешавад.




Таклифи ягон мол, одатан, дар намуди ҷадвал нишон дода мешавад. Дар асоси ҷадвал график кашида шавад, хатти таклиф ҳосил мешавад. Хати таклиф бо ҳарфи “S” – бо сарҳарфи калимаи англисии “supply” (таклиф) муайян карда мешавад. Таклиф баъзан мумкин аст, дар намуди функсияи хатдори $p = aq+b$, $(a \geq 0)$ низ дода шавад.

Миқдори пешниҳоди мол дар натиҷаи таъсири омилҳое, ки ба нархи мол вобастаанд ва омилҳое, ки ба нархи мол вобаста нестанд, тағйир ёфта меистад. Дар қонуни пешниҳод танҳо хусусияти ба нарх вобастаи пешниҳод ифодаи худро ёфтааст: Нархи мол ҳангоми бетағйир мондани шарту шароити дигар ҳар чӣ қадар паст бошад, миқдори пешниҳоди вай ҳамон қадар кам мегардад. Агар нархи мол ҳар чӣ қадар баланд бошад, миқдори пешниҳоди он ҳамон қадар зиёд мешавад.

Қонуни пешниҳод миқдори пешниҳод нисбат ба нарх дуруст вобаста буданашро нишон медиҳад, яъне агар нарх зиёд шавад, он гоҳ миқдори пешниҳод низ афзун мегардад. Чуноне ки бо мафҳуми талаб ошно гардидем, тағйирёбии миқдори таклиф аз бисёр ҷиҳат ба аз маҳсулоти мухталиф бохабар будани истеҳсолкунандагон вобастагӣ дорад.

**Пешниҳод** – хоҳиши имкониятҳои фурӯшандаест, ки имконпазирии дар давоми вақти маълум бо нархи гуногун ба чӣ миқдор фурӯхтани молро муайян менамояд.

**Миқдори пешниҳод** – миқдори моле, ки фурӯшандагон онро дар давоми вақти муайян бо нархи маълум фурӯхтанашон мумкин аст.

Адам Смит дар таълимоти худ озодии фаъолияти иқтисодиро ба сифати омили тараққиёт номбар кардааст. Ба фикри ӯ, ҳар як иштирокчии бозор дар бозор манфиати худро ҳимоя мекунад. Манфиатҳои шахсӣ ӯро водор месозад, ки ба фаъолияти даромади калон оваранда шуғл варзад. Барои ҳосил шудани мақсад ҳаракат мекунад, ки бисёр маҳсулот истеҳсол карда, камтар маблағ сарф намояд. Дар натиҷа мол ва хизмати нисбатан арзону хушсифат

http://eduportal.uz

ба бозор бароварда мешавад ва таклифро дар бозор вусъат медиҳад. Аз он харидорон ва тамоми ҷамъият нафъи калон мебинанд. Ҷараёни мазкурро на давлат ва на шахси дигар идора карда метавонад. Фаъолияти иштирокчиёни бозорро таклиф ва талаб мувофиқ кунонда меистад. Талаб ва таклифро Адам Смит «дасти ноаён»-и бозор гуфтааст ва ҳамин «дасти ноаён» муносибатҳоро дар бозор мувофиқ мегардонад

Ҳар як иштирокчии бозор манфиати худро ба назар гирифта фаъолият пеш мебарад.

Он дар навбати худ омехтаи бетартиби маҳсулоту нархро пайдо мекунад. Лекин...

...боз дигар иштирокчиёни бозор бо назардошти манфиати худ ба он рақобат кардан мегиранд.

Агар як истеҳсолгар бисёр даромад гирифтан гирад...

Агар як истеҳсолгар ба коркунони худ музди ками меҳнат додан гирад...

...дигар боз як истеҳсолгар нархи маҳсулоти худро арзон мекунад ва маҳсулоти истеҳсолгари якум ба фурӯш намеравад.

...дигар истеҳсолгар коркунони ӯро ба худ мегирад ва фирмаи якум ба инқироз рӯ меоварад.

Фаъолияти фирма баробари чун бозор додани музди меҳнат маҳсулотро мувофиқи талаби бозор ба истеъмолгар бо нархҳои хариди истеъмолгар тайёр истеҳсол кунад, дар он сурат бомуваффақият давом карданаш мумкин.

«Дасти ноаёни бозор» фаъолиятро дар бозор идора мекунад ва баҳри манфиатҳои ҷамъият хизмат мерасонад.

http://eduportal.uz

### Супориш

**1.** Аз бозори деҳқонии ба худатон маълум ягон маҳсулоти кишоварзиро интихоб кунед. Таклифи ба он доштаи бозорро ба назар гирифта, ҷадвали таклифро кашед. Ба таклифи маҳсулоти мазкур чӣ гуна омилҳо таъсир расонданашон мумкин ва дар зери таъсири ин омилҳо таклиф чӣ гуна тағйир ёфтанашро муайян кунед. Хулосаҳоятонро дар нақша тасвир кунед.

*a)*

| Нарх (p), бо сӯм | Миқдори пешниҳод (q), бо танна |
|---|---|
| 800 | 40 |
| 1600 | 50 |
| 2400 | 60 |
| 3200 | 70 |

*b)*

| Нарх (p), бо сӯм | Хати моили пешниҳод |
|---|---|
| 1000 | 100 |
| 2000 | 150 |
| 3000 | 200 |
| 4000 | 250 |

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Маънои мафҳуми таклифро ба ёрии мисолҳо фаҳмонед.
2. Миқдори таклиф чист?
3. Барои кашидани хати моили таклиф чӣ гуна маълумотҳо лозиманд?
4. Соли 2016 дар Ӯзбекистон бисёр картошка парвариш карда шуда, дар бозорҳо нархи он хеле арзон шуд. Тирамоҳи соли 2017 нархи картошка хеле қимат шуд. Ба фикри шумо сабаби он чӣ буд?
5. Агар нархи ҷуворимакка дарояндаи наздик зиёд мешуда бошад, миқдори пешниҳодии ҷуворимакка дар бозор чӣ қадар тағйир меёбад?
6. Қонуни таклифро бо ёрии мисолҳо фаҳмонед.
7. Ибораи “дасти диданашаванда”-и бозор аз ҷониби Адам Смит нисбат ба чӣ гуна ҳодисаи иқтисодӣ гуфта шудааст? Моҳияти ин ибора дар чист?

### Дар хотир доред!

- Нархи мол ҳар чӣ қадар паст бошад, миқдори пешниҳоди он ҳамон қадар кам мешавад ва агар нархи мол ҳар чӣ қадар баланд бошад, миқдори пешниҳоди он ҳамон қадар зиёд мешавад.
- Ҳангоми омӯзиши бозор дар баробари мафҳуми талаб мафҳуми таклиф ҳам хеле муҳим аст.
- Талаб ва таклифро Адам Смит “дасти диданашаванда”-и бозор номгузорӣ кардааст ва бозор ба воситаи ҳамин “дасти диданашаванда” идора мегардад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 20

# ОМИЛҲОИ ДИГАРЕ, КИ БА ПЕШНИҲОД ТАЪСИР МЕРАСОНАНД







| Нархи чойник (p), сӯм | Миқдори пешниҳод ба чойник (q), ҳазор дона |
|---|---|
| 30 000 | 10 |
| 40 000 | 30 |
| 50 000 | 60 |




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Таклиф ба чойник дар бозори чинниворӣ дар ҷадвали болоӣ оварда шудааст. Аз ҷадвал истифода бурда, хатти пешниҳодро ба чиннивор кашед.
2. Ашёи хоми арзон барои чинниворӣ дар республикаамон истеҳсол мегардад. Ҳолати мазкур дар бозори чинниворӣ тағйиротро ба вуҷуд меоварад? Акнун чойникро зиёд тайёр мекунанд ё кам? Хатти пешниҳод ба чойник чӣ хел тағйир меёбад? Тағйироти мазкурро ба воситаи нақша нишон диҳед.
3. Ба бозори чиннивор ба миқдори зиёд аз Чин чойникҳои арзон оварда шуданд ва фурӯшандагони зиёде ба фурӯши он шурӯъ намуданд. Ҳолати мазкур дар бозори чиннивор чӣ гуна тағйиротро ба вуҷуд меоварад?

Омилҳои зерин, ки ба нархи мол вобастагӣ надоранд, аммо метавонанд боиси тағйирёбии пешниҳоди мол гарданд:

**1. Тағйир ёфтани нархҳои захираҳо (манбаъҳо).** Дар ин ҳолат хароҷоти молистеҳсолкунандагон зиёд мегардад. Онҳо пештар ба миқдори маълум маҳсулот бароварда бошанд, акнун бо ҳамон миқдор



http://eduportal.uz

маблағ камтар маҳсулот тайёр мекунанду халос. Ҳамин тавр дар бозор таклифи мол кам мегардад.

**2. Тағйирёбии технология одатан хароҷотро** барои истеҳсоли маҳсулот кам мекунад, ҳосилнокиро баланд мебардорад. Аз ин рӯ, пешниҳод ба мол боло меравад.

**3. Аз тарафи давлат тағйир додани андозгузорӣ ба истеҳсолгарон ва имтиёзҳо ба онҳо.** Андоз зиёд гардад, хароҷот ба маҳсулот меафзояд. Аз ин рӯ, пешниҳод ба мол суст мешавад ё баръакс.

**4. Интизории тағйирёбии нарх.** Агар афзудани нархи молро дар бозор мунтазир шаванд, фурӯшандагон нисбат ба алҳол арзон фурӯхтани мол минбаъда бо нархи қимат фурӯхтани онро хуш мебинанд. Оқибат пешниҳод ба мол суст мешавад ё баръакс.




**5. Тағйир ёфтани шумораи фурӯшандагон дар бозор.** Он боиси боло рафтани пешниҳод ба мол мегардад. Агар пешниҳод дар натиҷаи таъсири ин омилҳо афзояд, он гоҳ хатти пешниҳод ($S_0$) ба тарафи рост ($S_1$) мелағжад ва, агар пешниҳод кам гардад, он гоҳ хатти пешниҳод ба тарафи чап мелағжад ($S_2$).

**6. Манбаъҳои дигари фоида гирифтан.** Бисёр истеҳсолкунандагони мол бо истеҳсоли молҳои якхела қаноат намекунанд. Онҳо молҳои дигар истеҳсол карда фоида мегиранд. Ҷалб карда шудани як қисми ҳамин фоида низ метавонад ба афзоиши пешниҳодот оварда расонад ва баръакс, барои истеҳсоли молҳои дигар сарф гардидани қисми калони сармоя мумкин аст ба коҳиш гардидани пешниҳодот оварда расонад.

**7. Нархи молҳои дигар.** Аксари ҳол тағйир ёфтани нархи молҳои дигар низ мумкин аст ба пешниҳоди молҳои мавриди алоқа таъсир расонад.

Дар бозор талаб дар зери таъсири бисёр омилҳо тағйир ёфтанаш мумкин. Ба тағйирёбии талаб бозор бо тағйирёбии таклиф ҷавоб мегардонад. Барои ин дахолати касе аз берун ё ки ба нақша гирифтанаш шарт нест. Барои он бо назардошти фаъолияти интирокчиёни бозор кор пеш бурдан кифоя мебошад.

Дар ин ҷо иштирокчиёни бозор гуфта, танҳо фирмаҳо не, балки коргар ва кормандони ба истеҳсолот масъул ҳам дар назар дошта мешаванд. Манфиати фирмаҳо аз фоидагирӣ иборат бошад, манфиати коргарон ва кормандон ба даст овардани маоши калон ба ҳисоб меравад. Маҳз ана ҳамин манфиатҳо механизми тағйирёбии қувваи таклифро ба ҳаракат оварданаш мумкин аст.

Дар бозор механизми тағйир ёфтани таклиф ба миқдори талаб вобаста буданашро бо ёрии мисоли муайян дар асоси аёният фаҳмонда додан мумкин.



http://eduportal.uz




Лекин ҳолати мазкур баробари ба бозор дохил шудани фирмаҳои нав нархҳо то ба дараҷаи «табиӣ»-и худ расидан давом мекунад.

**Супориш**

Ба ҳамсинфатон доир ба имконияти кор кардан маълумот диҳед. Ҳамсинфонатон дар мавриди ба кадом миқдор муайян гардидани ҳаққи меҳнат ба иҷрои ин кор розӣ буданашон, ҷадвали пешниҳодро таҳия ва хатти пешниҳодро кашед. Коргаре, ки музде розӣ аст, аз он ҳам маоши калон гирифтанаш мумкин. Дар таҳияи ҷадвал ба назар гиред.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Кадом омилҳоеро медонед, ки ҳарчанд ба нарх алоқаманд набошанд ҳам, лекин ба миқдори пешниҳод таъсир расонда метавонанд. Ба миқдори пешниҳод таъсир кардани онҳоро бо ёрии мисолҳо фаҳмонед.
2. Хатти пешниҳоди макарон нисбати вазъият дар аввали сол: а) ба чап; б) ба рост лағжад, он чиро мефаҳмонад? Ин тағйирот дар натиҷаи таъсири кадоме аз 5 омили, ки болоӣ содир гардиданаш мумкин?
3. Фабрикаи қаннодии «Лаззат» бо технологияи замонавӣ ҷиҳозонида шуд. Ин ба пешниҳоди маҳсулоти қаннодӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?



http://eduportal.uz

**4.** Агар давлат барои истеҳсоли ягон мол имтиёзҳо муайян карда, андозро кам намуда бошад, он гоҳ, пешниҳод ба моли мазкур чӣ навъ тағйир меёбад?
**5.** Ба тағйирёбии талаб бозор чӣ гуна ҷавоб мегӯяд?
**6.** Ба тағйирёбии миқдори талаб нисбати таклиф чӣ гуна омил таъсир мерасонад?
**7.** Схемаи тасвири механизми тағйири пешниҳоди соябонҳо ва айнакҳоро тавсиф кунед.




Корҳои иҷрокардаи мутафаккири бузург, арбоби давлатӣ ва олими қомусӣ Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ғояву фикрҳои дар ин бобат баёнкардааш ба таҳсини бисёр олимони Ғарб сазовор шудааст. Бобур хусусан дар сиёсати соҳаҳои андоз ва пул корҳои калонеро иҷро кардааст. Дар давраи ӯ барои афзудани ҳосилнокии истеҳсолот ва хуб кардани ҳосилхезии замин чораҳои андешидан аҳамияти калон дорад. Озодгардонии бозор доимо дар маркази диққату эътибори Бобур будааст. Дар давраи Бобур ва Бобуриён корҳои калон оиди вусъат додани савдои беруна, яъне равобити иқтисодӣ бо дигар мамлакатҳо ба амал бароварда шудаанд. Андешаҳои иқтисодии Бобур оид ба иқтисодиёт дар «Бобурнома» ва «Мубаййин», «Китоби калон оид ба закот» барин асарҳояш ифодаи худро пайдо кардаанд. Корҳои бузурги иқтисодии Бобур аз тарафи авлодони вай, алалхусус Ҳумоюн (1508–1556) ва Акбаршоҳ (1542–1605) муносиб давом ёфтаанд.

**Дар хотир доред!**

• Пешниҳоди мол бо таъсири омилҳое, ки ба нарх вобаста нестанд, низ мумкин аст тағйир ёбад.

• Ба тағйироти талаб бозор бо тағйирёбии пешниҳод ҷавоб медиҳад. Барои ин аз берун омехта шудани касе шарт нест.

• Ба тағйири пешниҳоди мол мумкин аст омилҳое мисли: тағйирёбии нархи захираҳо; тағйирёбии технологияҳои истеҳсолот; тағйирёбии имтиёзҳо ва андозҳои ба истеҳсолокунандагон аз ҷониби давлат андохташаванда; тағйири миқдори фурӯшандаҳо дар бозор; интизории тағйирёбии нарх; манбаъҳои дигари фоида; тағйири нархи молҳои дигар таъсир расонад.

• А. Смит талаб ва таклифро “дасти диданашаванда”-и бозор номида, бозорро “ин дасти диданашаванда” идора мекунад, гуфта таъкид кардааст.

http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 21

# НАРХИ БОЗОРИИ МОЛ

Дар маҳаллаи «Хислат»-и шаҳри Тошканд бозорчае арзи ҳастӣ мекунад, ки ба он ҳар рӯз саҳарӣ аз хоҷагии гирду атрофи шаҳр шир ва маҳсулоти ширӣ оварда мешавад. Дар натиҷаи пурсуҷӯи фурӯшандагони шир ва харидорони он маълум шуд, ки талаб ва пешниҳоди якрӯзаи фардӣ намуди ҷадвалеро дорад, ки дар поён тасвир шудааст.

| Нархи шир, сӯм | Миқдори талаби фардии харидорон, литр | | | | | | | | | | Миқдори якрӯзаи талаб ба шир, литр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Абдуллоев | Бурҳонов | Давронов | Эргашев | Фармонов | Ғуломов | Ҳайдаров | Илҳомов | Ҷӯраев | Комилов | |
| 4 000 | 2 | 4 | 3 | 6 | 3 | 5 | 2 | 4 | 3 | 4 | |
| 4 200 | 2 | 3 | 3 | 6 | 2 | 4 | 1 | 4 | 3 | 3 | |
| 4 400 | 0 | 2 | 2 | 4 | 0 | 1 | 0 | 3 | 3 | 3 | |
| 4 600 | 0 | 2 | 2 | 3 | 0 | 1 | 0 | 3 | 2 | 2 | |

| Нархи шир, сӯм | Миқдори якрӯзаи пешниҳоди шир, литр | | | Миқдори пешниҳоди фардии фурӯшандагон бинобар бозор, литр |
|---|---|---|---|---|
| | фурӯшандаи 1 | фурӯшандаи 2 | фурӯшандаи 3 | |
| 4 000 | 0 | 10 | 10 | |
| 4 200 | 6 | 15 | 10 | |
| 4 400 | 11 | 20 | 15 | |
| 4 600 | 16 | 25 | 20 | |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Мувофиқи ҷадвали боло талаб ва пешниҳоди ҳамарӯзаи бозорча ба ширро муайян намуда, сутунчаи охирро пур кунед.

**2.** Ҳангоми ба 4 000 сӯм баробар будани нархи шир миқдори талаб ва пешниҳод дар бозорча чӣ қадар мешавад?

**3.** Нархи шир аз боло 4 000 сӯм муқаррар гардад, чӣ вазъият мешавад?

**4.** Дар ҳолати 4 400 сӯм будани нархи шир миқдори талабу пешниҳод дар миқёси бозорча чӣ қадарро ташкил мекунад?



http://eduportal.uz

5. Агар нархи шир 4400 сӯ қатъӣ муайян карда шавад, чӣ гуна вазъият ба вуҷуд меояд? Чӣ қадар шир зиёдатӣ мекунад?
6. Дар мавриди ба 4 200 сӯм баробар будани нархи шир миқдори талабу пешниҳод дар миқёси бозорча чӣ қадарро ташкил мекунад?
7. Дар ин вазъият нархе, ки ҳар ду тараф харидор ва фурӯшандаро ҳам қаноат мекунонад, ба фикри шумо, бояд чанд сӯм бошад?

Нархи бозории мол чӣ гуна муайян карда мешавад? Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ нархи бозории мол ба таносуби байниҳамдигарии миқдори талаб ва пешниҳоди ба мол дошта нигоҳ карда муайян карда мешавад.

Маълум аст, ки талаботи ба ягон мол доштаи бозор фикри умумишудаи ҷамъи харидорони бозор гардида, дар ҳолати гуногун будани нархи мол хоҳишу имкониятҳои онҳоро доир ба хариди он ифода менамуд. Ба ҳамин монанд, пешниҳоди бозории мол фикри умумишудаи ҷамъи фурӯшандагони бозор гардида, ҳангоми гуногун будани нархи мол хоҳишу имкониятҳои онҳоро нисбат ба фурӯши он ифода менамуд. Биёед, кай болои ҳам гардидани фикру хоҳиши ҳарду тараф — харидорону фурӯшандагонро таҳлил намоем. Бигузор, талаб ва пешниҳоди дар бозор будаи биринҷ тавассути ҷадвали зерин дода шуда бошад. Агар хатҳои талаб ва пешниҳодро дар як ҳамвории координатӣ кашиданӣ бошем, он гоҳ нақшаи зеринро соҳиб мешавем.

Тасвири қайчимонанди ҳосилшуда ба шарафи олими машҳури соҳаи иқтисодиёти Амрико Алфред Маршал *«Қайчии Маршал»* номида шудааст.

Дар ҳолати 8600 сӯм будани нархи биринҷ миқдорҳои талаб ва пешниҳоди ба биринҷ дошта бо ҳам баробар гардида, 4 тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат ҳамаи 4 тонна биринҷи аз ҷониби фурӯшандаҳо пешниҳодшуда аз тарафи харидорон бо нархи 8600 сӯмӣ харид мегар-

| Нархи биринҷ (p), сӯм | Миқдори талаб ба биринҷ ($q_D$), тонна | Миқдори пешниҳод ба биринҷ ($q_S$), тонна |
|---|---|---|
| 9 000 | 0 | 8 |
| 8 800 | 2 | 6 |
| 8 600 | 4 | 4 |
| 8 400 | 6 | 2 |



дад, ки чунин мавриd ҳам барои харидорон ва ҳам барои фурӯшандагон айни муддаост. Нархи мол, ки ҳангоми баробар будани миқдори талаб ва пешниҳоди ба мол дошта аниқ мегардад, *нархи мувозанатӣ ё нархи бозорӣ* ном дорад. Миқдори талаб (ё пешниҳод)-и моси нархи бозор *миқдори мувозинат номида мешавад.* Нархи мувозинатии биринҷи дар бозори боло муоинашуда, яъне нархи бозорӣ 8600 сӯм, миқдори мувозинатӣ бошад, 4 тоннаро ташкил медиҳад. Нуқтаи бурриши хатҳои талаб ва пешниҳод (нуқтаи M) *нуқтаи мувозинатӣ* ном дорад. *Ординатаи* нуқтаи M *нархи мувозинат*, *абсиссааш* бошад, миқдори мувозинатро муайян мекунад.

**Миқдори мувозинат** – миқдори талаб (ё пешниҳод), ки ба нархи мувозинати бозории мол мувофиқ меояд.

**Нархи бозории (мувозинатии) мол** – ин нархи ба миқдори пешниҳод баробар будаи миқдори талабе, ки дар бозор нисбати мол аст, муайян мегардад.

Ҳангоми 8600 сӯм будани нарх миқдори талаби бозории биринҷ 6 тонна, пешниҳод бошад, 2 тоннаро ташкил мекунад. Пас, миқдори пешниҳодшудаи биринҷ (2 тонна) ба зудӣ фурӯхта шуда, талаби 4 тоннагии харидорон қонеъ нашуда мемонад, яъне камии маҳсулот маълум мегардад. Чунин ҳолатро *каммолии бозор* меноманд.

Агар биринҷ бо нархи 8800 сӯм фурӯхта шавад, он гоҳ миқдори талаб ба он 6 тонна, пешниҳод бошад, 2 тоннаро ташкил медиҳад. Дар натиҷа аз миқдори биринҷи пешниҳодгардида танҳо 2 тоннааш ба фурӯш рафта, 4 тоннаи дигараш боқӣ мемонад. Бозорро дар чунин ҳолат бозори *сермол (сершуда)* мегӯянд.

Чуноне ки мебинем, дар ҳар ду ҳолати болоӣ дар бозор мувозинат нест. Аз ин рӯ, дар бозор аз боло муқаррар кардани нархҳо мувофиқи мақсад нест.

**Нархҳои қатъӣ** – нархҳое, ки дар бозор аз боло қатъӣ муқаррар гардида, одатан аз нархҳои бозор пасттар мебошанд.

**Бозори каммол** – бозоре, ки дар он миқдори пешниҳоди мол нисбати миқдори талаби ба он дошта паст мебошад.

**Бозори сермол (сершуда)** – бозоре, ки дар он миқдори пешниҳоди мол назар ба талаботи ба он буда зиёд мебошад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Талаб ва таклиф дар бозор байни ҳамдигар чӣ гуна муносибат доранд?
2. Чаро номи шартии "Қайчии Маршал" гузошта шудааст?
3. Ҳолати бозори каммолро фаҳмонед ва он кай ба вуҷуд меояд?
4. Миқдори мувозинат чист?
5. Ҳолати бозори сермолро фаҳмонед ва он кай ба вуҷуд меояд?
5. Нархи бозор ё мувозинат гуфта чиро мегӯянд ва он чӣ гуна муайян карда мешавад?
7. Чӣ гуна ҳолат дар бозор "мувозинати бозор" номида мешавад?

### Машқ

Талаби ба мол дошта ва пешниҳод дар ҷадвали паҳлӯ нишон дода шудааст.

**1.** Дар асоси ҷадвали мазкур хатҳои талаб ва пешниҳодро кашед.

**2.** Аз рӯи нақша нархи бозории мол ва миқдори мувозинатро муайян намоед.

**3.** Дар вазъияти мазкур дар бозор ба чанд сӯм фурӯхта шудани молро ҳисоб кунед.

| Нархи мол (p), сӯм | Миқдори талаб ба мол ($q_D$), дона | Миқдори пешниҳод ба мол($q_S$), дона |
|---|---|---|
| 400 | 200 | 20 |
| 500 | 150 | 60 |
| 600 | 100 | 100 |
| 700 | 50 | 140 |

8. Дар вазъияте, ки дар машқи болоӣ тасвир шудааст, нархи мол 400 сӯм қатъӣ муайян шуда бошад, дар бозор чӣ гуна ҳолат ба вуҷуд меояд? Нарх 700 сӯм қатъӣ муайян карда шавад чӣ?



**Алфред Маршал**
**(1842—1924)**

Ғояи аз ҳама асосии Алфред Маршал ин аст, ки таъсири байниҳамдигарии таклиф ва талаб ба ташаккулёбии нарх оварда мерасонад. Маршал ба таклиф ва талаб бо назари нав нигоҳ карда тавонист. Вай онро дида тавонист, ки таклиф ва талаб дар роҳи ташаккулдиҳии нархи бозор якҷоя ҳаракат мекунанд. Вай дар назарияи иқтисодӣ риёзиётро татбиқ намуд ва «Қайчии Маршал» ном ҷадвалро тасвир карда тавонист.

«Дар тамоми ҳолатҳо агар ба бозор барои фурӯхтан бисёр ашё оварда шавад, нархи пайдокунии харидорони онҳо ҳамон қадар паст мешавад».

*(Алфред Маршал)*

## МАВЗӮИ 22 МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ҚОНУНИЯТҲОИ ТАЛАБ ВА ПЕШНИҲОД

**1. Тавассути ҷадвали талаб ва пешниҳод аниқ кардани нархи мувозинат.** Бигзор, талаб ва пешниҳоди мол дар бозор тавассути як ҷадвали зерин дода шуда бошад:

| Нархи мол (p), сӯм | Миқдори талаб ба мол ($q_d$), дона | Миқдори талаб ба мол ($q_S$), дона |
|---|---|---|
| 1 200 | 0 | 8 |
| 900 | 2 | 6 |
| 600 | 4 | 4 |
| 300 | 6 | 2 |

Барои аз ин ҷадвал аниқ кардани нархи мувозанатии мол сатрҳоеро ёфтан кифоя аст, ки миқдори талаб ва пешниҳод баробар аст. Дар ҳолати мо он сатри сеюм буда, нархи мол 600 сӯм бошад, миқдори талабу пешниҳод баробар мегардад. Аз ин рӯ, 600 сӯм нархи бозории мол, яъне нархи мувозинатӣ буда, дар ин ҳолат миқдори мувозинатии мол 4 донаро ташкил медиҳад.

Фарз кардем, аз боло, аз ҷониби давлат нархи мол қатъан 300 сӯм муқаррар гардидааст. Дар ин ҳолат тамоми 2 воҳид моли пешниҳодгардида аз тарафи харидорон ба зудӣ харида, дар бозор ба моли 6 – 2 = 4 воҳида камчинӣ ба вуҷуд меояд.

**2. Кашидани хатти талабу пешниҳод бо кӯмаки ҷадвали талаб ва пешниҳод.**

Саравал дар асоси ҷадвали талаб нуқтаи дар болои хатти талаб хобидаро меёбем. Дар сатри аввали ҷадвал рақамҳои 1200 ва 0 ба нуқтаи хатти талаб A(0; 1200), сатри дуюми рақамҳои 900 ва 2 ба нуқтаи хатти талаби B




(2; 900) мувофиқ меояд. Нуқтаҳои (С (4; 600) ва Д (6; 300) ҳам ҳамин гуна ёфта мешавад). Ҷои нуқтаҳои мазкурро дар ҳамвории координата муайян месозем. Нуқтаҳои мазкурро ба ҳам пайваста хатти талабро ҳосил менамоем. Нуқтаҳои буриши ин ҷадвалҳо нуқтаҳои мувозинат аст. Дар ҳолати мо он аз нуқтаи M иборат аст. Координатаи якуми ин нуқтаи

http://eduportal.uz

(абсисса) миқдори мувозинат, координатаи дуюм (ординатааш) нархи мувозинатро мефаҳмонад. Дар ин ҳолат нархи бозории мол, яъне нархи мувозинат 600 сӯм, миқдори мувозинат бошад, 4 донаро ташкил медиҳад.

**3. Бо кӯмаки вазифаҳои талаб ва таклиф муайян кардани нархи мувозанат.**

Бигузор, дар бозор талаб ба мол ва таклиф ба он дар намуди вазифаҳои $q_p = 400 - p$ ва $q_s = 2p + 100$ дода шавад. Дар ин ҷо p – нархи мол (сӯм); $q_p$ – миқдори талаб ба мол (ҳазор дона); $q_s$ – миқдори таклиф ба мол (ҳазор дона). Нархи мувозинатии мол ва миқдори мувозинатро ёбед.

**Ҳал.** Барои нархи мувозинат бояд $q_d$ ва $q_s$ баробар бошад:

Яъне

$$q_D = q_S \Rightarrow 400 - p = 2p + 100 \Rightarrow 3p = 300,\ p = 100 \Rightarrow q = 400 - p = 300.$$

Пас аз ин мебарояд, ки нархи мувозинати мол 100 сӯм, миқдори мувозиант бошад, ба 300 дона баробар аст.

**Машқҳо**

1. Дар асоси ҷадвали поёнии талаб ва пешниҳод нархи бозории молро ёбед. Нархи ин мол дар бозор 1800 сӯм муқаррар шуда бошад, чӣ гуна ҳолат рӯй медиҳад. 1000 сӯм муқаррар гардад-чӣ?

| Нархи мол (р), сӯм | Миқдори талаб ба мол ($q_S$), тонна |
|---|---|
| 2 200 | 2 000 |
| 1 800 | 1 500 |
| 1 400 | 1 000 |
| 1 000 | 500 |

| Нархи мол (р), сӯм | Миқдори талаб ба мол ($q_D$), тонна |
|---|---|
| 2 200 | 0 |
| 1 800 | 500 |
| 1 400 | 1 000 |
| 1 000 | 1 500 |

2. Дар асоси ҷадвалҳои поёнии талаб ва пешниҳод хатҳои талаб ва пешниҳодро кашед ва нархи бозории молро ёбед.

3. Вазифаҳои талаб ва таклифи мол: $q_D = -4p+800$, $q_s = p + 100$ дода шудааст. Нархи мувозинатии мол ва миқдори мувозинатро ёбед.

4. Дар бозор вазифаи таклиф ба мол бо $q_s = 2p + 4000$ дода шудааст. Агар вазифаи талаб $q_p = кр + 30000$ ва нархи мувозинатии мол 10000 сӯм бошад, хатти таклиф ва талабро кашед.

http://eduportal.uz

**МАВЗӮИ 23**

# ТАЪСИРИ ТАҒЙИРЁБИИ ТАЛАБ ВА ПЕШНИҲОД БА НАРХИ БОЗОР

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Мо дар дарсҳои гузашта чӣ гуна шакл гирифтани нархи молро дар бозор дар асоси талабу пешниҳоди он таҳлил карда будем. Ҳоло дар мавриди таъсири омилҳое, ки ба нарх вобаста нестанд, дигаргун шудани талаб ё пешниҳод чӣ гуна тағйир ёфтани нархи бозорӣ ва микдори мувозинатии молро таҳлил мекунем. Таҳлилро дар асоси вазъиятҳои зерин ичро менамоем.

**Вазъияти 1.** Хатҳои талаби ба мошини сабукрави «Спарк» доштаи аҳолии мамлакат ва пешниҳоди дар бозори мошинҳо фурӯхтани ҳамин хел мошинҳо дар нақшаи 1 акс ёфтаанд. Бигузор, даромадҳои аҳолии мамлакат зиёд шуда бошанд:



*Нақшаи 1*

1. Дар натичаи таъсири зиёдшавии даромадҳои аҳолии мамлакат талабе, ки аҳолӣ ба мошини мазкур дорад, зиёд мегардад ё кам мешавад?
2. Дар натичаи ин хатти талаб аз ҳолати ибтидоияш ба кадом тараф нигоҳ карда мелағжад?
3. Аз нақша нархи нави мувозинати мошинро муқаррар намоед. Нархи мошин зиёд шуд ё кам?
4. Дар асоси нақша муайян намоед, ки ҳаҷми хариди мошин аз ҷониби аҳолӣ зиёд ё кам гардидааст.
5. Аз мулоҳизаҳои дар боло арзёбишуда истифода бурда, оиди дар натичаи тағйирёбии даромади аҳолӣ тағйир ёфтани нархи бозор ва микдори мувозинати мол хулоса бароред.

**Вазъияти 2**. Бигузор хатҳои талаб ва пешниҳоди дар фасли баҳор ба палто дошта, дар нақшаи 2 дода шуда бошад:



*Нақшаи 2*

1. Талаб ба палто баробари фарорасии фасли тобистон зиёд мешавад ё кам мегардад?
2. Дар натичаи ин хатти талаб аз ҳолати аввалааш ба кадом тараф нигоҳ карда мелағжад? Ҳолати баъдинаи хатти талабро тасвир кунед.
3. Аз нақша нархи нави мувозинатии палторо муқаррар намоед. Нархи палто баланд шуд ё паст гардид?
4. Дар асоси нақша муайян намоед, ки ҳаҷми хариди палто аз ҷониби аҳолӣ зиёд ё кам шудааст.
5. Дар асоси мулоҳизаҳои боло дар бораи тағйири микдори нархи бозор ва мувозинати мол дар натичаи тағйири мавсими сол хулоса бароред.



http://eduportal.uz

**Вазъияти 3**. Хатҳои талаб ва пешниҳоде, ки ба мол то зиёд шудани андоз буд, дар нақшаи 3 акс ёфтаанд:



Нақшаи 3

1. Нисбат ба истеҳсолкунандагони мол зиёд шудани андоз ба пешниҳоди мол таъсир мекунад ё ин ки ба талаби ба он дошта?
2. Пешниҳоди мол дар натиҷаи нисбат ба истеҳсолкунандагони мол зиёд шудани андоз афзун мегардад ё кам мешавад?
3. Дар натиҷаи ин хатти пешниҳод аз ҳолати аввалааш ба кадом тараф мелағжад? Ҳолати баъдинаи хатти пешниҳодро тасвир кунед.
4. Аз нақша нархи нави мувозинатии молро муқаррар намоед. Нархи мол зиёд мешавад ё кам мегардад?
5. Аз рӯи нақша муайян намоед, ки дар натиҷаи афзун гардидани андози истеҳсолкунандагони мол миқдори мувозинатӣ, яъне ҳаҷми хариди мол зиёд ё кам шудааст?
6. Дар асоси мулозиҳаҳои болоӣ дар натиҷаи зиёдшавии андоз нисбат ба истеҳсолкунандагони мол оиди тағйири миқдори мувозинат ва нархи бозории мол хулоса бароред.

**Вазъияти 4**. Ҳолати аввалини хатҳои талаб ва пешниҳоди бозории қолинҳои Хева дар нақшаи 4 дода шудааст.



Нақшаи 4

1. Дар фабрикаи қолинбофӣ насб гардидани дастгоҳи бофандагии ҳосилнокии истеҳсолиаш баланди ба технологияи нав асосёфта ба талаб таъсир мекунад ё ба пешниҳод?
2. Натиҷаи истифодаи технологияи нав боиси афзудани пешниҳоди мол мешавад ё сабаби камшавии он мегардад?
3. Хатти пешниҳод дар ин вазъият аз ҳолати аввала ба кадом тараф нигоҳ карда мелағжад? Ҳолати баъдинаи хатти пешниҳодро тасвир кунед.
4. Нархи нави мувозинатии молро аз рӯи нақша муқаррар кунед.
5. Аз рӯи нақша муайян намоед, ки дар натиҷаи истифодаи технологияи нав миқдори мувозинат, яъне ҳаҷми хариди мол кам ё зиёд шудааст.
6. Дар натиҷаи истифодабарии технологияи нав оиди нархи мувозинатии мол ва тағйирёбии миқдори он хулоса бароред.

**Машқ**

Дар ҷадвали поён вазъиятҳои бозори молҳои гуногун тасвир шудаанд. Дар асоси ин маълумотҳо ҳолати чӣ гуна тағйир ёфтани хатҳои талаб ва пешниҳодро муайян кунед ва онҳоро дар сутунчаи сеюми ҷадвал тасвир

http://eduportal.uz

намоед. Дар натиҷаи таъсири омилҳои овардашуда зиёд ё кам гаштани нархи мувозинатӣ ва миқдори мувозинатиро дар сутунчаи 4-уми ҷадвал бо ақрабакҳои мувофиқ нишон диҳед.

| Бозори мол | Вазъият | Нақшаҳо | Танзими нархи мувозинатӣ ва миқдор |
|---|---|---|---|
| Намуна: Яхмос | Фирмаҳои зиёд яхмос истеҳсол мекардагӣ шуданд |  | P↓ Q↑ |
| Курткаҳои чармин | Нархи чарм афзуд |  | P Q |
| Дафтар | Таътили тобистонаи хонандагон оғоз шуд. |  | P Q |
| Хизмати нақлиёти трамвай | Нархи бензин афзуд |  | P Q |
| Зарфҳои чинӣ | Корхонаҳои чиннибарорӣ технологияи нав ҷорӣ намуданд |  | P Q |

**1.** Ба кадоме аз талаб ва пешниҳод таъсир намудани омилҳои зеринро муайян намуда, нархи бозории мол дар натиҷаи таъсири онҳо чӣ гуна тағйир ёфтанашро таҳлил намоед ва онро бо ёрии нақша асоснок намуда нишон диҳед: а) зиёд шудани шумораи аҳолӣ; б) тағйир ёфтани нархҳои захираҳо; в) кам шудани даромадҳои истеъмолгарон; г) паст гардидани нархи моле, ки ҷои моли дигарро мегирад; д) аз ҷониби давлат тағйир дода шудани андози истеҳсолгарон ва имтиёзҳои онҳо; е) боло рафтани нархи молҳои пуркунанда; ж) ба назар гирифтани болоравии нархи мол; з) тағйир ёфтани шумораи молфурӯшон дар бозор.

**2.** Агар омилҳои дар боло аксёфтаи *б* ва *г* дар худи ҳамон як вақт ба талаб ва пешниҳоди ба мол дошта таъсир кунад, он гоҳ нархи бозории мол низ тағйир меёбад. Чигунагии ин тағйирёбиро таҳлил намоед.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ IV

## А. САВОЛҲО

**1.** Оё худи хоҳиш, эҳтиёҷи ба ягон нарх харидани мол талаб шуда метавонад? Ин хоҳиш кай ба талаб табдил меёбад? **2.** Фарқи байни талаб ва миқдори талаб аз чӣ иборат аст? **3.** Ба нархи мол вобастагии баръакс доштани миқдори талабро эзоҳ диҳед ва бо ёрии мисолҳо таҳлил намоед. **4.** Талаби ба мол дошта дар натиҷаи таъсири кадом омилҳо тағйир ёфта метавонад? **5.** Ба ҷуфти молҳое, ки ҷои ҳамдигарро мегиранд ва пур мекунанд, дутогӣ мисол оред ва ҷавобатонро асоснок намоед. **6.** Маънои мафҳуми пешниҳодро бо ёрии мисолҳо фаҳмонда диҳед. **7.** Миқдори таклиф дар зери таъсири кадом омилҳо тағйир ёфтанаш мумкин? Ба он мисолҳо оваред. **8.** Ҳолатҳои бозори каммол ва сермол кай ба вуҷуд меоянд? **9.** Нархи бозории мол ё ки нархи мувозинат чӣ тавр муайян карда мешавад? **10.** Тағйирёбии талаб ва таклиф ба нархи бозор таъсир расонданашро бо ёрии мисолҳо фаҳмонда диҳед.

## Б. СУПОРИШОҲО

Тавзеҳи ба ҳар як истилоҳ мувофикро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

**1.** Миқдори талаб.
**2.** Талаб.
**3.** Миқдори пешниҳод.
**4.** Пешниҳод.
**5.** Нархи бозории мол.
**6.** Миқдори мувозинат.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) миқдори моле, ки фурӯшандагон дар давоми вақти муайян бо нархи маълум фурӯхтанашон мумкин;
б) муносибати байниҳамдигарии нарх ва миқдори мол, ки имконияти дар давоми вақти маълум бо нархҳои гуногун ба чӣ миқдор мол харида тавонистани харидоронро муайян менамояд;
в) миқдори дар бозор бо нархи мувозинатӣ фурӯхта шудани мол;
г) миқдори моле, ки харидорон дар давоми вақти муайян бо нархи маълум хариданашон мумкин аст;
д) бозоре, ки пешниҳоди мол аз талаботи ба он дошта паст мебошад;
е) муносибати байниҳамдигарии нарх ва миқдори мол, ки имконияти дар давоми вақти маълум бо нархи гуногун чӣ миқдор мол фурӯхта тавонистани фурӯшандагонро муайян мекунад;
ё) нархе, ки ҳангоми ба миқдори пешниҳод баробар гардидани миқдори талаби ба бозор доштаи мол ҳосил мегардад;

## В. ТЕСТҲО

Ба саволи додашуда аз ҷиҳати моҳият ҷавоби аз ҳама саҳеҳ ва пурраро муайян кунед.

**1. Агар нархи бензин дар бозор 3 маротиба зиёд гардад, он гоҳ нархи автомобилҳо чӣ қадар мешавад?**

А. Зиёд мешавад; Б. Зиёд шуданаш ҳам мумкин ва зиёд нашуданаш ҳам;
В. Тағйир намеёбад; Г. Паст мешавад.

**2. Дар ҳолати тағйир ёфтани нархи захираҳое, ки барои истеҳсоли мол заруранд:**

А. Миқдори пешниҳод тағйир меёбад; Б. Миқдори талаб тағйир меёбад;
В. Талаби ба мол доштa тағйир меёбад; Г. Пешниҳоди мол тағйир меёбад.

**3. Дар як вақт кам шудани талаб ва пешниҳоди ба мол дошта:**

А. Ба паст шудани нархи мувозанатӣ;
Б. Ба боло шудани нархи мувозанатӣ;
В. Ба зиёд шудани миқдори мувозанатӣ;
Г. Ба кам шудани нархи мувозанатӣ ва миқдори мувозанатӣ оварда мерасонад.

**4. Ҳангоми боло рафтани нархи мол:**

А. Пешниҳод кам мешавад; В. Пешниҳод зиёд намешавад;
Б. Миқдори пешниҳод кам мешавад; Г. Миқдори пешниҳод зиёд мешавад.

**5. Агар нархи мол баланд шавад:**

А. Талаб ба моле, ки ҷои онро мегирад, меафзояд;
Б. Талаб ба моле, ки ҷои онро мегирад, паст мешавад;
В. Талаб ба моле, ки ҷои онро пур мекунад, зиёд мешавад;
Г. Талаб ба моле, ки ҷои онро пур мекунад, кам мешавад.

**6. Кадоме аз омилҳои зерин ба талаб ба зудӣ таъсир намекунанд?**

А. Тағйир ёфтани шумораи аҳолии истеъмолкунандаи мол;
Б. Тағйир ёфтани даромади истеъмолгарон;
В. Ба бозор ба миқдори зиёд ворид гардидани мол;
Г. Интизории баланд шудани нархи мол.

**8. Миқдори пешниҳод — дар давоми вақти муайян:**

А. Миқдори молест, ки онро харидорон бо нархи муайян харид карданашон мумкин аст;
Б. Миқдори молест, ки онро фурӯшандагон истеҳсол карданашон мумкин аст;
В. Миқдори молест, ки онро фурӯшандагон бо нархи муайян фурӯхтанашон мумкин аст;
Г. Миқдори умумии молест, ки фурӯшандагон ба бозор меоранд.



http://eduportal.uz

> ***Талаби иқтисодиёти бозор чунин аст, ки имкони истифода аз захира ва имкониятҳо, яъне майдони фаъолият бояд ба ҳама баробар бошад. Ҳеҷ кас ба яккаҳокимӣ ҳақ надорад.***
>
> ***Шавкат Мирзиёев***







# Боби V. Рақобат ва иқтисодиёти бозаргонӣ


































## МАВЗӮИ 24 РАҚОБАТ



*Устохонаи «Кафолат-сервис»*

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Фарз кардем, Шумо соҳиби устохонаи «Кафолат-сервис» мебошед. Дар шаҳрак боз корхонаи хусусии хизматрасонии техникӣ ва таъмири автомобилҳо бо номҳои «Автосервис», «Автоусто» фаъолият пеш мебаранд. Аён аст, ки байнатон мудом рақобат буда, ҳар як корхона мехоҳад мизоҷони бештарро ба худ ҷалб кунад ва ба мизоҷон қулайиҳои мухталифро пешниҳод созад.

Дар вазъиятҳое, ки дар поён оварда шудаанд, барои нигоҳ доштани мавқеатон чӣ гуна роҳро пеш мегирифтед? Қароратонро асоснок намоед.

**Вазъияти 1.** Корхонаи хурди «Автосервис» барои он ки мизоҷонро ба худ ҷалб созад, ҳаққи хизматрасониро ба автомобилҳо 10% кам кард. (Инро дар иқтисодиёт рақобат тавассути нархҳо меноманд).

**Вазъияти 2**. Корхонаи «Автоусто» тавассути радио ва телевизиони маҳаллӣ ба шунавонидани эълону рекламаҳои худ шурӯъ намуд.

**Вазъияти 3**. Ба қарибӣ корхонаи муштараки «GM Ӯзбекистон» дар шаҳрак шабакаи нави хизматрасонии техникиро кушод. Дастгоҳи наве, ки дар шабака насб шудааст, ҳосилнокии меҳнат ва сифати таъмирро хеле баланд бардошт. Оқибат шабакаи мазкур ба мизоҷон ба муддати 6 моҳ хизматрасонии кафолатнокро пешниҳод кард.

---

Нарасидани захираҳо дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозаргонӣ боиси бархӯрди манфиатҳои иштирокчиёни он ва байни онҳо ба вуҷуд омадани мубориза — *рақобат* мегардад. Ана ҳамин манфиатҳо дар бозор бо ҳамдигар рӯ ба рӯ мегардад ва рақобати байни онҳоро ба вуҷуд меорад. Истеҳсолгарон аз то ҳадди имкон арзонтар гирифтани ашёи хом ва дигар

захираҳо манфиатдоранд. Ин гуна манфиатҳои ба сифати харидор дош-таи онҳо дар бозори захираҳо бо ҳам бармехӯранд, ки дар натиҷа байни истеҳсолгарон мубориза — рақобат пайдо мешавад.

Рақобатгарон ба мақсади нигоҳдории фаъолияти иқтисодии фурӯшанда ва истеҳсолгарон хитоб менамоянд, то ин ки тамоми имкониятҳояшонро ба кор андозанд, барои ба тарафи худ ҷалб намудани харидорон рекламаҳои гуногунро истифода баранд. Барои он ки муҳити рақобат ба вуҷуд ояд, бояд чунин шарту шароит мавҷуд бошад:

— дар бозор сершумор будани фирмаҳои истеҳсолӣ ва харидорон;

— аз рӯи як намуди маҳсулот тахасуссонида шудани фирмаҳо;

— ба нархи бозории маҳсулот таъсир карда натавонистани фирмаҳо.

— барои воридшавии дигар фирмаҳои рақобатгар ба бозор мавҷуд набудани ягон монеа.

Рақобат дар бозор ба воситаи қонун ва қоидаҳои маълум ба тартиб андохта мешавад. Барои амалӣ гардондани мақсади мазкур давлат қонунҳои махсус қабул мекунад, қоидаҳоро ҷорӣ менамояд. Дар асоси қонун ва қоидаҳои ҷоригашта рақобати пешбурда – *рақобати солим*, рақобате, ки ба муқобили қонуну қоидаҳои ҷоригашта нигаронда шудаанд, *рақобати ғиром* номида мешавад.

**Рақобат** – муборизаест, ки дар натиҷаи бо ҳам бархӯрии ман-фиатҳои тарафҳои дар иқтисодиёт фаъолияткунанда ба вуҷуд меояд.

Рақобатчӣ дар бозор барои рақиби худро таслим кардан аз усулҳои гуногун истифода мебарад. *Рақобат ба воситаи нарх* хели аз ҳама асосии рақобатгарӣ мебошад. Дар ин ҳолат як фирмаи дигар барои маҳсулоти худ нархи пастро гузоштан ва нисбати он фирма бештар фурӯхтани маҳсулоти худ ҳаракат менамояд. Дар *рақобати бидуни нарх* бошад, фирма сифати маҳсулоташро беҳтар мекунад, зебо қадоқ мегардонад, пурзӯр реклама карда, тавассути воситаҳои ба нарх новобаста бо дигар рақобатгари бозор ба рақобат медарояд.

**Рақобат тавассути нархҳо** — расонидани таъсир ба рақобатгарон бо ёрии паст ё баланд бардоштани нарх.

**Рақобати новобаста ба нарх** — ба рақобатчиён на ба воситаи тағйир додани нархҳои мол, балки дар асоси хубтар намудани сифати он ва пурқувват кардани реклама барин омилҳо таъсир расонидан мебошад.

Фурӯшандагон ҳангоми фурӯхтани моли муайян ба мақсади ба худ ҷалб намудани харидорон ва ба даст овардани фоидаи зиёд байни худ рақобат мекунанд. Чунин рақобат асосан дар мавриди аз миқдори талаботи ба мол дошта афзунтар будани пешниҳоди мол ба назар аёнтар мегардад. Моли мазкур ба фурӯш нисбат ба миқдори зарурӣ бисёртар бароварда мешавад ва аз ин лиҳоз онҳо ба фурӯш нарафта, дар рафҳо мондан мегиранд. Дар чунин маврид фурӯшандагон рақобатро байни худ бо арзон кардани нархи мол, пурқувват намудани рекламаҳо, хубтар намудани сифату дизайни мол ва хизматрасонии мизоҷон барин роҳу усулҳо амалӣ мегардонанд.

Ҳангоми байни ҳам рақобат кардани фурӯшандагон нархи мол меафтад. Аз ин гуна рақобат харидорон ва умуман гирем, ҳамаи истеъмолгарон манфиатдоранд.

Савдои музоядаи «Кӣ бештар?» чорабиниест, ки барои фурӯхтани мол аз ҷониби фурӯшанда, ё ин ки фирмаи махсуси воситагар ташкил карда мешавад. Дар савдои музоядаи «Кӣ бештар?» ба харидорон оиди моли фурӯхташаванда, кай ва дар куҷо бо кадом нархи ибтидоӣ фурӯхта шудани он маълумоти пешакӣ дода мешавад. Шахсоне, ки нияти харидани молро

**Дар ин бора андеша ронед!**

Соли 1997 Кумитаи мубориза бар зидди монополияи назди Вазорати адлияи ИМА фирмаи машҳури «Микрософт»-ро ба вайрон кардани қоидаҳои озоди рақобат айбдор намуда, корашро ба суд дод. Фирма ба системаи дар як вақт якчанд корро иҷоракунандаи WINDOWS — 95-и худаш, ки дар тамоми гӯшаю канори дунё татбиқ мегардид, дастурҳои нави компутерии худро маҳкам баста монд. Ҳол он ки барномаҳои фирмаҳои дигар низ аз ҷиҳати сифат аз онҳо ҳеҷ мондание надоштанд. Ба фикри шумо фирмаи «Микрософт» бо ин кораш кадом тамоюли рақобатро вайрон кардааст?

доранд, аввал ҳаққи дар савдои музояда иштирок карданро пардохта ва баъд дар вақту ҷои муайяншуда ҳозир мешаванд. Музояда бо иштироки онҳо ба кори худ шурӯъ мекунад. Музоядагар моли ба савдо гузошташуда, миқдору нархи ибтидоии онро эълон менамояд ва баъд аз он харидорон рақамҳои тартибии пешакӣ гирифтаашонро баланд бардошта, нияти бо баҳои баландтар харидорӣ намудани молро баён мекунанд. Музоядагар бошад, ҳар як баҳоро се маротиба бо овози баланд такрор мекунад. Агар дар ин айём ягон харидори дигар баҳои боз ҳам баландтарро ном гирад, шумор



http://eduportal.uz

аз сари нав оғоз мегардад. Ин ҷараён то муайян гардидани харидори ягонае, ки баҳои аз ҳама баланд медиҳад, давом мекунад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Рақобат ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Чунки бисёр фирмаҳо ба туфайли рақобат касод мегарданд, оромии ҳама завол ёфта, тарзи бо як маром сурат гирифтани фаъолият тағйир меёбад, фирмаҳо душмани ҳамдигар мегарданд. Агар ба тариқи умумӣ гӯем, одамон барои гирифтани фоидаи зиёд ба чӣ корҳо даст намезананд. Шумо ба ин фикр чӣ мегӯед?

**2.** Чаро дар шароити бозори бидуни рақобат тараққиёт нест?

**3.** Ба фикри шумо ташкилотҳои мазкур вақте бо рақибони соҳаи худ рақобат мекунанд, ба чиҳо бояд бештар эътибор диҳанд: а) хоҷагии фермерие, ки гӯшт истеҳсол мекунад; б) фабрикаи истеҳсоли куртаҳои мардона; в) бонкҳое, ки хизмати гуногун мерасонанд?

**4.** Дар натиҷаи рақобати байниҳамдигарии истеҳсолгарон (фурӯшандагон) истеъмолгарон чӣ нафъ мебинанд? Бо мисолҳо фаҳмонед.

**5.** Фурӯшандагон дар ҷараёни рақобат нархи молашонро ба ивази чӣ паст мекунанд?

**6.** Ба тарзҳои рақобати ғиром мисолҳо оред.

**7.** Чаро дар иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ ба рақобат ҷой набуд?

**8.** Бигӯед, ки савдои музоядаи «Кӣ бештар?»-ро ба кадом намуди рақобат дохил кардан мумкин аст?

### Дар хотир доред!

- Барои манфиати худ байни ҳамдигар мубориза бурдани иштирокдорони бозор баҳри дар бозор пайдо шудани муҳити рақобат оварда мерасонад.
- Мавҷудияти иқтисоди бозаргонӣ бидуни рақобат мумкин нест.
- Рақобат байни фурӯшандагон барои паст рафтани нархи мол, рақобати байни харидорон бошад, ба баланд гардидани нархи мол оварда мерасонад.
- Иштирокчиёни бозор байни ҳамдигар рақобат карда, дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст, ғиромӣ кунанд.

### Супориш

Рақобати байни фурӯшандагонро дар бозори бароятон маълум назорат кунед ва натиҷаи онро бо ҳамсинфон муҳокима намоед.



http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 25

## МОНОПОЛИЯ ВА БОЗОРҲОИ МОНОПОЛИЯШУДА




### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Шумо тамоми саройҳои автобусҳоеро, ки ба аҳолии шаҳр хизмат мерасонанд, муттаҳид намуда, дар миқёси шаҳр ягона фирмаи нақлиётии хусусии «Асилбек»-ро ташкил намудед. Ҳамин тавр, фирмаатон аз ҷиҳати ба аҳолии шаҳр расонидани хизмати нақлиёти автобусӣ ба мавқеи яккамонополистӣ соҳиб гардид. Агар Шумо соҳиби ин фирма мебудед, он гоҳ дар вазъиятҳое, ки дар поён оварда шудаанд, чӣ гуна ҳаллу фаслро интихоб мекардед? Ҳалли худро асоснок намоед.

**Вазъияти 1.** Ба ақидаи кумитаи шаҳрии ҳифзи муҳит баланд кардани нархи чиптаи автобус боиси дар шаҳр зиёд гардидани ҳаракати воситаҳои нақлиёти шахсӣ мегардад. Ин бошад, дар навбати худ ба ифлостар шудани ҳавои шаҳр оварда мерасонад. Аз ин рӯ, аз шумо хоҳиш доранд, ки роҳкироро камтар намоед. Ҷавоби Шумо ба ин дархост чӣ гуна мешавад?

**Вазъияти 2**. Яке аз ронандагони автобус барои бо Шумо рақобат кардан камар баст. Ӯ як автобуси кӯҳнаро харида, дар самти ниҳоят серҳаракат ба хизматрасонӣ шурӯъ намуд. Шумо ба ин саъю кӯшиши ронанда чӣ гуна ҷавоб медиҳед?

**Вазъияти 3.** Ба унвони шумо бисёр хатҳои шикоятӣ омада расиданд. Дар онҳо оиди дер омадани автобусҳо, паст будани сифати адои хизмат ва он як қатор нокулайиҳоро оварда, ронандагони кироя бо мизоҷон хушмуомила набуданашон хабар дода шудааст. Шумо ҷавобан ба хатҳои шикоятӣ чӣ гуна чораҳоро меандешидед?

---

Ба ҷумлаи бозори рақобати соф бозори деҳқонии фурӯшандаи маҳсулоти кишоварзӣ, дӯконҳои савдои чаканаи фурӯшандаи молҳои рӯзмарраро дохил

кардан мумкин аст, ки хелҳои муайяни мол аз ҷониби фурӯшандагони бисёр фурӯхта мешавад. Дар онҳо нарх озод буда, ягон фурӯшанда аз болои нарх назорат бурда наметавонад, ба онҳо воридшавӣ монеа нест, фурӯшанда ихтиёран фаъолияти худро оғоз намуданаш мумкин аст.

**Бозори рақобати озод** – бозорест, ки дар он нархҳо озод буда, навъи муайяни мол аз ҷониби фурӯшандагони сершумор фурӯхта мешавад ва фурӯшандагони дигар низ бемалол дохили он шуда метавонанд.

Одатан шумораи ночизи бозорҳо ба ин хусусиятҳои бозори рақобати соф соҳиб мешаванд.

**Монополия** – бозорест, ки дар он навъи муайяни мол аз ҷониби истеҳсолгари ягона ё фурӯшандаи якка фурӯхта шуда, ба он ворид гардидани фурӯшандагони дигар басо мушкил мебошад.

Бозорҳо аз рӯи дараҷаи инҳисориашон бо тартиби зерин ҷойгир мешаванд:

Бозори рақобати соф → Бозори рақобати монополӣ → Бозори олигополия → Бозори монополияи соф

*Бозори рақобати монополистӣ* бозорҳои ба якдигар монанд, маҳсулоти якхела аз тарафи фурӯшандагони бисёре фурӯхта, дигар фурӯшандагон озод ворид мешаванд ва ба нархи мол фурӯшандагон назорати муайян карданашон мумкин аст. Ба он бозори мухталифи хизматрасонии маишӣ, шабакаҳои хӯроки умумӣ, бозори пойафзор дохил мешавад.

*Бозори олигополия* – аслан бозори монополии якчанд фирмаҳои бузург аст. Нархҳои ин ҷо аз тарафи чанд фирма назорат гардида, ба воридшавии дигарон монеаи муайян гузошта мешавад. Бозорҳои адои хизмат ба телефонҳои мобилӣ, нӯшокиҳои ташнагишикан, яхмос ба олигополия мисол шуда метавонанд.

Дар *бозорҳои монополии озод* назорати пурраро аз болои нарх монополист – фурӯшанда таъмин менамояд. Азбаски харидорон имкони интихоб кардан надоранд, маҷбур мешаванд, ки молро бо нархи муайянкардаи монополист харид намоянд. Аз он ки монополист дар бозор ҳукмрони ягона аст, бинобар ин ӯ дар бораи сифати маҳсулот, дар истеҳсолот татбиқ ёфтани технологияҳои навтарин ва ривоҷёбии он умуман аҳамият зоҳир наменамояд. Хулоса, ба вуҷуд омадани бозори монополӣ на танҳо ба буҷаи харидорони истеъмолгар зараровар аст, балки ба рушди тамоми иқтисодиёт ҳам монеа мегардад.

http://eduportal.uz

**Бозори рақобати монополистӣ** – бозоре, ки маҳсулоти якхела аз тарафи фурӯшандагони бисёре фурӯхта, дигар фурӯшандагони озод ворид мешаванд ва аз ҷониби онҳо ба нархи мол назорати муайян ташкил кардан мумкин аст.

**Бозори олигополияро** – аслан бозори монополии якчанд фирмаҳои бузург меноманд.

Баъзе соҳа ва шабакаҳои истеҳсолот, ки аҳамияти давлатӣ доранд, бо мақсаду мароми муайян ба тариқи махсус монополия кунонида мешаванд. Чунин корхона ва соҳаҳои монополиро *монополияҳои табиӣ* мегӯянд. Роҳҳои оҳан, роҳҳои ҳаракати нақлиёти автомобилию ҳавоӣ, алоқаи телефону телеграф, шабакаҳои ҷараёни барқ, таъминоти газ ва об барин як қатор корхонаҳо мисоли монополияҳои табиӣ мебошанд. Фаъолияти монополияҳои табииро давлат ба тартиб меоварад. Барои монополияҳои табиӣ дараҷаи аз ҳама баландтари нархҳо аз ҷониби давлат муқаррар карда мешавад ва он ба худсарона баланд намудани нархҳову кам шудани хизматҳо роҳ намедиҳад.

**ОЁ МЕДОНЕД!**

Бинобар натиҷаҳои соли 2018 дар Ӯзбекистон мавҷудияти 140-то монополияи табиӣ расман эълон карда шуд. Ин нисбат ба соли 2017 8-то кам шудани ин гуна монополияҳоро нишон медиҳад.

Ҳолати табиии монополия – ҳамин гуна ҳолати бидуни рақобати шабака ё соҳаи муайян аст, ки дар он талаби истеъмолгарон нисбат ба мавҷудияти рақобат беҳтар қонеъ карда мешавад.

Лекин дар натиҷаи ислоҳоти ҳозира баъзе ширкатҳои калон, аз ҷумла, корхонаҳои мақоми монополияи табиӣ дошта ҳам ихчам карда мешаванд ва қисман хусусӣ гардонда мешаванд. Масалан, мувофиқ ба фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон ба якчанд ширкат тақсим кардани авиаширкати “Ӯзбекистон ҳаво йӯллари” қарор карда шуд.

**Монополияи табиӣ** – баъзе соҳа ва шабакаҳои истеҳсолот, ки аҳамияти давлатӣ доранд, бо мақсаду мароми муайян ба тариқи махсус монополия кунонида мешавад.

Дар Ӯзбекистон Кумитаи давлатӣ оид ба хусусигардонӣ, аз монополия баровардан ва ривоҷи рақобат ташкил карда шудааст. Вазифаи он аз таҳияи тадбирҳо оиди барҳам додани равандҳои инҳисоротие, ки дар иқтисодиёт ҷой доранд, таҳлил кардани ҳолату вазъи бозорҳо ва рақобати байни онҳо иборат мебошад. Муҳайё кардани шарту шароити мусо-



http://eduportal.uz

ид барои рақобат ва мубориза ба муқобили монополияҳо ҷиҳати муҳими ислоҳоти бозаргонӣ дар республика ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар республика чандин фармонҳои Президенту қарорҳои ҳукумат эълон шудаанд ва қонунҳо қабул гардидаанд, ки мақсаду мароми онҳо ба ривоҷ додани рақобат нигаронида шудааст. Дар асоси Қонун «Дар бораи маҳдуд гардонидани фаъолияти монополистӣ» фаъолияти фурӯшандагон (фирмаҳо) дар соҳаи: қасдан ба вуҷуд овардани норасоии мол; аз болои нархҳо назорати худро ҷорӣ кардан; ба бозор ворид гардидани фирмаҳои рақобатгари дигарро монеа шудан манъ карда шудааст.

Ғайр аз ин дар қонун нисбати вайронкунандагони он ҷазоҳои иқтисодӣ, ба монанди сарпур кардани зарарҳое, ки ба рақиб расонида шудааст, супоридани ҷарима, маҳрумкунӣ аз фоидае, ки ба тариқи ғиромӣ ба даст оварда шудааст, пешбинӣ гардидааанд.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Бозори рақобати инҳисоротӣ аз бозори рақобати озод бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад? **2.** Фарқи монополияи озод аз олигополия аз чӣ ибо-рат аст? **3.** Барои чӣ дар бозор инҳисорот ба вуҷуд меояд? **4.** Зарарҳои иқтисодии инҳисорот аз чӣ иборат аст? **5.** Қонунгузории зидди инҳисорот бо кадом мақсад ба миён меояд? **6.** Ба монополияҳои табиӣ мисолҳо оред. **7.** Қонунҳои инҳисоротӣ барои ба иқтисодиёти бозаргонӣ гузаштани республика чӣ аҳамият дорад? **8.** Оё дар иқтисодиёт мавқеъ доштани монополияҳо ҳама вақт ба оқибатҳои номақбулу ногувор оварда мерасонад? **9.** Ба фикри Шумо дар кадом соҳаҳо бояд монополияи давлат нигоҳ дошта шавад? **10.** Дар шаҳр танҳо ду фирма яхмос мефурӯшад. Якеи он нархро ду баробар зиёд кард. Ба он ҷавобан фирмаи дигар чӣ гуна чора мебинад? Дар ин бора чӣ андеша дорад? **11.** Дар кадоме аз соҳаҳои зерин метавонад монополия, олигополия, рақобати монополистӣ ва рақобати соф мавҷуд бошад: а) самолётсозӣ; б) истеҳсоли оби маъданӣ; в) истеҳсоли пойафзор; г) автомобилсозӣ; д) истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ; е) чопи китобҳои дарсӣ; ё) фурӯши нон.

**Дар хотир доред!**

• Дар бозори рақобаташ соф фурӯшандагон бисёранд ва барои ба бозор ворид шудани фурӯшандаи нав ягон монеа намешавад.

• Дар шароити монополия дар бозор миқдори фурӯшандагон кам аст, барои ба бозор ворид шудани фурӯшандаи нав монеаи сунъӣ мавҷуд аст.

• Мувофиқи дараҷаи монополиявӣ бозорҳо ба хелҳои бозори рақобати соф, бозори рақобати монополистӣ, бозори олигополистӣ, бозори соф монополистӣ тақсим мегарданд.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 26 ИҚТИСОДИЁТИ БОЗАРГОНӢ




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Кӯшиш кунед, ки аз нақшаи болоӣ истифода бурда, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:
а) дар иқтисодиёти бозор мулкдории хусусӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ чӣ гуна аст? б) дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба манфиати иқтисодӣ, гирифтани фоида кӯшишу иштиёқи иштирокдорони бозор чӣ қадар муҳим ба ҳисоб меравад? в) мавқеи рақобат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ чӣ гуна аст? г) чаро иқтисоди бозаргонӣ монополияро рад мекунад?

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба саволҳои «Чӣ бояд истеҳсол кард?», «Чӣ гуна бояд истеҳсол кард?», «Барои кӣ бояд истеҳсол кард?» асосан бозор ҷавоб медиҳад. Аз ҳамин сабаб ин низомро *иқтисодиёти бозаргонӣ* номидаанд.

Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти бозаргонӣ чунинанд: 1. Фаъолияти иқтисодии озод. 2. Амволдории хусусӣ. 3. Нархҳои озод. 4. Саъю кӯшиши манфиати иқтисодӣ ва фоида дидан. 5. Рад намудани монополия. 6. Рақобат.

Яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти бозаргонӣ — *амволдории хусусӣ ва фаъолияти иқтисодии озоди* ба он асосгардида мебошад. Дар шароити иқтисо-

http://eduportal.uz

ди бозаргонӣ чунин шаклҳои моликият: моликияти хусусӣ, ҷамоавӣ (гурӯҳӣ) ва давлатӣ мавҷуд мебошанд. Қисми зиёди воситаҳои истеҳсолот дар дасти шахсони хусусӣ мебошанд, ки онҳо фаъолияти иқтисодиашонро ба тариқи мустақилона ва озодона амалӣ мекунанд. Дар ин сохтор тамоми гиреҳкушоиҳои иқтисодӣ новобаста ба иштирокчиёни он, танҳо дар асоси муносибатҳо ва қонунҳои бозор ба амал бароварда мешаванд. *Нарх озод* мебошад ва тавассути муносибати байниҳамдигарии талабу пешниҳоди ба мол дошта ташаккул меёбад. Ба гирифтани манфиати иқтисодӣ ва ба даст овардани фоида шавқу ҳавас ва майл доштани иштирокчиёни бозор низ яке аз хусусиятҳои иқтисоди бозаргонӣ ба шумор меравад. *Шавқу завқ ва майли ба бисёртар гирифтани фоида* доштаи ҳар як шахс фаъолияти иқтисодӣ ва тадбиркории ӯро рағбатнок месозад ва ба навигарию навоварӣ

**Иқтисодиёти бозаргонӣ** – низоми иқтисодии асосаш амволи хусусӣ, тамоми масъалаҳои иқтисодӣ бо кӯмаки механизмҳои бозор аниқ мегардад.

даъват менамояд. Ин бошад, дар ниҳоӣ рақобати байни истеҳсолгарону истеъмолгаронро ба вуҷуд меорад. *Рақобат* — хусусияти аз ҳама муҳимтарини иқтисодиёти бозаргонӣ аст. Иқтисодиёти бозаргонӣ *монополияро ана ба ҳамин нигоҳ накарда рад менамояд.* Чунки дар он ҷое, ки ин хел монополия ҳаст, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рақобат воқеъ шуда наметавонад.

Муносибатҳои бозор дар асоси хусусиятҳое, ки дар боло нишон дода шудааст, ташаккул меёбанд, барои амал кардани иқтисоди бозаргонӣ шарту шароит ба вуҷуд меояд ва иқтисодиёт идора карда мешавад.

Дар асри XX дар ҷаҳон як қатор мамлакатҳои ба иқтисодиёти мутамаркази нақшагӣ асосёфта ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷа байни ду сохт (сохтори)-и дар назария ва амалия мавқеъ дошта, рақобат, мусобиқакунии байниҳамдигарӣ ба вуҷуд омад. Иқтисоди бозаргонӣ ҷавобан ба тағйиротҳое, ки дар ҳаёти ҷамъият ба вуҷуд омадаанд, хусусиятҳои мусбиро зуд дар худ таҷассум намуда, худро зуд ба ин тағйиротҳо мувофиқ кунонид ва бо ин ба ривоҷу равнақи тараққиёти иқтисодӣ пойдевор гардид. Иқтисодиёти нақшавӣ бошад, ба туфайли лавандии худ ва ба тағйиротҳо ба зудӣ мувофиқ шуда натавонистанаш ба тараққиёти ҷамъият монеа гардида, онро гулӯгир кардан гирифт. Имрӯз масъалаи ба иқтисодиёти бозаргонӣ гузаштан барои бисёр мамлакатҳо ҳам зарурати иқтисодӣ ва ҳам таърихӣ мебошад.

Иқтисодиёти бозаргонӣ низ аз камбудиҳо холӣ нест, ки таърих гувоҳи он мебошад. Вақте ки дахолати давлат ба иқтисодиёт аз ҷониби иқтисоди-

ёти бозаргонӣ инкор гардид, шароити ба хеле бой ва хеле камбағал тақсим шудани ҷамъият, аз ҷониби шахсони алоҳида бисёртар ҷамъ оварда шудани молу мулк, ташкилёбии корхонаҳои бузурги монополистӣ ва ғайра ба вуҷуд омад. Бар зидди инфлятсия ва бекорӣ мубориза самаранок бурда натавонистани он назаррас гардид. Ҳамин тавр, камбудиҳои номбаршудаи иқтисоди бозаргонӣ боиси ба вуҷуд омадани эҳтиёҷ ба қувваи барҳамзанандаи онҳо, сатҳу дараҷаи истифодаи он ва фаъолияти танзимкунандагию батартибоварии иқтисодиёт гардид. Барои дар ҷамъият татбиқ кардани қонуну қоидаҳои иқтисодӣ муҳайё намудани шароити зарурӣ, назорат кардани иҷрои онҳо, ба тартиб оварда истодани иқтисодиёт ва ҳифз кардани услуби фаъолияти бозор барин вазифаҳо ба зиммаи давлат вогузор карда шуданд. Давлат дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ ба яке аз иштирокчиёни асосии бозор табдил ёфт. Ба иқтисодиёти омехта, ки дар асл давоми мантиқии иқтисодиёти бозаргонӣ ба ҳисоб меравад, роҳ боз гардид.

Иқтисодиёти омехта бо қисми камтаъмини аъзои ҷамъиятро ба ҳимояи иҷтимоӣ, ба таъмини фаровонии аҳолӣ равона кардан ҷудо шуда меистад. Дар мамлакати мо ҷараёни гузариш ба иқтисодиёти бозори амалишаванда гуфта, мо гузариш ба иқтисодиёти бозор, ки дорои чунин сифатҳо буда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ равона карда шудааст, яъне гузариш ба иқтисодиёти омехтаро мефаҳмем.



**Ҷон Мейнард Кейнс (1883—1946)**

Олими амалиётчии машҳури англис. Ӯ ба илми иқтисодиёт тағйиротҳои моҳиятан куллӣ дохил намуда, нақши давлатро дар барқароркунии иқтисодиёт асоснок кардааст. Кейнс вақте ки тангии иқтисодиёт рӯй медиҳад бидуни дахолати давлат ислоҳ кардани вазъият душвор буданашро асоснок карда додааст. Ӯ дар китоби худ «Бо шуғл фарогирӣ, назарияи умумии фоизҳо ва пулҳо» зикр намудааст: вақте ки ба мувозинати талаб ва таклиф муваффақ гарданд ҳам, бекорӣ ҳукм меронад ва барои кам кардани миқдори бекорон ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кор мебояд аз тарафи давлат талаб пурзӯр гардад ва дар ин бобат андешидани чораву тадбирҳо зарур аст. Фикри мазкур ба ақидаи Адам Смит: «Бозор ба воситаи, бе дахолати давлат ҳам ба воситаи талаб ва таклифи «дасти ноаён» фаъолияти барқарор пеш бурда метавонад» аз бисёр ҷиҳат зид мебошад. Ҳоли ҳозир ҳам ғояи мазкури Кейнс хеле муҳим будани худро аз даст надодааст. Аз ин рӯ, Кейнсро назариётчии ба сӯи иқтисодиёти асри XX роҳкушо ном мебаранд.

**Машқ**

Фарз мекунем, ки Шумо сарвари фабрикаи мебел мебошед. Шумо дар шароити:

Иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ; иқтисоди бозаргонӣ; иқтисодиёти омехта чӣ гуна роҳро пеш мегирифтед? Дар кадом шароит пеш бурдани фаъолият осонтар мешуд? Дар кадом шароит шавқу завқатон баландтар мегардид? Ҷавобҳоятонро асоснок кунед.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Бо саволҳои «Чиро? Чӣ гуна? Барои кӣ?» ба кадом тарз ҷавоб додани сохтори иқтисодиёти бозаргониро фаҳмонед. Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти бозаргониро номбар кунед.
2. Фаъолияти иқтисодии озод чӣ маъно дорад?
3. Амволдории хусусӣ дар иқтисодиёти бозаргонӣ чӣ мавқеъ дорад?
4. Аз кадом сабаб инҳисорот ба иқтисодиёти бозаргонӣ зид аст?
5. Сабаби иқтисодиёти бозаргониро интихоб кардани аксари аҳолии дунё дар чист?
6. Иқтисодиёти бозаргонии давлатҳои мутараққии ҳозира чӣ ном дорад?
7. Оё иқтисодиёти бозаргонии соф вуҷуд дошта метавонад? Чаро?
8. Ба фикри Шумо дар шароити иқтисодиёти омехта мавқеи давлат чӣ гуна бояд бошад? Ҷавобатонро асоснок намоед.
9. Муаммоҳоеро номбар кунед, ки иқтисодиёти бозаргонии соф онро ҳаллу фасл карда наметавонад. Чӣ гуна роҳҳои ҳаллу фасли ин муаммоҳо ҳастанд?
10. Ҷиҳатҳои бартарӣ ва камбудии иқтисодиёти бозаргонӣ ва иқтисодиёти омехтаро бо ҳам қиёс намоед.

**Дар хотир доред!**

• Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба се саволи муҳим: «Чиро? Чӣ гуна? Барои кӣ?»-и иқтисодиёт асосан бозор ҷавоб медиҳад.

• Хусусиятҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ: а) фаъолияти иқтисодии озод; б) амволдории хусусӣ; в) нархҳои озод; г) саъю кӯшиши манфиатдори иқтисодӣ гардидан ва фоидагирӣ; д) рад намудани инҳисорот; е) рақобат.

• Иқтисодиёти омехта — ин услуб ва ташкили сохтори хоҷагидориест, ки тамоми ҷиҳатҳои мусбии сохторҳои иқтисодиро дар худ таҷассум намудааст. Онро иқтисодиёти бозаргонии ба иҷтимоӣ равонашуда ҳам меноманд.

# МАВЗӮИ 27

# ӮЗБЕКИСТОН ҶОНИБИ ИҚТИСОДИ БОЗАРГОНӢ

**Стратегияи ҳаракат бинобар 5 самти устувори рушди Ӯзбекистон дар солҳои 2017–2021**

I. Самтҳои устувори такмил додани низоми сохтани давлат ва ҷамъият

II. Самтҳои устувори таъмини устувории қонун ва минбаъд ислоҳ кардани низоми суду ҳуқуқ

III. Самтҳои устувори ривоҷдиҳӣ ва либераликунонии иқтисодиёт



IV. Самтҳои устувори рушди соҳаи иҷтимоӣ

V. Таъмин кардани бехатарӣ, дӯстии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии динӣ, ҳамчунин, самтҳои устувор дар соҳаи сиёсати хориҷии амиқ андешидашуда, байни ҳамдигар манфиатовар ва амалӣ.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Матни ҳар як самти устувори Стратегияи ҳаракатро омӯзед. Дар асоси омӯхтаҳоятон:

1. Дар шароити глобалӣ дар миқёси байналхалқӣ пурзӯршавии рақобат, мураккабшавии муносибатҳои иқтисодиро дар бозори ҷаҳонӣ ба инобат гирифта, дар бораи зарурати қабулшавии Стратегияи ҳаракат фикри худро гӯед.
2. Бинобар самти устувори III – ривоҷдиҳӣ ва либераликунонии иқтисодиёт оиди аҳамият ва зарурати корҳои амалишаванда фикри худро баён кунед.
3. Барои амалӣ кардани самти устувори IV нахуст муҳимияти амалӣ кардани самти устувори III-ро асоснок кунед. Дар ин ҳолат ривоҷ додани соҳаи иҷтимоӣ доимо маблағи калон талаб мекунад, ки аз эътибор соқит насозед.
4. Кӯшиш кунед, ки барои муваффақиятнок амалӣ кардани самтҳои устувори I, II, V-и Стратегияи ҳаракат низ аҳамиятнок будани комёбии самти устувори III-ро асоснок карда диҳед.

http://eduportal.uz

Соли 1991 республикаи мо истиқлолияти худро эълон карда, аз истибдоди собиқ шӯравӣ халос шуд. Акнун дар назди халқи мо вазифаҳои масъулиятноке мисли мустаҳкам кардани пойдевори истиқлолият, бунёд кардани ҷамъияти шаҳрвандии озод меистод. Роҳи ягонаи иҷрои вазифаи мазкур ин гузаштан ба иқтисодиёти бозор буд. Ҳангоми гузаштан ба иқтисодиёти бозор панҷ тамоили гузаштан ба иқтисодиёти бозор, ки хусусиятҳои миллӣ ва махсуси Ӯзбекистонро дар худ инъикос намудааст, асос карда гирифта шуд.

Дар зер ҳамин тамоилҳоро меорем:

1. Аз сиёсат боло будани иқтисодиёт.
2. Давлат – ислоҳотгари асосӣ.
3. Устувории қонун ва риоя ба онҳо.
4. Пеш бурдани сиёсати фаъоли иҷтимоӣ.
5. Зина ба зина ба иқтисодиёти бозор гузаштан.

Бо дарназардошти тамоилҳои мазкур дар республикаи мо дар даври гузашта бисёр тағйиротҳои ҷиддӣ амалӣ шуданд. Дар республикаи мо асосҳои иқтисодиёти миллии ба муносибатҳои бозор асоснокшуда офарида шуд. Мулкдорӣ, хоҷагии қишлоқ, молия ва кредит, алоқаҳои иқтисоди хориҷӣ ва ислоҳоти амалишудаи соҳаи иҷтимоиро ба ин мисол овардан мумкин аст.

**Дар соҳаи ислоҳкунии мулкдорӣ** мулкҳои баъзе давлатҳо хусусӣ гардонда шуда, ба мулки ҷамоавӣ ё хусусӣ табдил дода шуд.

**Ислоҳоти хоҷагии қишлоқ** бо истифодаи ройгони одамон аз замин, васеъ карда шудани майдонҳои замин барои қитъаҳои замини шахсӣ, барпо шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ амалӣ шуд.

**Ислоҳоти соҳаи молия ва кредит** тавассути валютаи худро ба муомила даровардани республикаи мо, кушода шудани як қатор бонкҳои тиҷоратӣ, ташкил гардидани бозори коғази қимат амалӣ шуд.

**Ислоҳоти алоқаҳои иқтисоди хориҷӣ** барои як андоза озодкунии робитаҳои иқтисоди хориҷии республикаи мо нигаронда шуд.

**Ислоҳоти соҳаи иҷтимоӣ ба ҳимоя** кардани аҳолӣ аз ҳолатҳои нохуши гуногуне, ки дар давраи гузариш ба вуҷуд меояд, нигаронда шуд.

Ду соли охир барои иқтисодиёти Ӯзбекистон даври саршавии ислоҳоти куллӣ гардид. Корбарии имкониятҳои бузурге, ки дар иқтисодиёти мамлакати мо мавҷуд буда, аммо истифода бурда намешуданд, ба сифати вазифаи муҳим гузошта шуд. Барои ин хато ва камбудиҳои дар солҳои гузашта содиршуда эътироф гардид ва барои амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ бошиддат ворид шуданд. Дар натиҷаи ин ислоҳот дар даври кӯтоҳ дар иқтисодиёти мамлакати мо дигаргуниҳои зерин ба вуҷуд омаданд:



http://eduportal.uz

– нишондодҳои иқтисодии мамлакат ҳаққонӣ карда шуд. Яъне, аз 8% зиёд нишон додани афзоиши иқтисодии солона ғайривоқеӣ, аз ҳақиқат дур эътироф карда ва нишондодҳои воқеии иқтисодӣ оварда шуд. Шаффофияти ин нишондодҳо таъмин гардид;

– аз низоми глобалӣ, ки даври пеш ба Ӯзбекистон хос буд, ҷудо шуда, аз сиёсати иқтисодии ба яккашавӣ нигарондашуда даст кашиданд ва бинобар ба низоми иқтисодии глобалии ҷаҳон интегратсия кардани иқтисодиёти мо ҳаракатҳои бошиддат шурӯъ карда шуданд;

– бинобар ақаллияткунонии дахолати давлат ба иқтисодиёт чорабиниҳо шурӯъ шуданд;

– бинобар либералисозии бозори валюта корҳои низомнок дар амал иҷро шуданд. Дар натиҷа дар муддати кӯтоҳ конвертатсия кардани озоди валюта ба роҳ монда шуд;

– бинобар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва бартараф кардани монеаҳои ба фаъолияти соҳибкорон мавҷуда чораҳои низомнок муайян карда шуданд;

– пардохтҳои гумрук ба дараҷаи эҳсосшаванда кам карда шуданд;

– монеаҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ барканор карда шуданд;

– бинобар беҳтар кардани робитаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, мамлакатҳои ҳамсоя чораҳои ҷиддӣ дида шуданд;

– ислоҳоти куллии андоз шурӯъ гардид;

– фарқи байни қимати пули нақд ва ғайринақд дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи муомилаи пул нест карда шуд.

Ҳамчунин, ба ислоҳоти соҳаи бонк, соҳаи маъмурӣ, соҳаи беҳбудсозии муҳити рақобат, мақоми супоришҳои давлатӣ дар бозор ҳам такон дода шуд.

Бо мақсади бо равиши низомнок амалӣ кардани ислоҳоти дар боло номбаршуда ва боз як қатор самтҳои дигар Стратегияи ҳаракат бинобар панҷ самти устувори рушди Ӯзбекистон дар солҳои 2017–2021 бо ташаббуси Президенти Республикаи Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пеш бурда шуд.

Ба сифати асоси панҷ самти устувори шомили стратегияи ҳаракат самти устувори 3-юм – самтҳои устувори ривоҷдиҳӣ ва либералисозии иқтисодиётро эътироф кардан мумкин. Зеро агар асоси мустаҳками иқтисодӣ, пойдевор мавҷуд бошад, чор самти устувори дигарро бомуваффақият амалӣ кардан мумкин аст.

Дар байни амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби давлати мо ба вазифаҳои зерин эътибори алоҳида дода мешавад:

– якбора зиёд кардани миқдори сармояҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт. Хусусан, саромяҳои хориҷиро васеъ ҷалб кардан;

– куллан ислоҳ кардани низоми идоракунии ширкатҳои давлатӣ;

– бинобар хусусигардонии мулки давлат фаъолияти ба муносибати нав асоснокшударо ба роҳ мондан;

– ислоҳ кардани бозори коғазҳои қимат;

– минбаъд ҷоннок сохтани ислоҳоти соҳаи аграрӣ;

– давом додани ислоҳоти соҳаҳои бонк-кредит, андоз, гумрук;

– рушд додани соҳаи иқтисодиёти рақамӣ;

– пурзӯр кардани нақши инноватсияҳои иқтисодиёт, технологияҳои замонавӣ.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Самтҳои Стратегияи ҳаракатро ҳисоб кунед.
2. Самтҳои қисми саввуми Стратегияи ҳаракат бо самтҳои қисмҳои чортои боқимонда чӣ гуна вобастагӣ доранд?
3. Зарурати Стратегияи ҳаракат дар чист?
4. Дар бораи аҳамияти Стратегияи ҳаракат чӣ гуфта метавонед?
5. Дар байни амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби давлати мо ба чӣ гуна вазифаҳо аҳамияти калон дода шуда истодааст?
6. Дар бобати барои тинҷии оилавӣ, фаровонӣ ва бахту саодати шумо чӣ гуна аҳамият доштани муваффақиятнок амалишавии Стратегияи ҳаракат фикри худро гӯед.

## ДАР ХОТИР ДОРЕД!

- Стратегияи ҳаракат ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти мамлакати моро фаро мегирад.
- Стратегияи ҳаракат ба 5 қисм (самт) тақсим карда шудааст.
- Қисм (самт)-и саввуми он барои рушддиҳӣ ва либераликунонии соҳа бахшида шудааст.
- Рушди соҳаи иқтисодиёт барои рушди ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти мамлакати мо ба сифати пойдевор хизмат мекунад.

## Супориш

Дар мавзӯи “Стратегияи ҳаракат дар ҳаёти мо” реферат омода кунед. Дар давоми тайёркунии реферат стратегияи ҳаракатро бо диққат хонда бароед. Ба ҳаёт, зиндагӣ, фаъолияти меҳнатии мо, наздиконамон ва атрофиён чӣ гуна ва то кадом дараҷа имконияти таъсир расондани ҳар як самти онро баён кунед.



http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ V

## А. САВОЛҲО

1. Барои чӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ иқтисодиёти берақобат тараққӣ намекунад?
2. Аз рақобати байни истеҳсолгарон (фурӯшандагон) истеъмолгарон чӣ гуна нафъ мебинанд? Мисолҳо оваред.
3. Монополия (инҳисорот) чӣ гуна зарари иқтисодӣ дорад?
4. Дар иқтисодиёт мавҷуд будани монополия оё мудом оқибатҳои манфӣ меоварад?
5. Чаро Ўзбекистон роҳи гузаришро ба иқтисодиёти бозаргонӣ интихоб намуд?
6. Нисбат ба сиёсат бартарӣ доштани иқтисодиёт имрӯзҳо дар чӣ намоён мешавад?
7. Нақши давлат дар гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ дар чӣ намудор мегардад?
8. Моҳияти сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ, ки ҳоло дар мамлакат амалӣ мешавад, аз чӣ иборат аст?
9. Дар муддати кӯтоҳи сипаришуда дар республика доир ба гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ чӣ гуна корҳо ба анҷом расиданд?
10. Имрӯз ба ҷомеа кадом ҷиҳатҳои манфии иқтисодиёти бозаргонӣ маълум мегардад? Фикратонро дар мисоли мамлакатамон фаҳмонед.

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Иқтисодиёти бозаргонӣ.
2. Рақобат.
3. Рақобат бе нарх.
4. Рақобати ба нарх вобаста.
5. Иқтисодиёти омехта.
6. Инҳисорот.
7. Олигополия.
8. Бозори рақобати соф.
9. Сохти иқтисодӣ.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) самти замонавии иқтисодӣ, ки ҷиҳатҳои мақбули иқтисоди бозаргонӣ ва иқтисодиёти мутамаркази нақшавиро таҷассум кардааст;
б) самти иқтисодӣ, ки тарзи ҳалли муаммоҳои иқтисодии ба моликияти хусусӣ асосёфтаро бо механизми бозор муайян менамояд;
в) услуб ва ташкили сохти хоҷагидорӣ дар миқёси мамлакат (ҷомеа);



http://eduportal.uz

г) бозоре, ки дар он навъи молро истеҳсолгар ё фурӯшандаи якка фурӯхта ворид гардидани дигарон кори мушкил аст;
д) бозоре, ки дар он нархҳо озод буда, навъи муайяни мол аз ҷониби фурӯшандагони сершумор фурӯхта мешавад ва фурӯшандагони дигар бемалол вориди он шуда метавонанд;
е) ба рақобатчиён на ба воситаи тағйири нархи мол, балки дар асоси хуб намудани сифат, пурзӯрсозии реклама барин омилҳо таъсир расонидан;
ё) бозори иборат аз монополияи якчанд корхона ва фирмаҳои бузург;
ж) таъсир ба рақобатгарон ба воситаи кам ё зиёд кардани нархи мол;
з) мубориза дар натиҷаи бо ҳам бархӯрии манфиатҳои тарафҳое, ки дар иқтисодиёт фаъолият мебаранд, ба вуҷуд меояд.

## В. ТЕСТҲО

**1. Нодурусташро ёбед.**
**Дар бозори рақобати соф ...**
А. Фурӯшанда нархро мувофиқи табъи худ тағйир дода наметавонад;
Б. Рақобати байни фурӯшандагон;
В. Фурӯшанда нархи молро мувофиқи табъаш тағйир дода наметавонад;
Г. Зиёдшавии босуръати шумораи фурӯшандагон ба пастравии нархи мол оварда мерасонад.

**2. Дар бозори олигополистӣ:**
А. Фурӯшанда ягона мебошад;
Б. Молҳо ҳар хел мешаванд;
В. Нархро асосан фирмаҳои калон ва пурқувват муайян месозанд;
Г. Рақобат намешавад.

**3. Дар бозори монополистӣ:**
А. Молҳои якхела фурӯхта мешаванд;
Б. Шумораи фурӯшандагони монополист бисёранд ва онҳо байни худ рақобат менамоянд;
В. Фурӯшанда ягона мебошад;
Г. Харидор танҳо аз як нафар иборат аст.

**4. Дар натиҷаи рақобати фурӯшандагон ...**
А. Нархи мол боло меравад; Б. Хелҳои мол афзун мегардад;
В. Нархи мол паст мешавад; Г. Сифати мол паст шуда меравад.



http://eduportal.uz

**5. Рақобат ҳангоми аз миқдори пешниҳоди мол зиёд будани миқдори талаб танҳо байни:**

А. Харидорон;
Б. Фурӯшандагон;
В. Фурӯшандагону харидорон;
Г. Истеҳсолчиёну харидорон.

**6. Дар натиҷаи рақобат молҳоро:**

А. Сифаташ бад, навъаш бисёр мешавад;
Б. Нархаш тағйир намеёбад, навъаш зиёд шуданаш мумкин аст;
В. Навъаш мумкин зиёд шавад;
Г. Нархаш паст мефурояд, сифаташ беҳтар шуданаш мумкин.

**7. Нодурусташро ёбед:**

А. Монополияҳо низ рақобат мекунанд;
Б. Давлат ба монополияҳо таъсир карда наметавонад;
В. Монополияи давлатӣ низ вуҷуд дошта метавонад;
Г. Монополия метавонад дар натиҷаи маҳдудиятҳои гуногун ба вуҷуд ояд.

**8. Нодурусташро ёбед:**

А. Нарх дар натиҷаи рақобати фурӯшандаҳо паст мешавад;
Б. Дар соҳаи хизматрасонӣ рақобат намешавад;
В. Фурӯшандаю харидор рақобат карданаш мумкин аст;
Г. Нарх дар натиҷаи рақобати харидорон боло меравад.

**9. Номи бозорҳо дар кадом банд аз рӯи болоравии дараҷаи инҳисорашон ҷойгир шудаанд?**

А. Рақобати озод, олигополӣ, рақобати монополистӣ, монополӣ;
Б. Рақобати озод, монополӣ, олигополӣ, рақобати монополистӣ;
В. Фурӯшандаю харидор рақобат карданаш мумкин аст;
Г. Нарх дар натиҷаи рақобати харидорон боло меравад.

**10. Барои муҳити рақобат шудан чӣ гуна шароитҳо бояд мавҷуд бошанд?**

А. Фурӯшандаю харидорон сершумор бошанд;
Б. Ягон фирма ба нархи мол таъсирбахш набошад;
В. Барои ба бозор ворид шудан ҳеҷ гуна монеа вуҷуд надошта бошад;
Г. Ҳамаи шароитҳои дар боло номбаршуда.

**11. Кадоме аз хусусиятҳои зерин хоси иқтисоди бозаргонӣ нест?**

А. Тадбиркорӣ;
Б. Амволдории хусусӣ;
В. Ҷонибдории монополия
Г. Рақобат.

*Кам кардани бори андоз, такмил додани маъмуриятчигии андоз яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодиёт мебошад.*

*Шавкат Мирзиёев*

# Боби VI. Низоми андоз



# МАВЗӮИ 28 АНДОЗҲО ВА НАМУДҲОИ ОН




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Андозҳо – пардохтҳои маҷбурие, ки дар қонун нишон дода шуда, аз ҷониби давлат ситонида мешаванд. Кадом андозҳоро медонед, ки шаҳрвандони мамлакати мо ба сифати андозсупор ба давлат месупоранд?
2. Маҷбурӣ будани пардохти андозҳо дуруст аст ё нодуруст?
3. Падохтҳои андоз ба пардохткунандагон дар чӣ шакл баргашта меоянд?
4. Аз пардохти андозҳо дар навбати аввал кӣ манфиатдор аст?

*Андоз* – пардохти ба буҷаи давлат аз шаҳрвандон, фирма ва корхонаҳо ситондашаванда, пардохти маҷбурии дар қонун пешбинигардида аст. Андоз – манбаи асосии даромади буҷаи давлатӣ.

**Андоз** – пардохти ба буҷаи давлат аз шаҳрвандон, фирма ва корхонаҳо ситондашаванда, пардохти маҷбурии дар қонун пешбинигардида аст.

Мақсад аз дар мамлакат ҷорӣ кардани андозҳо:
– бо маблағ таъмин кардани истеҳсоли молҳои иҷтимоӣ ва хизмат;
– аз нав тақсим кардани даромади аҳолӣ;

http://eduportal.uz

– ҷонибдорӣ кардани баъзе соҳаҳои истеҳсолӣ аст.

Давлат як қатор вазифаҳои иҷтимоии дар назди ҷамъият истодаро ба зиммаи худ гирифта, барои ин ба миқдори зиёд маблағҳо зарур мегардад. Аз ин рӯ, давлат барои расондани хизматҳо аз шаҳрвандон, фирма ва корхонаҳо дар намуди андоз пардохтро меситонад.

Аз ин мебарояд, ки ҳар якеамон ба сифати шаҳрванди мамлакат барои расондани хизмати тиббӣ, таълим, мудофиа, нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ барин намуди хизматҳо ба давлат дар намуди андоз ҳақ медодаем.

Аз тарафи дигар, давлат аз фирма ва корхонаҳои дар соҳаи муайян фаъолият нишондодаистода миқдори андозсупориро кам мекунад, ба онҳо имтиёзи муайяни андозсупориро доданаш мумкин аст. Он бошад, боиси рағбатноксозии фаъолияти корхона, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мегардад. Аз ин мебарояд ки бо кӯмаки андоз давлат фаъолияти корхонаҳоро рағбатнок месозад.

Инчунин, давлат аз табақаҳои камбизоат камтар, аз тоифаи сарватманд бештар андоз ситонда, дар боби аз нав тақсим кардани даромадҳои аҳолӣ саҳмгузор мегардад.

Андозҳо ва ё пардохтҳои маҷбурӣ ба буҷаи давлатӣ ё ки ба бунёдҳои мақсадноки давлатӣ ворид мегарданд. Маблағи андоз барои амалӣ гардондани эҳтиёҷи таълим, нигаҳдории тандурустӣ, низоми ҳифзи қонуну қоида, мақомоти идораи давлатӣ, нафақаҳои пиронсолӣ ва дигар пардохтҳо харҷ мегарданд.

Дар мамлакати мо андоз ва пардохтҳои маҷбурии дигар дар асоси ҳуҷҷати ҳуқуқӣ бо номи Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон муайян карда мешавад. Муносибатҳои вобаста ба муайян кардан, ҷорӣ намудан ва ҳисобкунии андоз ва пардохтҳои дигари маҷбурӣ, ҳамчунин, пардохт ба хазинаи давлатӣ ва бунёдҳои мақсаднок дар асоси Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон амалӣ карда мешавад.

Кодекси андоз асоси ҳамаи ҳуҷҷатҳои қонун дар бораи андозситониро ташкил мекунад ва муносибатҳои андозро ба тартиб меандозад.

**Асосҳои ҳуқуқи иқтисодӣ**

Андоз ва пардохтҳои дигари маҷбурӣ бо кодекси мазкур муайян, дигаргун ё бекор карда мешавад.

*Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 2.*

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои расмии оид ба муносибатҳои андоз ба Кодекси андоз бояд зид набошанд. Дар Ӯзбекистон то имрӯз муайян кардани ставкаҳои андоз дар Кодекси андоз не, балки ба воситаи қарори Президенти Республикаи

Ӯзбекистон ҳар сол алоҳида муайян карда мешуд. Ба ғайр аз он, ба воситаи ҳуҷҷатҳои зерқонун рӯйихатҳое мисли намудҳои фаъолияти андозситонии соддашуда, молҳои ба аксиз кашидашаванда тасдиқ мегардид. Барои ҳамин ҳам таъкид кардан ҷоиз аст, ки ба ғайр аз Кодекси андоз ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ ҳам қисми таркибии муҳими қонунгузории андоз мебошад.

Қабул гардидани консепсияи такмил додани сиёсати андоз боиси дар мамлакати мо ба вуҷуд омадани тағйиротҳои калон дар низоми андоз гардид. Аз аввал соли 2019 дар қонунгузории андози Ӯзбекистон даҳҳо дигаргуниҳо эътибор пайдо карданд. Сабаби ин дигаргуниҳо ба зинаи нав – шиддатнок ривоҷёбии худ гузаштани мамлакати мо мебошад. Ба талабҳои нави замонавии даври ҳозира “Кодекси андоз”-и нав ҷавобгӯ аст.

Ба хелҳои андози аз корхонаҳо, шахсони ҳуқуқӣ гирифташаванда: андози даромад (фоида), андози аксиз, андози молу мулки корхона, андози замин, андози арзиши ҳамроҳшуда, андози истифодабарӣ аз захираҳои табиӣ ва ғайра медарояд.

Дар асоси қонунгузории андоз, ки дар мамлакати мо мавҷуд аст, ба намудҳои андозе, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва корхонаҳо пардохт карда мешаванд, инҳо шомиланд: андози фоида, андози даромад, андози аксиз, андози молу мулк, андози замин, андози қимати иловашуда, андозе, ки барои истифода аз захираҳои табиӣ пардохта мешавад ва ғайраҳо.

Ба ғайр аз андозҳо баъзе пардохтҳои маҷбурии ба андозҳо баробар низ мавҷуданд, ки пардохти онҳо низ маҷбурӣ аст. Ба онҳо инҳо шомиланд: пардохти иҷтимоӣ, бадалҳои суғуртаи шаҳрвандон берун аз буҷет ба хазинаҳо, ба ғайр аз буҷет маблағҳои ҷудошудаи маҷбурӣ ба хазинаҳои суғурта, боҷи давлат, пардохтҳои гумрук, пулҳои ҷамъкардашудаи гуногун ва ғайраҳо.

**Андози бевосита** – андози аз шаҳрвандон ва корхонаҳо ба хазинаи давлат бевосита ситондашаванда.

Андозҳо ба хелҳои бевоситаву бавосита тақсим мегарданд. Андози ба хазинаи давлат аз шаҳрвандон ва корхонаҳо бевосита ситондашаванда *андози бевосита* номида мешавад. Андози аз даромади (фоидаи) корхона ситондашаванда, андози замин, андози даромад ба ҷумлаи андози бевосита шомиланд.

Аз ҷониби шаҳрвандон бевосита ба давлат не, балки аввало моли муайянеро ба корхонаи фурӯшанда пардохта, баъд аз ҷониби корхона ба давлат гузарондани андоз *андози бавосита* номида мешавад. Ба ҷумлаи ин андоз андози арзиши ҳамроҳшуда, андози аксиз шомил аст.

http://eduportal.uz

**Андози бавосита** – андозест, ки аз ҷониби шаҳрвандон аввало барои моли муайян ба корхонаи фурӯшанда, баъд аз тарафи ин корхона ба давлат пардохта мешавад.

Давлат аз шаҳрвандони худ, яъне шахсони ҷисмонӣ андози даромад, андози амвол ва андози заминро меситонад. Ҳаминро зикр кардан лозим аст, ки баъзе андозҳо бевосита ба хазинаи давлат ворид мегарданд. Ин андозҳо *андозҳои давлатӣ* номида мешавад. Андози арзиши ҳамроҳшуда, андози аксиз, андози даромад (фоидаи) корхонаҳо, даромади шаҳрвандон ба ҷумлаи андози давлатӣ шомил аст. Хелҳои ба ихтиёри мақомоти идораи ҳокимияти маҳаллӣ, вилоят, ноҳия вогузоршуда *андозҳои маҳаллӣ* номида мешавад. Ба ҷумлаи он андози замин, андози амвол барин андозҳо ва як қатор пардохтҳои маҳаллӣ, ҳамчунин ба ғайр аз андоз баъзе пардохтҳои маҷбурӣ медароянд.

**Оё шумо медонед?**

Шахсони ҷисмонии мамлакатамон, ки аз ду ва аз он зиёд манбаи даромадро соҳибанд, ҳар сол то 1 апрел барои соли сипаришуда декларатсияи андозро пур карда, ба инспексияҳои андоз супурданашон шарт аст. Дар декларатсия тамоми даромад ва миқдори андози аз он супурдашударо нишон додан шарт аст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Мақсад аз ҷорӣ кардани андозҳо чист?
**2.** Бо кӯмаки андоз чӣ тавр даромади аҳолӣ аз нав тақсим мегардад?
**3.** Аз корхонаҳо чӣ гуна андоз ситонда мешавад? Аз шаҳрвандон-чӣ?
**4.** Фарқи андозҳои бевоситаву бавосита аз ҳамдигар дар чист?
**5.** Андозҳоро ба ҳаҷми пурра ва сари вақт супурдан оё шарт аст?
**6.** Барои ҳалол гардидани луқмааш ҳар як андозсупоранда саравval чӣ кор бояд кунад?
**7.** Давлат маблағҳои аз андоз ғуншударо ба кадом мақсадҳо менигаронад?

**ДАР ХОТИР ДОРЕД!**

• Давлат бидуни андоз, ки манбаи асосии буҷаи давлатист, вазифаҳои худро пурра ба иҷро расонда натавонисtанаш мумкин аст.
• Андоз аз тарафи давлат аз шаҳрванд, корхона ва фирмаҳо бо тарзи маҷбурӣ ситонда мешавад.
• Хелҳои бевоситаю бавоситаи андоз мавҷуданд.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 29 АСОСҲОИ АНДОЗСИТОНӢ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Аз расмҳо шахсоне, ки андоз пардохтанашон лозим аст, ҷудо карда нишон диҳед.
2. Ба фикри шумо барои кадоме аз чизҳои дар расмҳо буда соҳиби он бояд андоз супорад?
3. Ба фикри шумо одаме, ки андоз супориданаш ҳатмист, аз одаме, ки андоз супориданаш лозим нест, аз ҳамдигар бо чӣ бояд фарқ кунанд?
4. Шахсоне, ки пеш аз ҳама, аз андозҳои ҷамъшуда нафъ мебаранд, аз расмҳои боло нишон диҳед ва сабаби ин гуна фикр кардани худро фаҳмонед.

---

Тамоми қонунгузории андозситонӣ ба тамоюлҳои зерин асос менамоянд:

– *маҷбурӣ*, дар асосии ин тамоюл андоз барои тамоми шаҳрвандон маҷбурӣ ба ҳисоб меравад;

– мувофиқи тамоюли *дақиқӣ*, андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ кай, бо кадом миқдор ва бо кадом тартиб пардохтан ба тарзи фаҳмо бояд ифода гардад;

http://eduportal.uz

– дар тамоюли *адолатнок* андозситонӣ умумӣ буда, муайян кардани имтиёзҳо дар низоми андоз ба усулиятҳои адолати иҷтимоӣ мос омаданаш, ҳамчунин ба пастзанин шахс роҳ намегузорад;

– мувофиқи тамоюли *ошкороӣ*, ҳама гуна ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии ба тартиб андохтани масъалаи андозситонӣ ба таври расмӣ эълон гардиданаш шарт аст;

– мувофиқи усулияти *ягона*, низоми андоз дар тамоми ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон нисбати ҳамаи андозсупорандагон ягона ба ҳисоб меравад;

– мувофиқи *тамоюли ҳақ будани* андозсупорандагон ҳар як ноаниқии дар ҳуҷҷатҳои андоз ёфтгардида ба фоидаи андозсупоранда хизмат мекунад.

Дар муносибатҳои андоз ду ҷониб-андозсупоранда ва андозситонанда иштирок менамоянд. Андозситонанда субъекти муносибатҳои андоз ба ҳисоб рафта, ба он мақомоте медароянд, ки барояш аз тарафи давлат ваколати андозситонӣ дода шудааст. Хизмати андози давлатӣ, гумрукхона, ташкилотҳои молиявӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

Объекти андоз гуфта даромад, молу мулк ва ё моле гуфта мешавад, ки аз он андоз супурдан лозим мебошад.

Дар амал андозсупорӣ ба объекти андозсупоранда нигаронда мешавад. Соҳиби объекти андоз ин андозро бояд пардохт намояд. Миқдори умумии андоз ба ставкаи андозситонӣ вобаста мебошад. Объектҳои андозситонанда даромад, мулк ё ки молҳо бо воҳидҳои мухталифи ченкунӣ чен карда мешаванд. Масалан, даромад ва фоида бо воҳиди пул, майдони замин бо метри мураббаъ, мол бо дона чен мегардад.

**Субъектҳои андоз** – андозсупорандагон ва андозситонандагон.

**Объектҳои андоз** – даромад, амвол ё ки моле, ки аз он андоз супурдан лозим.

*Ставкаи андоз* гуфта меъёри аз тарафи давлат барои ҳар як объекти андозситонӣ муайянгардида мадди назар дошта мешавад.

Ставкаи андоз, қатъӣ бо воҳиди пулӣ, нисбӣ бо фоизҳо дода шуданаш мумкин. Масалан, солҳои пешин барои ҳар як литри бензини харид кардаашон соҳибони автомобил ба миқдори маълум андози қатъӣ медоданд. Андози арзиши иловагардида бошад, ба миқдори 20 фоизи ҷамъи нархи қимати иловагӣ, яъне ставкаи нисбӣ муайян гардидааст.

Ставкаи андоз мувофиқи миқдори объекти даромади ба андоз кашидашаванда ба хелҳои *пропорсионалӣ*, *прогрессивӣ*, *регрессивӣ* ҷудо мегардад.

*Дар ставкаи андози пропорсионалӣ* объекти ба андозкашидашаванда қатъи назар аз чӣ буданаш бо як хел усул андоз супорида мешавад. Масалан, қимати молу мулки корхона қатъи назар аз зиёд ё кам шуданаш ставкаи андози молу мулки ситонидашаванда бо оғоз аз 1 январи соли 2019 2 %-ро ташкил медиҳад.

**Ставкаи андоз** – меъёри аз тарафи давлат бар ҳар як воҳиди объекти андоз муайянгардида.

*Дар ставкаи андози прогрессивӣ* баробари афзудани даромади объект ставкаи андоз ҳам зиёд шудан мегирад. Ставкаи мазкури андоз дар мамлакатамон танҳо ба андози аз даромади шахсони ҷисмонӣ ситондашаванда истифода мегардад.

*Дар ставкаи андози регрессивӣ* бошад, баробари афзудани даромад ставкаи андоз паст мегардад.

Супорандаи андоз гуфта, на фақат одамон – шаҳрвандон, балки корхонаҳоро ҳам фаҳмидан мумкин. Зеро аз ҳар якеи онҳо алоҳида ситонида мешавад. Андозҳои пардохтаи шаҳрвнадон ва корхонаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар зер намудҳои андозе, ки онҳо пардохт мекунанд, меорем.

Давлат аз шаҳрвандон, яъне аз шахсони ҷисмонӣ андози даромад, андози молу мулк ва андози замин мерӯёнад.

Ба намудҳои андозе, ки аз корхонаҳо, яъне шахсони ҳуқуқӣ гирифта мешаванд, инҳо шомиланд: андози аз фоида (даромад)-и корхона пардохташаванда, андози аксиз, андози аз молу мулки корхона пардохташаванда, андози замин, андози қимати иловашуда, андози барои истифода аз захираҳои табиӣ супоридашаванда ва ғайраҳо. Корхонаҳо, фирмаҳо, муассисаҳои истеҳсолот ва хизматрасонии ба қонунҳои республикаи мо мувофиқ ташкилшуда шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

**Оё медонед?**

Дар асоси қонуни Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи дохил кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонуни Республикаи Ӯзбекистон ба муносибати қабул гардидани самтҳои асосии сиёсати андоз ва буҷет, ки ба соли 2019 пешбинӣ шудааст” ба даҳҳо моддаи “Кодекси андоз”-и мавҷуда тағйирот ва иловаҳо дохил карда, якчанд модда умуман, ҳазф карда шуданд.

**Шахси ҷисмонӣ** — шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бидуни шаҳрвандӣ.

**Шахси ҳуқуқӣ** — фирмаҳо, муассисаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ, корхонаҳои мувофиқ ба қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон ташкилшуда.



**Амир Темур**
**(1336 — 1405)**

Соҳибқирон Амир Темур дар салтанати худ низоми ниҳоят пурсамари андозро ташаккул додааст. Ӯ барои адолатнок шудани сиёсати андози кишвараш эътибори калон додааст. Дар «Тузукоти Темур» оиди андоз чунин гуфтааст: «Ба ҷамъоварии хироҷ ду вазир масъул аст. Яке моли ҷамъшударо навишта, аҳволи раиятро назорат карда истад, то ки боҷгирандагон ба шаҳрвандон зулм карда, ба аҳволи онҳо зарар нарасонанд. Тамоми молу мулки аз вилоятҳо ҷамъшударо ба дафтари даромад навиштанашон лозим. Вазири дуюм бошад, ба дафтари хароҷот навишта, моли ҷамъшударо барои маоши сипоҳиён тақсим кунад». Амир Темур дар давлати худ корҳои ҳисобу китобро дақиқ ба роҳ монда буд. Он ба сиёсати ҳозираи буҷаи давлатӣ хеле монандӣ дорад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ҳуҷҷатҳои қонунгузории андози мамлакатамон ба чӣ асос карда шудааст?
2. Тамоюлҳои асосии андозситониро шарҳ диҳед.
3. Фарқи субъект ва объектҳои андозситониро бигӯед.
4. Ставкаи андоз чист ва он дар кадом шкалаҳо истифода мегардад?
5. Хелҳои ставкаҳои андозро шуморед ва ба онҳо мисолҳо оваред.

**Дар хотир доред!**

• Низоми андози мамлакатамон ба тамоюли маҷбурӣ, дақиқӣ, адолатнокӣ, ягонагӣ, ошкорӣ ва ҳақ будани андозсупоранда такя мекунад.

• Ставкаҳои андоз бинобар хусусияти объекти даромади ба андозкардашаванда ба тарзи пропорсионалӣ, прогрессивӣ, регрессивӣ муайян карда мешавад.

# МАВЗӮИ 30

# ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН



















## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Тахмин кунед, шаҳрвандоне, ки дар расмҳои 1-2 ва 4-5 тасвир шудаанд, ба сифати пардохткунандаи андоз чӣ гуна ҳуқуқҳо доштанашон мумкин аст?
2. Ба фикри шумо вақте соҳибкоре, ки дар расми 4 тасвир шудааст, ба сифати андозсупор ҳуқуқаш поймол мешавад, ӯ ба кӣ бояд мурочиат кунад?
3. Байни маҷбурияти сохтмончии расми 2 ва дӯзандаи расми 5 бо соҳибкорони расмҳои 1, 4 чӣ гуна фарқият буданаш мумкин аст? Дар байни ҳуқуқҳояшон чӣ?
4. Кафолат додани ҳуқуқҳои супорандагони андоз ба зиммаи кист?
5. Ба фикри шумо иҷрошавии маҷбуриятҳои пардохткунандаи андоз бо ҳаёти шахсони расмҳои 3 ва 6 чӣ гуна алоқа дорад?

Андозсупорандагон дорои як қатор ҳуқуқу ӯҳдадорианд. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо дар Кодекси андоз, қонуни дар амалбудаи Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи хизмати андози давлатӣ» ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ оид ба андоз муайян гардидааст.

Давлат ба ҳуқуқҳои андозсупорандагон ба воситаи қонун кафолат медиҳад, баробари ҳимоя намудани манфиати андозсупоранда пеши роҳи

беадолатии сарзанандаи низоми андозиро мегирад. Донистани ҳуқуқҳои худ аз тарафи андозсупоранда барои ҳимоя кардани манфиатҳои хеш замина ба вуҷуд меоварад. Ҳуқуқҳои андозсупоранда аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ҳуқуқҳои андозсупорандагон аз инҳо иборатанд:

– оид ба масъалаҳои андоз аз мақомоти андоз маслиҳат ва маълумоти мухталиф мегирад;

– аз имтиёзоти андози давлат пешбиникарда истифода мебарад;

– бинобар баргардондани андозҳое, ки аз муайян шудааш бештар аст, ба мақомоти андоз муроҷиат кардан;

– аз мақомоти андоз маълумотҳоро дар бобати қарз доштан ё надоштан дар назди буҷа гирифтан;

– агар ҳамчун андозсупоранда ҳуқуқҳояш вайрон гардад, ба ҷои дахлдор шикоят мекунад;

– агар ҳангоми ҳисобу китоби маблағҳои андозии андозсупоранда ба хатогӣ роҳ гузошта шуда бошад, хатои мазкурро ихтиёран ислоҳ менамояд.

Кафолатҳои ҳуқуқҳои дар боло номбаргардида барои фаъолияти осоишта ва ба рӯзи оянда боэътимод нигоҳ кардани андозсупоранда имконият фароҳам меоварад. Оқибат, аз фаъолияти андозсупоранда давлат ва тамоми ҷамъият баҳраманд мегардад.

Ҳар як шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ба сифати андозсупоранда дар назди давлат ва ҷамъият як қатор ӯҳдадориҳоро ба зимма гирифта, иҷро карданаш шарт аст. Зеро, андозсупорандагон вазифаҳои дар зиммаашон бударо ба иҷро расонда, пардохтҳои андозиро сари вақт амалӣ гардонанд, аз он тамоми ҷамъият манфиатдор мегардад.

Ӯҳдадориҳои андозсупоранда инҳоянд:

– андозсупоранда қатъи назар аз шахси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ будан дар мӯҳлати пешбинигардида аз номнависи мақомоти андоз мегузарад;

– ҳангоми тағйир ёфтани нишонии корхона ба мақомоти маҳаллии андоз дар ин бора саривақт хабар медиҳад;

– миқдори мувофиқи қонун муайяншудаи андозро дар вақташ месупорад;

– шахси ҷисмонӣ – андозсупоранда дар бораи даромади худ декларатсия ва шахсони ҳуқуқӣ оид ба андоз ҳисобу китоби зарурири ба мақомоти андоз саривақт пешкаш мекунанд;

– ҳангоми истифода аз имтиёзоти андоз ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ин имтиёзро ба мақомоти маҳаллии андоз сари вақт пешкаш менамояд;

– ҳангоми вайроншавии қонунмандии андоз талаби мақомоти андозро дар бораи бартараф кардани ин қонуншиканӣ иҷро менамояд.

Иҷро кардани ӯҳдадориҳои дар боло номбаргардидаи андозсупоранда дар низоми андозситонӣ пеши роҳи вазъиятҳои ғайриқонуниро мегирад. Ӯҳдадориҳои худро донистан ва аз тахти дил ба ҷо овардани андозсупоранда на танҳо барои давлат, балки барои худи ӯ ҳам ниҳоят муҳим мебошад. Зеро он пеши роҳи афтода мондан ба вазъияти нохушро мегирад ва барои ҳаёти осудаҳолона замина фароҳам меорад.

Агар андозсупор ба ӯҳдадориҳои болоӣ риоя накунад, мувофиқи қонунгузорӣ оид ба андоз ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ҳуқуқвайронкунии оид ба андоз мумкин аст ба якчанд намуд оқибат оварда расонад:

Андоз ва пардохтҳои маҷбуриро саривақт супоридан барои ҳар як шаҳрванд ва корхона вазифаи муқаддас ба ҳисоб меравад. Андозсупори боинтизомро давлат ва ҷамъият ҳурмат мекунад ва ҳаматарафа дастгирӣ менамояд. Лекин ҳамин гуна шахсони ҷисмониву ҳуқуқӣ ҳастанд, ки онҳо ба маҷбуриятҳои худ бемасъулиятона муносибат мекунанд. Ин бошад, дар навбати худ, ба ҳуқуқвайронкунии соҳаи андоз оварда мерасонад. Масалан, ҳуқуқвайронкуниҳое мисли махфӣ доштани даромади савдо (кам нишон додан), нигоҳ доштани пардохтҳои даромад карда нашуда ҳуқуқвайронкуниҳои якчанд тоифа мебошанд:

А) ба сифати ҳуқуқвайронкунии андоз;

Б) ба сифати ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

В) ба сифати ҷиноят;

Г) ба сифати хатти ҳаракати шаҳрвандиву ҳуқуқӣ.

Дар ин вақт ҳолатҳое мисли доираи ҳуқуқвайронкунӣ, бори аввал ё такроран амалӣ шудани он, дар оқибати беэҳтиётӣ ё қасдан амалӣ шудани он ба инобат гирифта мешавад.

Ҳамзамон бо муқаррар кардани ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳои мазкур миқдори андози пинҳондошта (камшуда) низ албатта, рӯёнда мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо вайронкунандаи ҳуқуқ бо ихтиёри худ зарарҳоро пӯшонад, ӯро аз ҷавобгарӣ озод кардан мумкин.

**Асосҳои ҳуқуқии иқтисодӣ**

Барои оид ба андоз қонуншиканӣ содир намудани шахсони ҷисмонӣ аз 16-солагӣ ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд.

*Моддаи 107-уми Кодекси андози Республикаи Ӯзбекистон*

http://eduportal.uz

**Назаре ба таърих**

Мутафаккири бузург Алишери Навоӣ ба одамони оддӣ дар бораи саркашӣ накардан аз андозро маслиҳат дода, ин гуна саъю кӯшиш бо «ба шарикони худ ҷафо кардан баробар аст» гуфтааст. Фикрҳои Алишер Навоӣ дар бораи андоз, пардохти боҷу хироҷ барои донистани асосҳои таърихии донишҳо оиди андози давлати мустақиламон кӯмак расонданаш табиист.

Дар андешаҳои иқтисодии Амир Темур ба масъалаи андоз аҳамияти алоҳида дода шудааст. Соҳибқирон дар даври хеш сиёсати андози худро бо назардошти манфиати халқ амалӣ гардондааст. Вай қайд кардааст агар сиёсати андоз ба туфайли манфиати халқ камбағал гардад, оқибат давлат ҳам бенаво мешавад, барои бою бадавлат зиндагӣ кардани аҳолӣ низоми адолатноки андоз лозим аст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Андозсупоранда чӣ гуна ҳуқуқҳо дорад?
**2.** Ин ҳуқуқҳо аз тарафи кӣ ва чӣ тавр кафолатнок мегардад?
**3.** Ба фикри Шумо, сабаби аз тарафи давлат кафолатнок гардидани ҳуқуқҳои андозсупорӣ дар чист?
**4.** Андозсупоранда аз донистани ҳуқуқҳои худ чӣ гуна фоида меоварад?
**5.** Ӯҳдадориҳои андозсупорро шуморед.
**6.** Барои ӯҳдадориҳои худро аз таҳти дил ба ҷо овардани андозсупор кӣ манфиатдор аст?
7. Бинобар пардохти андоз барои ҳуқуқвайронкунӣ чӣ гуна чораҳои ҷазо истифода шуданаш мумкин аст?

**Дар хотир доред!**

- Қонунгузории давлати мо ҳуқуқҳои андозсупорро ҳимоя мекунад.
- Аз маҷбуриятҳои худро иҷро кардани пардохткунандаи андоз ҳамаи ҷамъият манфиатдор аст.
- Пардохткунандаи андоз бояд ҳуқуқ ва маҷбуриятҳои худро донад ва ба онҳо амал кунад.
- Бинобар пардохти андоз барои ҳуқуқвайронкунӣ ҷазо муқаррар аст.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО ТАКРОРИ БОБИ VI

## А. САВОЛҲО

1. Пардохти андоз ва дигар маблағҳои маҷбурӣ ба сифати андозсупоранда барои ҳар як шахс ҳам қарзу ҳам фарз буданашро чӣ тавр шарҳ медиҳед?
2. Андозсупорӣ кори савоб буданашро асоснок намоед.
3. Кадом намудҳои пардохти маҷбуриро медонед?
4. Маблағҳои аз андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ афтода бо кадом мақсадҳо харҷ мегарданд?
5. Дар бораи фикрҳои шоири мутафаккур Алишери Навоӣ оид ба андоз ҳарф занед.
6. Дар бораи Кодекси андоз чиҳо медонед?
7. Тамоюлҳои асосии андозсупориро бигӯед.
8. Хусусиятҳои хоси андозсупоранда аз чиҳо иборат аст?
9. Дар бораи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосии андозсупоранда нақл кунед.
10. Андозҳои давлатӣ ва маҳаллӣ аз ҳамдигар чӣ гуна фарқ мекунанд?
11. Дар бораи нуқтаи назари соҳибқирон Амир Темур оид ба андоз чиҳо медонед?
12. Фарқи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ – андозсупорандагонро фаҳмонда диҳед.
13. Кадом хелҳои андозро медонед?
14. Ба андози бавоситаву бевосита мисолҳо оваред. Фарқи онҳо дар чист?

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар як истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

**1.** Андоз
**2.** Кодекси андоз
**3.** Шахси ҷисмонї
**4.** Шахси ҳуқуқӣ
**5.** Объекти андоз
**6.** Субъектҳои андоз
**7.** Ставкаи андоз
**8.** Андозсупорандагон
**9.** Мақомоти ваколатдор.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) даромад, молу мулк ё моле, ки аз он шахсон андоз супурданашон лозим;
б) шахсоне, ки шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, шаҳрвандони хориҷӣ намебошанд;



http://eduportal.uz

в) ҳуҷҷате, ки асоси тамоми ҳуҷҷатҳои қонунгузориро ташкил медиҳад ва муносибатҳои андозсупориро ба тартиб меандозад;
г) андозсупорандагон ва мақомоти ваколатдор;
д) аз шаҳрвандон, фирма ва корхонаҳо ба хазинаи давлат рӯёнда шуда, пардохти маҷбурии дар қонун пешбинигардида;
е) ҳар як шахси ҷисмониву ҳуқуқӣ, ки дар зиммааш ӯҳдадории амалӣ гардондани андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ мебошад;
ё) ташкилотҳое, ки мувофиқи қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон ташкил гардида, бо мулки худ дар суд даъвогару ҷавобгар шуда метавонанд;
ж) мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки вазифаи ситондани андоз ва дигар пардохтҳои маҷбурӣ дар асоси қонун аз тарафи давлат дода, шуда дар ин бора ваколатдор шудаанд;
з) меъёре, ки ба ҳар як воҳиди объекти андоз аз тарафи давлат муайян гардидааст.

## С. ТЕСТҲО

Ҷавобҳои аз рӯи моҳият дурусту пурра ба саволҳои додашударо муайян кунед.

**1. Андози супурда ба куҷо ворид мешавад?**
А. Бунёди нафақа;
Б. Буҷаи давлатӣ;
В. Ба ҳисоби корхонаҳо;
Г. Бунёдҳо.

**2. Маблағи андоз ба кадом соҳаҳо харҷ мегардад?**
А. Таълим;
Б. Мақомоти идораи давлатӣ;
В. Нигаҳдории тандурустӣ;
Г. Тамоми ҷавобҳо дурустанд.

**3. Ҷорӣ кардани пардохти андоз, муайян кардани ставкаи андоз, ҳамчунин, дигар муносибатҳои вобастаи андозсупорӣ дар пояи кадом қонун амалӣ мегардад?**
А. Кодекси шаҳрвандӣ;
Б. Кодекси андоз;
В. Конститутсия;
Г. Қарорҳои Кумитаи андоз.



http://eduportal.uz

**4. Андозе, ки ба хазинаи давлат бевосита ворид мегардад, чӣ ном дорад?**

А. Андози бевосита;
Б. Андози бавосита;
В. Андозҳои давлатӣ;
Г. Андозҳои маҳаллӣ.

**5. Шаҳрвандони мамлакатамон, ки соли гузашта аз ду ва аз он зиёдтар манбаи даромад доштанд, то кадом санаи соли ҷорӣ декларатсияи андозро ба инспекторони андоз супурданашои шарт аст?**

А. То 1-январ;
Б. То 1-март;
В. То 1 апрел;
Г. То 31-декабр.

**6. Дар кадом ҷавоб яке аз ҳуқуқҳои андозсупорандагон оварда шудааст?**

А. Истифодабарӣ аз имтиёзи савдо;
Б. Номнавискунӣ дар мақомоти андоз;
В. Дар вақташ супурдани андоз;
Г. Саривақт супурдани декларатсияи андоз.

**7. Дар кадом ҷавоб фақат андози давлатӣ оварда шудааст?**

А. Андози фоида, андози аксиз, ки аз шахсони ҳуқуқӣ ситонда мешавад?
Б. Андози даромади шахсони ҷисмонӣ, андози арзиши иловагӣ;
В. Андоз барои истифодабарӣ аз захираҳои зеризаминӣ ва об;
Г. Тамоми ҷавобҳо дурустанд.

**8. Дар кадом ҷавоб танҳо андозҳои маҳаллӣ оварда шудаанд?**

А. Андози амвол ва андози аксиз;
Б. Андози замин ва андози арзиши иловагӣ;
В. Андози амвол ва андози замин;
Г. Андози арзиши иловагӣ ва андози аксиз.

**9. Агар аҳолӣ ба воситаи низоми андоз бенаво гардад, давлат ҳам бенаво мегардад, барои бою бадавлат зиндагонӣ кардан зарурати андози адолатнокро кадоме аз бузургони зерин баён сохтааст?**

А. Алишери Навоӣ;
Б. Амир Темур;
В. Мирзо Улуғбек;
Г. Заҳириддин Муҳаммад Бобур.

**10. Дар кадом ҷавоби поёнӣ танҳо андозсупорандагони дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ оварда шудааст?**

А. Корхонаҳои республика ва шаҳрвандони Ӯзбекистон;



http://eduportal.uz

Б. Корхонаҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ;
В. Шаҳрвандони Ӯзбекистон ва шаҳрвандони хориҷӣ;
Г. Корхонаҳои республикаамон ва корхонаҳои хориҷӣ.

**11. Кадом хел ставкаҳои андоз дар Республикаи Ӯзбекистон дар амал истифода мегардад?**
А. Прогрессивӣ;
Б. Пропорсионалӣ;
В. Бевосита ва бавосита;
Г. Тамоми болоиҳо.

**12. Дар кадом ҷавоб субъектҳои муносибатҳои андоз пурратар оварда шудаанд?**
А. Андозсупорандагон ва мақомоти ваколатдор;
Б. Шаҳрвандони хориҷӣ;
В. Шаҳрвандон ва корхонаҳои мамлакат;
Г. Нафақахӯрон ва коргарон.

**13. Дар кадом ҷавоб танҳо андози бевосита оварда шудааст?**
А. Андози аксиз ва замин;
Б. Андози арзиши иловагӣ ва даромад;
В. Андози аксиз ва арзиши иловагӣ;
Г. Андози даромад ва молу мулк.

**14. Дар кадом ҷавоб фақат андозҳои бавосита оварда шудааст?**
А. Мақомоти давлатии андоз;
Б. Мақомоти гумрук;
В. Мақомоти молия;
Г. Тамоми ҷавобҳои болоӣ.

**15. Дар кадом ҷавоб мақомоти ваколатдоре, ки субъетҳои муносибатҳои андоз ба ҳисоб мераванд, дода шудааст?**
А. Мақомоти хизмати давлатии андоз.
Б. Мақомоти гумрук.
В. Мақомоти молия.
Г. Дар ҳамаи ҷавобҳои болоӣ.

http://eduportal.uz

## ДОНИШАТОНРО САНҶИДА БИНЕД!

**Саволҳои тест барои такроркунӣ аз рӯи маводҳое, ки дар синфи 8 омӯхта шудаанд (Намунаи кори назоратии хотимавӣ)**

**1. Қимати муқобили интихоб — ин:**

А. Имконияти сернафътарин аз байни имкониятҳо;

Б. Худи имконияти интихобшуда;

В. Тамоми имкониятҳое, ки онҳо дар натиҷаи интихоб сарфи назар гардидаанд;

Г. Имконияте, ки дар натиҷаи интихоб сарфи назар шудаасту сернафътарин мебошад.

**2. Ҷумлаи дурустро ёбед. Эҳтиёҷи инсон...**

А. Маҳдуд гардидааст, чунки инсон дар мо байни вақти маҳдуд ҳаёт ба сар мебарад;

Б. Бепоён, чунки орзуву омоли инсон беҳад аст;

В. Маҳдуд, чунки захираҳо маҳдуданд;

Г. Бепоён, чунки макони зисти мо беҳад аст.

**3. Чаро иқтисодиётро меомӯзем?**

А. Иқтисоддон сарфакор мешавад;

Б. Иқтисоддон тадбиркори хуб мешавад;

В. Одами иқтисоддон қарори одилонаи иқтисодӣ қабул мекунад;

Г. Тамоми ҷавобҳои болоӣ дуруст аст.

**4. Ҷумлаи нодурустро муайян кунед:**

А. Тамоми самтҳои иқтисодӣ ба муаммои интихоб дучор мегарданд;

Б. Инсон бе эҳтиёҷоти маънавӣ дилпурона зиндагонӣ карда наметавонад;

В. Инсон дар макони беҳудуд зиндагӣ мекунад ва аз ин рӯ манбаъҳои иқтисодӣ низ поён надоранд;

Г. Эҳтиёҷи инсон поён надорад.

**5. Муаммои асосии иқтисодиёт – ин...**

А. Маҳдудияти захираҳои табиӣ;

Б. Беҳад будани эҳтиёҷи инсон;

В. Қонеъ гардондани эҳтиёҷи инсон;

Г. Барои қонеъ гардондани эҳтиёҷи беҳади инсон маҳдуд будани захираҳои зарурӣ.

**6. Омилҳои истеҳсолот – ин:**

А. Тақсимоти меҳнат ва тахассусонидан;



http://eduportal.uz

Б. Танҳо бино, иншоотҳо, асбобу ускуна ва дастгоҳҳо;
В. Танҳо малакаи коргарон ва технология;
Г. Омили табиӣ, омили меҳнат, омилҳои сармоя ва тадбиркорӣ.

**7. Кадомӣ таърифи умумист? Ҳосилнокии меҳнат – ин...**
А. Аз як воҳиди захира истифода бурда, миқдори маҳсулоти истеҳсолгардида;
Б. Миқдори моле, ки дар дохили воҳиди вақт истеҳсол гардидааст;
В. Ҳаҷми маҳсулоти як кас истеҳсолкарда;
Г. Арзиши пулии маҳсулоти як нафар коргар истеҳсолкарда.

**8. Тақсимоти меҳнат...**
А. Боиси афзудани нарх мегардад;
Б. Ҳосилнокии меҳнатро паст мегардонад;
В. Имкони ҳамвор тақсим кардани даромадро медиҳад;
Г. Ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардорад

**9. Ба ҳосилнокии меҳнат чӣ таъсир мекунад?**
А. Истифодаи технология;
Б. Тахассусонидан;
В. Маҳорати касбии коргарон;
Г. Тамоми ҷавобҳои болоӣ дуруст.

**10. Кадоме яке аз хусусиятҳои зерин ба иқтисодиёти мутамаркази нақшавӣ хос аст?**
А. Истеҳсолоти нақшавӣ;
Б. Нархҳои муқарраршуда;
В. Фармонфармоӣ;
Г. Нархҳои озод.

**11. Иқтисоди бозаргонӣ гуфта:**
А. Иқтисоди дар асоси муносибатҳои бозаргонӣ идорашаванда;
Б. Мавриди хоҷагидории оилавӣ-хонаводагӣ ба ҳисоб гирифтани муносибатҳои бозаргонӣ;
В. Иқтисодиёти байни фурӯшандаву харидор ҳангоми аз ҷониби бозор муқаррар гардидани нарх;
Г. Алоқаву муомилоти иқтисодии байни одамон.

**12. Ба муаммои «Чӣ, чӣ тавр ва барои кӣ истеҳсол кардан зарур аст?» дар куҷо дучор меоед?**
А. Танҳо дар иқтисодиёти анъанавӣ;
Б. Танҳо дар иқтисодиёти марказонидашудаи нақшавӣ;
В. Танҳо дар иқтисодиёти бозаргонӣ;
Г. Дар низоми иқтисодии дилхоҳ.

**13. Агар истеҳсолгар тамоми захираҳоро ба кор барад, аз 100 дона бештар маҳсулоти А ва аз 200 дона зиёдтар маҳсулоти В мебарорад. Барои истеҳсоли 120 дона маҳсулоти А чӣ тавр муваффақ шудан мумкин аст?**
А. Дар ягон шароит ба он муваффақ намегардад;

Б. Бо сарфакории ҷиддӣ муваффақ шудан мумкин аст;
В. Баробари кам кардани маҳсулоти В муваффақ шудан мумкин аст;
Г. Танҳо сармояи иловагӣ сарф карда, муваффақ шудан мумкин аст.

**14. Иқтисодиёти омехта ҷузъҳои кадом низоми иқтисодиро дар бар мегирад?**

А. Фақат иқтисодиёти марказонидашуда ва анъанавиро;
Б. Фақат иқтисодиёти анъанавӣ ва бозаргониро;
В. Тамоми низомҳои иқтисодиро;
Г. Иқтисодиёти марказонидашуда ва бозаргониро.

**15. Ташкили истеҳсолоти дар поён овардашударо тақсимоти меҳнат ба амал овардааст.**

А. Якумӣ, мебели ошхонагии як фабрика. Дуюмӣ, мебели мулоим ба хобгоҳ истеҳсол мекунад;
Б. Якумӣ, компутери фирма, дуюмӣ, принтер истеҳсол мекунад;
В. Пардозгари якумӣ деворро барои рангмолӣ тайёр мекунад, дуюмӣ ба девор ранг мемолад;
Г. Бразилия қаҳва, Ҳиндустон чой истеҳсол мекунад.

**16. Бозор — ин:**

А. Ҷое, ки аҳолӣ савдо мекунад;
Б. Маскани вохӯрии харидор ва фурӯшанда;
В. Ҷои мубодилаи мол ва хизмат;
Г. Ҷавоби нодуруст нест.

**17. Нархи мол — ин:**

А. Миқдори пулест, ки фурӯшанда мехоҳад бар ивази молаш гирад;
Б. Миқдори пулест, ки харидор мехоҳад бар ивази моли мегирифтааш диҳад;
В. Миқдори умумии харҷест, ки барои истеҳсоли мол сарф мегардад;
Г. Миқдори пулест, ки фурӯшанда мехоҳад бар ивази молаш гирад, харидор бошад, розӣ аст онро пардозад.

**18. Пул дорои кадом хусусиятҳо бояд бошад?**

А. Тамоми ҷавобҳои зерин дуруст аст.
Б. Пухта ва барқарор;
В. Камёб ва сохтакуниаш душвор;
Г. Қулай ва ихчам;

**19. Барои истеҳсоли мол тағйир ёфтани нархи захираҳои зарурӣ:**

А. Миқдори пешниҳод тағйир меёбад;
Б. Миқдори талаб тағйир меёбад;
В. Талаби ба мол буда тағйир меёбад;



http://eduportal.uz

Г. Пешниҳоди мол тағйир меёбад.

**20. Кадоме аз омилҳои зерин ба талаб таъсир мерасонанд?**

А. Тағйир ёфтани миқдори аҳолии истеъмолгари мол;

Б. Тағйирёбии даромади истеъмолгарон;

В. Ба миқдори зиёд ба бозор овардани мол;

Г. Интизоршавии боло рафтани нарх.

**21. Миқдори таклифии дар давоми вақти муайян...**

А. Миқдори моли аз тарафи харидорон бо нархи маълум харид карданашон мумкин буда;

Б. Миқдори моли аз тарафи харидорон истеҳсол карданаш имконпазир;

В. Миқдори моле, ки фурӯшандагон ба нархи муайян фурӯхтанашон мумкин аст;

Г. Тамоми миқдори моле, ки аз тарафи фурӯшандагон ба бозор оварда шудааст.

**22. Агар миқдори талаб ба мол аз миқдори пешниҳод дар бозор бисёр бошад, он гоҳ:**

А. Мол ба фурӯш нарафта, ҷамъ шуда мемонад;

Б. Камии мол намоён мегардад;

В. Мувозинат ба вуҷуд меояд;

Г. Байни фурӯшандагон рақобат пайдо мегардад.

**23. Дар натиҷаи рақобат байни фурӯшандагон молҳо ...**

А. Сифаташ бад, навъаш бисёр мешавад;

Б. Нархаш тағйир намеёбад, сифаташ бад мешавад;

В. Навъаш мумкин аст зиёд шавад;

Г. Нархаш арзон, сифаташ хуб мешавад.

**24. Кадоме аз хусусиятҳои поёнӣ хоси иқтисоди бозаргонӣ нест?**

А. Тадбиркорӣ;

Б. Мулки хусусӣ;

В. Пурзӯргардонии монополия;

Г. Рақобат.

**25. Тамоюли «Бартарии иқтисодиёт нисбат ба сиёсат» ...**

А. Зарурати сарислоҳотгар шудани давлатро мефаҳмонад;

Б. Зарурати ба қонун ва иҷрои қонунҳо устувор буданро мефаҳмонад;

В. Зарурати аз мафкура холӣ намудани муносибатҳои иқтисодии ҳам дохилӣ ва ҳам беруниро мефаҳмонад;

Г. Доир ба гузарондани сиёсати иҷтимоии пурқувват чорабиниҳои таъсирбахш диданро мефаҳмонад.

**26. Китоби аввалин оид ба иқтисодиёт аз ҷониби кӣ иншо гардидаст?**

А. Адам Смит;
Б. Арасту;
В. Ксенофонт;
Г. Алфред Маршалл.

**27. Талабу таклиф ба мол дар намуди ҷадвали зерин дода шудааст. Нархи мувозинатӣ (сӯм), миқдорӣ (дона) ва ҳаҷми фурӯши молро аниқ кунед.**

| *Нархи мол* | 400 | 800 | 1200 | 1600 |
|---|---|---|---|---|
| *Миқдори талаб* | 15 | 10 | 5 | 0 |
| *Миқдори пешниҳод* | 8 | 10 | 14 | 20 |

А. 400 сӯм, 10 дона, 4000 сӯм;
Б. 800 сӯм, 10 дона, 4000 сӯм;
В. 800 сӯм, 10 дона, 8000 сӯм;
Г. 1200 сӯм, 10 дона, 8000 сӯм.

**28. Даромади андозситонанда, молу мулк ё ки мол чӣ номида мешавад?**

А. Субъекти андоз;
Б. Объекти андоз;
В. Ставкаи андоз;
Г. Андоз.

**29. Андозсупорандаи шахси ҷисмонӣ шуморидашуда дар кадом ҷавоб оварда шудааст?**

А. Фирмаи хусусии пойафзор истеҳсолкунанда;
Б. Заводи истеҳсолкунандаи орд;
В. Коргари нашриёт;
Г. Тамоми андозсупорандагон.

**30. Андозсупоранда – шахси ҳуқуқӣ дар кадом ҷавоб оварда шудааст?**

А. Фирмаи хусусии пойафзористеҳсолкунанда;
Б. Омӯзгор;
В. Коргари нашриёт;
Г. Тамоми андозсупорандагон.

**31. Яке аз ӯҳдадориҳои андозсупоранда дар кадом ҷавоб оварда шудааст?**

А. Истифодабарӣ аз имтиёзи андози давлат муқарраркарда;
Б. Саривақт пардохтани миқдори андозҳои пешбинигардида;



http://eduportal.uz

В. Дар вақти вайрон гардидани ҳуқуқҳои андозсупоранда ба сифати андозсупор ба ҷои зарурӣ шикоят намудан;
Г. Аз мақомоти андоз дар бораи қарз доштан ва ё надоштан маълумот гирифтан.

**33. Як шаҳрванд аз 300 воҳид даромади худ 36 воҳид, шаҳрванди дигар аз 440 воҳид даромади худ 44 воҳид даромад пардохт кард. Бинобар онҳо ставкаи даромади андоз чӣ қадар аст?**

А. Пропорсионалӣ; Б. Прогрессивӣ;
В. Регрессивӣ; Г. Ҷавоби дуруст дода нашудааст.

**34. Дар бозор ба микдори пешниҳод баробар будани нархи миқдори талаб ба мол ... номида мешавад.**

А. Нархи қатъии мол; Б. Нархи аслии мол;
В. Нархи мустақили мол; Г. Нархи бозории мол.

**35. Нархи молро тағйир надода, ба воситаи омилҳое мисли беҳтар кардани сифати он, пурзӯр кардани реклама ба рақобат таъсир гузоштан ... номида мешавад.**

А. Рақобат; Б. Бидуни воситаи нархҳо рақобат кардан;
В. Ба тартиб овардани бозор; Г. Ба воситаи нархҳо рақобат кардан.

**36. Бозори рақобати соф, рақобати бозори монополистӣ, бозори олигополистӣ, бозори монополии соф ин ... аст.**

А. Намудҳои монополия;
Б. Истилоҳоти ифодакунандаи ба кӣ дахлдор будани бозорҳо;
В. Истилоҳоти ифодакунандаи фикрҳои ширкаткунандагони бозор нисбат ба бозор;
Г. Нархи бозории мол.

**37. Баъзе соҳаҳо, шабакаҳо ё корхонаҳои истеҳсолии дорои аҳамияти давлатӣ ва қасдан монополишуда ... номида мешавад.**

А. Монополияҳои давлат; Б. Монополияҳои дидаву дониста;
В. Монополияҳои табиӣ; Г. Монополияҳои озод.

**38. Воситаи асосии қонунгузории ба монополияи мамлакати мо муқобил аз ... иборат аст.**

А. Ба монополия барҳам додан, дастгрии соҳибкорӣ ва рақобат;
Б. Маҳдудкунии монополияҳо;
В. Ноил гардидан барои ба мувозинатоварии талаб ва пешниҳод дар бозор;
Г. Баланд бардоштани нақши давлат дар муносибатҳои бозор.

**39. Низоме, ки ба мулкдории хусусӣ асоснок гардида, ҳамаи муаммоҳои иқтисодӣ бо ёрии механизмҳои бозор муайян карда шудааст, ... номида мешавад.**

А. Муносибатҳои бозор; Б. Низоми иқтисодӣ;
В. Низоми бозор; Г. Иқтисодиёти бозор.

**40. Дар иқтисодиёти бозор ...**

А. Нақшаҳо омилҳои асосӣ мебошанд;
Б. Давлат ширкаткунандаи асосии бозор аст;
В. Нархҳо озод мешаванд;
Г. Ҷавоби дуруст нест.

**41. Дар кадоме аз ҷавобҳо фақат бевосита андозҳо оварда шудаанд?**

А. Андози замин ва аксиз;
Б. Андози қимати иловашуда ва андози даромад;
В. Андози қимати иловашуда ва аксиз;
Г. Андози молу мулк ва даромад.

**42. Дар кадом ҷавоб фақат андозҳои бавосита оварда шудаанд?**

А. Андози замин ва аксиз;
Б. Андози қимати иловашуда ва андози даромад;
В. Андози қимати иловашуда ва аксиз;
Г. Андози молу мулк ва даромад.

**43. Дар кадом ҳолат самаранокии меҳнати якрӯза баланд аст?**

А. 12 коргар 120-то детал тайёр мекунад;
Б. 8 коргар 95-то детал тайёр мекунад;
В. 11 коргар 105-то детал тайёр мекунад;
Г. 20 коргар 200-то детал тайёр мекунад.

**44. Кадоме аз ашёҳои дар расмҳои зерин тасвиршуда вазифаи пулро иҷро мекунад?**

А. 


Б. 


В. 


Г. 


http://eduportal.uz

**С32** Сариқов Э., Хайдаров, Б.

Асосҳои дониши иқтисодӣ: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Э. С. Сариқов, Б.Қ. Ҳайдаров. — Т.: Нашриёти «Huquq va jamiyat», 2019 — 160 с.

I. Ҳаммуаллиф

ISBN 978-9943-07-301-2

**УДК 97.0175.6(075)**
**ББК 65.01я721**

Sariqov Ergashvoy Sotvoldiyevich
Haydarov Bahodir Qayumovich

# IQTISODIY BILIM ASOSLARI

***Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 8-sinf uchun darslik***

*Tojik tilida*
*Qayta ishlangan va to'ldirilgan, to'rtinchi nashr*

«O'zbekiston milliy ensiklopediyasi» Davlat ilmiy nashriyoti, 2019.
Toshkent-129, Navoiy ko'chasi 30-uy.

Оригинал макет дар нашриёни "Ҳуқуқ ва Ҷамъият" тайёр карда шудааст

| | |
|---|---|
| Тарҷимон | Х. Ҳамидов |
| Муҳаррир | Ш. Турдиқулов |
| Муҳаррир техникӣ | М. Садиров |
| Ороишгар | Х.Сариков |
| Саҳифабанд | Ҳ. Шарипова |

Литсензия AI №160, 14.08.2009.
Ба чопаш 00.00.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 70 x 90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи Таймс.
Кегли 11. Коғази офсет. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 11,7
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,53. Теъдоди нашр 0000 дона. Супориш №

Дар ХЭТН «O'zbekiston»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Республикаи Ӯзбекистон, 100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 чоп шудааст.

http://eduportal.uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

## Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридаст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноат-бахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гардидааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноат-бахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор карда намешавад |

http://eduportal.uz